4. Положение (стандарт) бухгалтерского учета № 12 "Финансовые инвестиции": [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.minfin.gov.ua.
5. Положение (стандарт) бухгалтерского учета №13 "Финансовые инструменты": [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.minfin.gov.ua.
6. Бутинец Ф. Ф., Бутинец Т. А., Савченко Р. А., Вахрушина М. А., Колумбет О. П.; ред.: Бутинец Ф. Ф. Современный бухгалтерский учет и контроль: проблемы развития: монография: Винница. финансов.-эконом. Ун-т, Житомир. наук. бух. шк.- Житомир: Рута, 2014.
7. Бутусов О. В. Учет инвестиционной деятельности [Текст]: учеб. пособие / О. В. Бутусов. – М.: Центр учебной литературы, 2010.
8. Швец В. Г. Теория бухгалтерского учета: учебник / В. Г. Швец. – Киев: Знание, 2014. – 525 с.
9. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» (ЗРТ от 03.08.2018 г., № 1547).

**Азамова Лайло Сарваровна** магистранти курси 2- ихтисоси 250108
Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.
Раҷабзода О.Дж.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ: ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТ ВА ТАФТИШ

Дар мақола нақши низоми бонкиро дар қатори дигар низомҳои молиявии давлат, яке аз механизмҳои асосии таъмини аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ нишон додааст. Бо таҳлилҳои воқеӣ вазъӣ хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии кишварро нишондода ва ҳамчунин мушкилотҳои мухталифу бахри ҳалли масъалаҳои ҳалталаб пешниҳодҳои мушаххас овардааст.

**Вожаҳои калидӣ:** низоми бонкӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, боварии аҳолӣ, бозори қарзӣ, кортҳои бонкӣ, воситаҳои пардохтӣ, , рушди иқтисодӣ.

Дар шароити муосир, ки ҷомеа бо сохти нави иқтисодӣ пеш меравад, нақш ва нуфузи ташкилотҳои қарзӣ афзуда, ба соҳаи фаъолияти онҳо диққати аҳли ҷомеа бештар равона гардидааст. Низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар мавқеи хосаро доро буда, маҳз аз фаъолияти натиҷабахши он рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт вобастагии калон дорад.

Бояд зикр намуд, ки омилҳои зиёди дохилию берунӣ метавонанд таъсири манфии худро бевосита ба низоми бонкии кишвар расонанд ва вобаста ба ин масъала, барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда ва таҳкими эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар назди Бонки марказӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо оид ба мушкилотҳои соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ чунин ибрози андеша намудаанд: «Бонки миллиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ва барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо бо роҳи ҷоннок намудани назорати бонкӣ, арзёбии дороии бонкҳо ва мониторинги доимии вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тақвият бахшад» [1, с.12].

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ агар ба низоми бонкии кишвар назар афканем, шумораи зиёди ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ва бо ҳамин васила барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ нисбат ба фаъолияти онҳо амалиётҳои бонкиро мегузаронанд. Низоми бонкӣ ҳамчун муҳаррики пешбарандаи рушди тамоми бахшҳои иқтисоди кишвар баҳисоб рафта ва нақши он дар рушди истеҳсолоти ватанӣ назаррас мебошад.

Ҳамин тавр, соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар 10,0 млрд. сомониро ташкил намуд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2021 4,7 фоиз ё ба маблағи 446,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад [5]. Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 41,0 фоиз ё 4,1 млрд. сомонӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ рост меояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки яке аз бахшҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир, ин рушди мукаммали бозори қарзӣ ба шумор меравад. Ташаккулёбӣ ва рушди бозори қарзҳои бонкӣ аз устувории низоми бонкӣ, сатҳи боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ва мавҷудияти инфрасохтори зарурии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии муосир ба аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, соли 2020 ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар 10,0 млрд. сомониро ташкил намуд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2019 4,7 фоиз ё ба маблағи 446,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад [5]. Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 41,0 фоиз ё 4,1 млрд. сомонӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ рост меояд.

Баланд бардоштани маърифати молявии аҳолӣ яке аз омилҳои муҳим дар ҷалб намудани эътимоди онҳо нисбат ба низоми бонкӣ ба шумор меравад. Он назарсанҷие, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2021 бо мақсади муайян намудани сатҳи боварии аҳолӣ нисбати низоми бонкӣ гузаронида буд, ҷавобҳои пешниҳодшуда нишон доданд, ки 74,3 фоизи аҳолӣ пурра ва қисман бовари доштани худро ба низоми бонкӣ пешниҳод намудаанд [4, с.60]. Метавонем ба воситаи диаграммаи навбатӣ сатҳи боварии аҳолиро нисбат ба низоми бонкӣ мушоҳида карда бошем:

**Расми 1**

**Сатҳи боварии аҳолӣ нисбати ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бо фоиз)**




**Сарчашма: маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тарақиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни соли 2023, - с,60.**

Баланд бардоштани сатҳи боварии ахолӣ ба низоми бонкӣ ҳамчун механизми асосӣ дар фаъолияти онҳо баҳисоб рафта ва бо ин тариқ имконияти ҷалби воситаҳои молиявӣ пайдо шуда, дар устувории ҳолати молиявӣ ва сатҳи пардохтпазирии фаъолияти бонкҳо таъсири мусбат мерасонад.

Дар воқеъ, бо дарназардошти таъсири манфии омилҳои дар боло қайдкардашуда метавон чораҳои зеринро баҳри устувор нигоҳ доштани фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ андешид:

- тақвият додани ҳамкориҳо дар самти ҷалби бештари сармояи арзон ва дарозмуддат;
- андешидани чораҳо барои дастрас шудани фоизи қарзҳо;
- баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ;
- зиёд кардани ҳаҷми пасандозҳо;
- кам кардани шумораи қарзҳои ғайрифаъол;
- такмили сиёсати қарзӣ;
- такмили тахассусии кормандон;
- пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо;
- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷори намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ.

Умедворем, ки дар ояндаи наздик бахусус бо рушди фарогирии молиявии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар ва сатҳи некуаҳволии мардум то андозае таъмин хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ

1. Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни 2022, - 84 с.
2. Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, октябр-декабри 2021, - 84 с.
3. Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни 2016, - 84 с.

**Амонова Муҳаёхон Неъматҷоновна**
донишҷӯи курси чоруми ихтисоси 250104 молия ва қарз

# НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ СИЁСАТИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Аннотатсия:** Дар мақолаи пешниҳодгардида баъзе масъалаҳои назариявии муносибатҳои қарзӣ ва сиёсати қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар дар шароити имрӯза баррасӣ гардида, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ, хусусан нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ҳолатҳои мушкилӣ дар асосноксозии сиёсати оптималии қарзӣ, тавсифи фаъолият, устуворӣ ва инкишофи бонкҳои тиҷоратии кишвар оварда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: Қарз, сиёсати қарзӣ, бонк, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, амалиётҳои қарзӣ, қарзи бонкӣ

Мубраммияти мавзӯи таҳқиқот дар мақола ба он асос меёбад, ки дар шароти муосир ба беҳтаршавии амалиётҳои қарзӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд, чунки маҳз амалиётҳои қарзӣ имконият медиҳанд, ки дар шароити истифодаи дурусти захираҳои қарзӣ маблағи бештари даромадҳоро ба даст оранд. Аз бисёр ҷиҳат қарзҳо дар амалиётҳои фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ вазни қиёсии асосиро ишғол менамоянд ва дар ҳақиқат ин мавзӯъ ба худ муҳимияти хосса дорад.

Дар шароити муосир соҳаи бонкӣ дар Тоҷикистон яке аз бахшҳои рушдёбандаи (динамикӣ) - и иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки дар шароити кунунӣ самти асосӣ ва қисми таркибии он бахши сиёсати қарзияш ба шумор меравад. Низоми муосири қарздиҳии бонкӣ барои ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, таҳкими иқтисодиёти давлат, маҳдуд намудани афзоиши ҳаҷми пули дар муомилот, равона карда шудааст, ки ин бевосита дар сатҳи олӣ қарор доштани сиёсати қарзии тамоми ташкилотҳои қарзии ватанӣ дарак медиҳад.

Қарз маблағҳои муваққатан озодмондаеро меноманд, ки бо шартҳои гуногун (фоизнокӣ, мӯҳлатнокӣ, баргарданда, саривақтӣ ва ҳатмӣ) ба шахсони эҳтиёҷманд пешниҳод карда мешавад. Қарз - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст[10].

Қарзи бонкӣ нисбат ба қарзи таҷоратӣ аз ҷиҳати ҳисоби маблағ, мӯҳлат ва соҳаи истифодабариаш бартарият дошта, соҳаи истифодабарии он хеле васеъ мебошад.

Амалиётҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз амалиётҳои асоситарини бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравaнд. Бонкҳои тиҷоратӣ ин намуди амалиётро мувофиқи модаи 3 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бо иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷкистон метавонанд гузаронанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ шакли асосии қарз ин қарзи бонкист, яъне қарзест, ки бонкҳои саҳомии тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд. Субъекти муносибатҳои қарзӣ ин хоҷагиҳо, соҳибкорон, аҳолӣ, давлат ва худи бонкҳо мебошанд.

Қарздиҳанда шахси ҳуқуқи ва ё воқеиест, ки вай маблағи пулии муваққатан озодмондаи худро дар як давраи муайян ба дигар субъекти хоҷагидорӣ ё шахс қарз медиҳад.

Қарзгиранда субъекти хоҷагидорӣ ё шахсеро меноманд, ки маблағи пулиро ба сифати қарз ба даст меорад ва уҳдадор мешавад, ки қарзи гирифташударо дар мӯҳлати муайяншуда ба соҳибаш бар гардонад.

Барои баланд шудани мазмуни амалии мақола қарзҳои бонкҳоро аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун таҳлил намуданамон зарур мешуморем. менигарем ба ҷадвали 1.

Ҷадвали 1.Сифати сандуқи қарзии бонкҳо тайи солҳои 2019-2023

[10]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", Душанбе, 19.05.2009.№524. Мафҳумҳои асосӣ

(ҳаз. сомонӣ)

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **Фарқият (+-)** |
| **1** | **Сандуқи қарзӣ** | **7 578 435** | **10 882524,84** | **36 943,77** | **13 269 595,04** | **17 473 976,45** | **9 895 541,45** |
| 1.1. | Қарзҳои қолабӣ | 4 928 930 | 10 471791,57 | 36 012,94 | 10 471 791,57 | 14 137 341,66 | 9 208 411,66 |
| 1.2. | Қарзҳои ғайриқолабӣ | 239 232 | 106 706,34 | 366,56 | 106 706,34 | 739 504,35 | 500 272,35 |
| 1.3. | Қарзҳои шубҳанок | 30 723 | 41 657,94 | 29,42 | 41 657,94 | 293 641,08 | 262 918,08 |
| 1.4. | Қарзҳои зери назоратӣ | 150 442 | 634 240,32 | 528,84 | 1 178 922,04 | 1 109 365,52 | 958 923,52 |
| 1.5. | Қарзҳои беэътимод | 2 229 108 | 1 470 517,16 | 6,01 | 1 470 517,16 | 1 194 123,83 | - 1 034 984,17 |

**Манбаъ:**дар асоси нишондиҳандаҳои Бюллетени омори бонкӣ 2019,12 (293), 2020, 12 (305) саҳ.45. 2021, 12 (316) саҳ.41 , 2022, 12 (329),саҳ.61. 2023, 12 (341)саҳ.63 аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Нишондиҳандаҳои овардашуда дар ҷадвали 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки соли 2023 бозори қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба таъсири манфии омилҳои дохиливу берунӣ қисман нисбати солҳои гузашта афзоиш ёфтааст. Барои мисол агар сандуқи қарзии бонкҳо дар соли 2019 маблағи 7 578 435 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 17 473 976,45 млн.сомонӣ баробар шудааст, ки 9 895 541,45 млн.сомонӣ афзоиш дорад. Фақат нисбати Қарзҳои беэътимод коҳишёбӣ дида мешаваду халос, ки инҳам аз беҳбудии кори бонкҳо далолат медиҳад. Барои мисол агар қарзҳои беэътимод дар соли 2019 маблағи 2 229 108 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 1 194 123,83 млн.сомонӣ баробар шудааст, ки 1 034 984,17 млн.сомонӣ ё 130,57, дарсад коҳиш ёфтааст.

Барои бозҳам баланд гардидани мазмуни амалии мақола қарзҳои бонкҳоро аз рӯи Пӯёи афзоиши қарзҳои бонкҳо, аз рӯи соҳаҳо таҳлил намудан зарур меояд. Менигарем ба ҷадвали 2.

Ҷадвали 2. Пӯёи афзоиши қарзҳои бонкҳо, аз рӯи соҳаҳо давоми солҳои 2019-2023
*(млн.сомонӣ)*

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **Тағ-т бо маблағ 2023/2019** |
| **1.** | **Ҳамаи қарзҳо** | **7 664 690** | **8 903 692** | **1174 758,1** | **14 382 092,0** | **18 991 159,0** | **11 326 469** |
| **1.1.** | Кишоварзӣ | 154 292 | 764 400 | 83 301,9 | 2 433 946,5 | 2 734 416,1 | 2 580 124,1 |
| **1.2** | Саноат | 6 705 644 | 2 996 997 | 97 762,1 | 1 478 513,4 | 2 678 695,9 | - 4 026 948,1 |
| **1.3.** | Сохтмон | 350 227 | 1 313 902 | 107 665,0 | 527 026,7 | 726 041,9 | 375 814,9 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.4.** | Наклиёт | 72 995 | 227 226 | 2 343,0 | 244 734,1 | 130 557,3 | 57 562,3 |
| **1.5.** | Хӯроки ҷамъиятӣ | 2 408 | 34 936 | 280,0 | 31 068,1 | 24 579,0 | 22 171 |
| **1.6.** | Хизматр-нӣ | 57 494 | 343 538 | 141 464,9 | 1 463 894,1 | 1 350 745,7 | 1 293 251,7 |
| **1.7.** | Савдои хориҷӣ | 150 089 | 1 373 035 | 144 928,4 | 2 015 854,9 | 2 224 658,1 | 2 074 569,1 |
| **1.8.** | Миёнаравии молиявӣ | 4 650 | 3 840 | 2 000,0 | 8 020,9 | 15 384,2 | 10 734,2 |
| **1.9.** | Истеъмолот | 67 593 | 1 686 187 | 485 947,2 | 5 603 019,9 | 8 189 533,2 | 8 121 940,2 |
| **1.10.** | Дигар | 99 298 | 159 631 | 111 065,6 | 576 013,4 | 916 547,6 | 817249,6 |

**Манбаъ:**дар асоси нишондиҳандаҳои Бюллетени омори бонкӣ 2019,12 (293), 2020, 12 (305) саҳ.45. 2021, 12 (316) саҳ.41 , 2022, 12 (329), 2023, 12 (341)саҳ.42 аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Аз ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки қарзҳои бонкҳо аз рӯи соҳаҳо дар кишвар сол ба сол самти руштро ба худ касб намуда истодаанд. Мисол агар дар соли 2019 ҳамаи қарзҳо 7 664 690 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишҳондиҳанда дар соли 2023 ба 18 991 159,0 млн.сомонӣ баробар шудааст, ки 11 326 469 млн.сомонӣ ё 147,77 фоиз афзоиш ёфтааст, ки дар ҳоли рушд қарор доштани афзоиши қарзҳои бонкҳо ва умуман фаъолияти бонкдории кишвар дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки раванди бо мароми амалиётҳои қарзии ҳар як ташкилоти қарзӣ, хусусан бонкҳои тиҷоратӣ аз сиёсати қарзии онҳо манша мегиранд, ки дар таҷриба сиёсати қарзӣ дар худ хуҷҷати расмиро тасаввур менамояд, ки дар он фалсафаи фаъолияти қарзӣ ифода ёфта, дар баланд бардоштан ва рушди фаъолияти дилхоҳ бонки муосир заминаи мусоид хоҳад овард.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб намудани фоизи он дар ташкилоти қарзӣ» Илова бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №58 аз 03 майи соли 2016 тасдиқ шудааст.
2. Жарковская Е.П. Банковское дело: учебник для студентов «Финансы и кредит» /6-е изд. и сип: «Омега-Л», 2008. 210 с.
3. Коробовой. Г.Г Банковское дело: учебник / изд. с изм.-М.: Экономист, 2006. -710 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Душанбе, 19.05.2009.№524. Мафҳумҳои асосӣ
5. Лаврушин О.И. Банковское дело: учебное пособие «Финансы и кредит» / 3-е изд., доп.-М.: КНОРУС, 2007. -238 с.
6. Тавасиева А.М. Банковское дело: Управление кредитной организации «Финансы и кредит» /5-е изд. и сип: М. «Юнити» 2007 год.287 с.
7. Турбанов. А, Тютюник. А, Банковское дело. Операции технологии управления / М.:Альпина Паблишерз. 2010. 81с.
8. Шариф раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе «Эр-граф» 2009, саҳ. 246.

**Кенҷаева Нилуфар**
Донишҷӯи курси 2 ихтисоси 25010402
Роҳбари илмӣ: муаллимаи калон Раҳматова К.Н.

## ТАШКИЛИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ корхонаву ширкатҳо дар шаклҳои гуногуни моликият рӯи кор омаданд. Таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ зарурати фаъолгардонии бозори коғазҳои қиматнокро пеш овард.

Аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори коғазҳои қиматнок, ки иқтисодиёти миллӣ ба он ниёзи хосса дорад, аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намуда, нисбати пай дар пай ташаккулёбии он чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Ташаккулёбии бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мусоиди иқтисодӣ қарор дошта, барои фаъолияти пурсамари бозори фондӣ шароитҳои зарурӣ муҳаё гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки баҳри рушди ин соҳаи муҳими иқтисодиёт то имрӯз аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок новобаста аз шароити мавҷудаи иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди ташаккулёбии бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла тақвияти назорати бозори фондӣ ва ташкили инфрасохтор, ки яке аз афзалиятҳои ташаккулёбии бозори коғазҳои қиматнок ба ҳисоб мераванд, корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.

Дар робита ба ин масъала бо мақсади иҷрои талаботҳои Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бозори коғазҳои қиматнок, як катор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок»;
- Стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок;
- Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ;
- Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият;
- Низомнома дар бораи фаъолияти брокерию дилерӣ дар бозори коғазҳои қиматнок;
- Низомнома дар бораи Депозитария марказӣ. (Махфуздорандаи марказй);
- қоидаҳои барасмиятдарории бақайдгирии барориши коғазҳои қиматнок;
- тартиби аз ҷониби эмитентҳо пешниҳод намудани ҳисобот оид ба соҳибони коғазҳои қиматнок;
- тартиби пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии коғазҳои қиматнок;
- тартиби додани рақами бақайдгирии давлатӣ ба барориши коғазҳои қиматнок,
- тартиби пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок қабул гардиданд.[11]

Ҳамзамон ҷиҳати рушди минбаъдаи бозори коғазҳои қиматнок Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, № 589, тасдиқ карда шуд.

Аз чумла ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор тағйироту иловаҳо, ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории амалкунанда ва додани имтиёзҳои андозӣ барои субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок ва сармоягузороне, ки дар биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, ворид карда шуданд.

Инчунин бо мақсади мукаммалгардонии талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок», ҷиҳати аз байн бурдани ихтилофоти қонунгузории

[11] Ҷураев Ш.Ҷ., Раҳматова К.Н., Наботова П. Ҷ. Бозори коғазҳои қиматнок. – Душанбе, 2020 г.

амалкунанда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”, таҳия гардид, ки айни замон ҷиҳати мувофиқагардонӣ дар вазорату идораҳои дахлдори давлати қарор дорад.[12]

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тасдиқи буҷети давлатӣ, дараҷаи баланди касри буҷет ва муфлисшавии шумораи зиѐди корхонаҳо ба назар мерасад.

Маҳз ба туфайли ин зарурият, ҷалбнамоии маблағҳои муваққатан озоди сармоягузоронро дар шакли коғазҳои қиматнок, ҳамчун институти муҳимми иқтисодӣ дар назар гирифта, тадбиқи онро дар Тоҷикистон бағоят муҳим мешуморем.

Бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи ташкилѐбӣ қарор дорад ва фаъолияташ давра ба давра ба низом даромада истодааст. Сабабҳои мавҷуд набудани бозори дуюминдараҷа дар ҷумҳурӣ, ин тайѐр набудани субъектҳои хоҷагидорӣ ва миѐнаравони молиявӣ ба қабули механизмҳои бозории замони муосир мебошад, чунки бозори коғазҳои қиматнок бе институтҳои пешбарандаи он, ба монанди: биржаи фондӣ, ширкатҳои брокерӣ-дилерӣ, фондҳои суғуртавӣ ва сармоягузорӣ амал карда наметавонад.

Ҳоло бозори коғазҳои қиматнок дар Тоҷикистон ба таври лозима вазифаи гардиши воситаҳои пулии сармоягузоронро иҷро накарда бошад ҳам, вале то андозае фаъолияти он қатъ нагардида, дар шакли бозори якуминдараҷа рушд намуда истодааст. Ҳамзамон, тамоюли рушди бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар бо коғазҳои қиматноке, ки дар асоси бозори якуминдараҷа ва фаъолияти маҳдуддошта қарор доранд, тасаввур кардан мумкин аст. Бозори якуминдараҷаи коғазҳои қиматноки Тоҷикистонро бештар бо саҳмия ҳангоми ташкил намудани ҷамъиятҳои саҳомӣ ѐ хусусигардонии моликияти давлатӣ, вексел ва вомбаргҳо барои рӯйпӯш намудани касри буҷет, вомҳои Бонки миллӣ барои танзими асъор ва чекҳои бонкӣ барои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ байни иштирокдорони бозор фаъолият мекунанд, тасаввур кардан мумкин аст.

Бозори коғазҳои қиматнок қисми муҳими бозори молиявӣ мебошад. Бозори коғазҳои қиматнок соҳаи муносибатҳои иқтисодии марбут ба барориш ва гардиши коғазҳои қиматнок мебошад.

Аз ин рӯ, мақсади фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок - ба монанди ҳамаи бозорҳои молиявӣ - ин барои таъмини он, ки механизми ҷалби сармоягузориҳо дар иқтисодиёт тавассути ташкили алоқаҳои зарурӣ байни онҳое, ки ба маблағ ниёз доранд ва онҳое, ки мехоҳанд даромади зиёдтарро сармоягузорӣ кунанд, мебошад.

Сармоягузор сармояи қарзие, ки аз ҷониби ӯ ба даст оварда шудааст, пешниҳод мекунад ва имкон медиҳад, ки он ба шакли сармояи пулӣ тавассути фурӯши коғазҳои қиматнок таъмин гардад. Ҳамин тариқ, муомилоти сармоя бо тағирёбии сармояи воқеӣ ба пул тавассути бозори фондӣ анҷом меёбад.

Дар айни замон, хеле муҳим аст, ки бозори коғазҳои қиматнок механизми таъмин намудани интиқоли самараноки сармоягузориҳо аз даст ба даст таъмин намояд ва ин интиқол бояд қонунӣ маҳдуд бошад.

Бозори коғазҳои қиматнок як қисми бозори молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар иқтисодиёти имрӯза нақши муҳим дорад. Мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият ва ҷамъиятҳои саҳомӣ шароити ҷалб намудани маблағҳоро бо роҳи баровардани коғазҳои қиматнок ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон кор карда баромадани механизми муосири азнавтақсимкунии маблағҳои пулӣ ба макро ва микро иқтисодиёт мебошад.

Ба ғайр аз ин, ба воситаи барориши коғазҳои қиматнок ҷалби воситаҳои пулӣ барои рӯпуш намудани касри буҷети давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Моҳияти бозори коғазҳои қиматнок тавассути вазифаҳои он зоҳир мешавад, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

[12] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок», таҳти №745 аз 28 июни соли 2011. –Душанбе, 2011.

1. умумибозорӣ;
2. хусусиятнок.

Бозори коғазҳои қиматнок мисли дигар бозорҳо сохташ мураккаб аст, ки тавсифҳои бисёр дорад. Қисми таркибии бозори коғазҳои қиматнок дар асоси худ на танҳо ин ё он намуди коғазҳои қиматнокро дорад, балки тарзи савдоро дар бозори мазкур ба мазмуни васеъ мефаҳмонад (ниг.ба расми 1) .[13]




Аз ин нуқтаи назар дар бозори коғазҳои қиматнок чунин бозорҳоро фарқ мекунанд:

- ибтидоӣ ва дуюминдарача;
- муташаккил ва ғайримуташаккил;
- биржавӣ ва ғайрибиржавӣ;
- анъанавӣ ва электронӣ;
- хазинавӣ ва мӯҳлатнок.

Рушди бозори коғазҳои қиматнок ва институтҳои он бошад, дар умум ҳамчун мувозинаткунандаи тамоми фаъолияти макроиқтисодии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин, дуруст баҳодиҳӣ намудани он барои ҳар як давлат шарти муҳим маҳсуб мешавад.

Ҷараёни таҳаввулоти институтҳои бозори коғазҳои қиматнок то соли 2020 аз нигоҳи мо ба чор давра ҷудо намудан мумкин аст, ки ба давраи якуми он - ин ташаккулёбии аввалин амалиётҳои биржавӣ ва институтҳои он, ба давраи дуюм - васеъ шудани амалиётҳои биржавӣ дар давлатҳои Аврупо, ба давраи сеюм - таъсиси бозори коғазҳои қиматнок дар Россия ва ба давраи чорум - рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар баробари ҳамаи ин, қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ҷараёни пайдоиш ва устувор гардидани рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок, нақши асосиро ин: давлат,

[13] Ҷураев Ш.Ҷ., Раҳматова К.Н., Наботова П. Ҷ. Бозори коғазҳои қиматнок. – Душанбе, 2020 г.

иштирокчиѐни касбӣ (фурӯшандаҳо ва харидорон) ва тиҷорати биржавӣ, ки то ба имрӯз баъзе аз инҳо амал мекунанд, мебозанд (ниг.: рас. 1).[14]

| Давраҳои таҳаввулоти институтҳои бозори коғазҳои қиматнок | Институтҳои бозори коғазҳои қиматнок |
|---|---|
| **Давраи 1.** Ташаккулёбии аввалин амалиётҳои биржавӣ ва институтҳои он | Институтҳои давлатӣ |
| **Давраи 2.** Васеъшавииамалиётҳои биржавӣ дар давлатҳои Аврупо | Институти бозори муташаккил (биржаи анъанавӣ) |
| **Давраи 3.** Ташкилибозори коғазҳои қиматнок дар Россия | Институти иштирокчиёни бозор (харидор ва фурушанда) |
| **Давраи 4.** Рушдиинститутҳои бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Институти бозори номуташаккил (берун аз биржа) |

**Рас. 1. Пайдоиши рушди бозори коғазҳои қиматнок дар асрҳои XV-XXI**

Таҳаввулоти бозори коғазҳои қиматнок баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба 5 давра (ниг.: ҷад. 1.) ҷудо намудан мумкин аст, ки дар ин ҷараѐн Тоҷикистон бо якчанд ислоҳотҳои иқтисодӣ ва дигаргун шудани сохторҳои институтсионалӣ рӯ ба рӯ гардид. Ҳамаи ҷараѐни дигаргуншавии сохторҳои институтсионалӣ ва низоми мукаммалгардонии институтҳои бозори коғазҳои қиматноки Тоҷикистон муҳим арзѐбӣ мегарданд.

**Ҷадвали 1**

**Таҳаввулоти бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Давра | Номи давраи таҳаввулот | Марҳила (бо сол) | Тавсиф |
|---|---|---|---|
| 1 | Давраи ташаккулёбӣ | Солҳои 1991-1995 | Муаммоҳои мукаммалгардони бозори молиявӣ ва баромадан аз бӯҳрони молиявӣ.<br>Таҳияи қонунгузориҳои нав, ки ин алоқаманди дорад ба рушди бозори коғазҳои қиматнок.<br>Ҷалби сармоягузории коғазҳои қиматнок. |
| П | Давраи ҷараёни хусусигардонӣ ва ташкилнамоӣ | Аз соли 1996 то аввалҳои соли 2000 | Ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ.<br>Асосҳои ислоҳоти пулӣ. Ташаккулёбии биржаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Сармоягузориҳои Фонди байналхалқии асъор ба ислоҳоти иқтисодӣ ва барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Ш | Давраи дигаргуншавӣ ва омоданамоӣ | Солҳои 2000 – 2010 | Дигаргуншавии сохтори бозори коғазҳои қиматнок. Омода намудани стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок ва Дастурамал оид ба Депозитарии марказӣ дар бозори коғазҳои қиматнок. Интишори коғазҳои қиматноки давлатӣ |
| 1V | Давраи рушди бошиддат | Солҳои 2011-2015 | Беҳтар гардидани институтҳои қарзӣ. Ташаккулёбии бозори саҳмия ва интишори саҳмияҳои НБО Роғун |
| V | Давраи бӯҳрон | Аз соли 2015 то ин ҷониб | Ҷараёни таъсири бухрон ба институтҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

[14]Икромов Ф.Н. Эффективная модель институционального развития рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан - г. Белгород, 2017. -№4.- С.361-366;

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |

Ба муомилот бaромадани пули нави миллӣ бо номи сомонӣ, ки ба афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар таъсири мусбат расонид,инчунин шароити мусоид барои рафъи бӯҳрони иқтисодӣ ва беҳтар намудани мавқеи ташкилотҳои молиявӣ, устувории иқтисодиёт, буҷа ва вазъи иҷтимоию сиёсии кишвар фароҳам овардааст, яке аз рӯйдодҳои фавқулоддаи таърихист.

Дар ин давраи таҳаввулоти иқтисодӣ Фонди байналмилалии асъор барои дастгирии Барномаи иқтисодӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи он беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди муассисаҳои молиявӣ буд,то имрӯз 238,5 миллион доллари ИМА ҷудо кардааст, аз ҷумла қарзи дарозмуддат ба маблағи 30 миллион доллари ИМА, ки заминаи рушди бозори коғазҳои қиматнок дар Тоҷикистон гардид.

Масъалаҳои муҳими ташаккулёбии инфрасохтори бозори коғазҳои қиматнок ин ҷоннок намудани фаъолияти биржаи фондӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти миёнаравҳои ин бозор ба ҳисоб меравад. Зимнан қобили қайд аст, ки дар моҳи октябри соли 2015 аз ҷониби ҶДММ “Конофар Майнинг” ва ҶДММ “Дастина” Биржаи Фондии “Осиёи Марказӣ” таъсис дода шуд. Дар баробари таъсисёбии биржаи нав, масъалаҳои ташкил намудани барномаи таълимӣ барои бароришгарон, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок ва сармоягузорон, ташкили механизми гузаронидани амалиётҳо дар бозори коғазҳои қиматнок, инчунин, ташкили воситаҳои пахши ахбор барои иштироккунандагони эҳтимолии бозори коғазҳои қиматнок ва корҳои ташвиқотӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули меъмории муосири бозори молиявӣ ҳамчун системаи сегментҳои муттаҳидаи он дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, афзоиши монетизатсияи иқтисодро аз 22% -и ММД-и мавҷуда дар соли 2015 то 48-56% -и ММД дар соли 2030 ё зиёда аз ду баробар таъмин хоҳад кард.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024, шаҳри Душанбе.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок», таҳти №745 аз 28 июни соли 2011. –Душанбе, 2011.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», таҳти №237 аз 5 марти соли 2007 (тағйироту иловаҳо 6.10.2008 №431, 19.05.2009 №510, 5.08.2009 №541, 12.01.2010 №585).

4. Икромов Ф.Н. Эффективная модель институционального развития рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан / Ф.Н. Икромов // Международный научно-исследовательский журнал «Современный ученый» включен в список ВАК, РИНЦ (Elibrary.ru) и в Международную базу данных Agris. - г. Белгород, 2017. -№4.- С.361-366.

5. Ҷураев Ш.Ҷ., Раҳматова К.Н., Наботова П. Ҷ. Бозори коғазҳои қиматнок. – Душанбе, 2020 г.

**Таварова Умеда.** Донишҷӯи курси 2 ихтисоси 25010402
Роҳбари илмӣ: муаллимаи калон Раҳматова К.Н.

## БОНКИ ЭСХАТА – ЯКЕ АЗ ИШТИРОКЧИЁНИ ФАЪОЛИ БОЗОРИ МОЛИЯВИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти бисёрҷонибаи бонкҳои тиҷоратӣ амалиёт бо коғазҳои қиматнок ва дигар воситаҳои молиявӣ мебошад.

Дар робита ба бозори коғазҳои қиматнок, бонкҳои тиҷоратӣ метавонад бо равишҳои гуногун амал кунад: сармоягузор, бароришгар, дилер, брокер, идоракунанда ва ғайра.

ҶСК «Бонки Эсхата» — яке аз иштирокчиёни фаъоли бозори молиявии Тоҷикистон буда, ҳамаи намуди амалиётҳои бонкиро амалӣ мегардонад.

Агар «Бонки Эсхата»-ро зодаи замони соҳибистиқлолиятии ватанамон номем, хато нахоҳем кард. Зеро он маҳз ба шарофати соҳиби Истиқлолияти давлатӣ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

Дар давраи ниҳоят вазнин, солҳои 1993 - 1994 ташкил кардани бонки тиҷоратӣ кори осон набуд ва дар кишвари ҷангзадаи мо муваффақияти калон 6а ҳисоб мерафт. Оғози фаъолияти бонкӣ дар он солҳо басо душвор буд. Иқтисодиёти маҳаллӣ дар ҳолати гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ буд. Барои муомила дар ин бозор пул лозим буд.

ҶСК «Бонки Эсхата» дар асоси шартномаи муассисон аз 16 уми ноябри соли 1993 ҳамчун бонки тиҷоратӣ таъсис дода шуд. Мутобиқи қарори маҷлиси муассисон аз 28 маи соли 1999 ба бонки тиҷоратии саҳомӣ табдил дода шуд. 12 сентябри соли 2002 ҳамчун Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» аз нав ба қайд гирифта шудааст.[15]

Бори аввал ҶСК “Бонки Эсхата” санаи 29 ноябри соли 1994 аз Бонки миллии Тоҷикистон Иҷозатномаро барои анҷомдиҳии фаъолияти бонкӣ соҳиб шуд. Ҳоло ин сана ҳар сол ҳамчун "Зодрӯзи бонк" таҷлил карда мешавад. Дар айни замон, бонк тибқи Иҷозатномаи БМТ аз 20.05.2010с. фаъолият мебарад .

Сармояи оинномавии ҶСК "Банк Эсхата" 125 304 690,00 сомониро ташкил медиҳад.

Маҳз бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна ва беҳтар кардани сатҳи некӯаҳолии мардум, аз рӯзҳои аввали фаъолият Бонки Эсхата ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод карда истодааст, то ки онҳо кори тиҷоратии худро ба роҳ монанд.

Имруз шумораи мизочони карзии бонк зиеда аз 152 хазор нафарро ташкил медихад. Зиёда аз 56% -и ҳаҷми сандуқи қарзиро маблағҳое ташкил медиҳанд, ки барои рушди соҳибкорӣ равона карда шудааст.

Имрӯзҳо барои шахсони ҳуқуқию воқеӣ намудҳои гуногуни қарзро пешниҳод карда мешавад. Қарзҳои талаботии гуногунмақсад, қарзҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ, қарзҳои майда барои шахсони воқеӣ, қарзҳои хурду миёна, аккредитив, қарзҳои байнибонкӣ, тиҷорати молиявӣ ва ғ-ҳо барои шахсони ҳуқуқӣ.

Вобаста ба мақсадҳои қарзӣ, бонк фоизи онро дида баромада, барои мусоидат дар пешрафти кори ин ё он мизоҷ кӯшиш мекунад.

Аз рӯзи ташкилёбиаш яке аз ҳадафҳои асосии бонк ин дастгирии соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад. Махсусан Бонк барои рушди истеҳсолоти худӣ ва маблағгузории он аҳамияти ҷиддӣ дода истодааст.

Дар ин замина Бонки Эсхата бо Бонки Аврупоии Таҷдиду Тараққиёт ҳамкории зич дошт, ва тӯли чанд сол лоиҳаи нави маблағгузории соҳибкории хурду миёнаро бо шарту шароити

[15] eskhata.com/.

барои мизоҷон қулай татбиқ намуд. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи амалигашта самтҳои қарзӣ барои маблағгузории минбаъдаи корхонаҳои хурду миёна равона гардидаанд.

Ҳамзамон Бонки Аврупоии Рушду Таҷдид ба Бонки Эсхата дар лоиҳаи маблағгузории соҳибкорони миёна ҳамдастӣ намуд, ки соҳибкорон маблағҳои қарзиро барои рушди лоиҳаҳои инвеститсионии худ гирифта тавонистанд.

Бонки «Эсхата» зиёда аз 30 сол аст, ки дар бозори молявии кишвар фаъолият мебарад. Мақсади асосӣ аз таъсисдиҳӣ ва ташкил намудани он чи хеле дар боло зикр гардид саҳмгузорӣ дар пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт, ободонии Ватан, дастгирии соҳибкорон ва дар маҷмӯъ хизмат ба мардум буд.

Хушбахтона талошу кӯшишҳои якҷоя беҳуда нарафта, самараи хуб доданд. Ва имрӯз бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки «Бонки Эсхата» ба туфайли хизматрасонии хуб ба боварии аҳли ҷомеа сазовор шудааст.

Шумораи сохторҳои бонк аз 32 адад филиал, 1 адад Идораи амалиётӣ ва 113 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ иборат аст, ки талаботи мизоҷонро дар хизматрасонии тезу босифат таъмин месозад. Ин гуна филиалу марказҳо дар шаҳру ноҳияҳо бо дар назардошти нуфузи аҳолии он ва шароити рушди иқтисодиву иҷтимоии он ташкил карда мешавад. Ҳамаи онҳо барои мизоҷон хизмат мерасонанд ва дар тасаввуроти ҳамаи онҳо симои мизоҷ ягона аст.[16]

Бонки Эсхата пеш меравад ва аз таҷрибаи гузаштаи худ меомӯзад. Қоидаву низоми ҷиддӣ кормандонро дар ҳамин муҳит тарбия мекунад. Онҳо хуб медонанд, ки мизоҷ барои онҳо нафаре аст, ки бо нияти боварӣ меояд ва мекӯшанд, ки ин боварӣро сазовор шаванд.

Кормандони Бонки Эсхата, ки шумораи он 2 222 нафарро ташкил медиҳад, кӯшишу ғайрати худро барои шукуфоии мизоҷон, бонк ва иқтисодиети кишвар равона месозанд.

Барои Бонки Эсхата мизоҷ арзиштарин сармоя буда, ҳамеша баҳри рушд ва пешрафти онҳо кӯшиш ба харҷ хоҳад дод.

Бонки Эсхата яке аз бонкҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор маҳсуб ёфта, ба сегонаи беҳтарин бонкҳои кишвар шомил аст.

Арзишҳои муҳими Бонк ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ, бовиҷдонӣ ва салоҳият, эҳтиром ва мулоҳизакорӣ, навоварӣ, эътимоднокӣ маҳсуб меебад.

Давоми фаъолияти худ Бонки Эсхата боварии мизоҷонро сазовор гардида, ҳамчун ҳамкори боэътимод эътироф гаштааст. Имрӯзҳо бонк аз рӯи мақсади стратегии худ фаъолият бурда истодааст.

Давоми фаъолияти худ Бонки Эсхата бо ширкатҳои рейтингии байналхалқӣ ҳамкорӣ дорад, ки нишондиҳандаҳои молиявии бонкро баҳогузорӣ намудаанд.

Дар самти молиявию қарзӣ ва мустаҳкам намудани иқтисодиёти Тоҷикистон Бонки Эсхата таваҷҷӯҳи асосиро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию, иқтисодӣ ва беҳтар шудани некуаҳволии мардум равона мекунад.

Дар давоми фаъолияти худ ҶСК «Бонки Эсхата» ба амалҳои хайру эҳсонкорӣ низ аҳамияти муҳим дода, ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ, муассисаҳои тиббию иҷтимоӣ кӯмаки молиявии худро мерасонад. Ҳамзамон Бонк барои рушди варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим чорабиниҳои гуногуни варзиширо сарпарастӣ менамояд.

Бозори вомбаргҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бозорҳое мебошад, ки фаъолияташ нисбат ба бозорҳои саҳмияҳо ва векселҳо маҳдудтар аст.

14 апрели соли 2017 дар Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ аввалин савдои вомбаргҳои корпоративии Бонки Эсхата баргузор гардид, ки ба тариқи миёнарав компанияи брокерии «Прайм инвест» баромад намуд. Маблағи умумии барориш 20 млн. сомонӣ буда, мӯҳлати он 2 солро ташкил медиҳад. Арзиши номиналии вомбарг - 100 сомонӣ ва даромаднокии он 22%

[16]eskhata.com/.

солона аст. Ҳангоми гузаштани мӯҳлати вомбарг фоизи он аз рӯзи арзиши номиналӣ пардохта мешавад. Вомбаргҳоро ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам воқеӣ харидорӣ намудаанд.

Дар Биржаи фондии Осиёи Марказӣ 70%-и вомбаргҳои корпоративии Бонки Эсхата фурухта шуд. Якумин хародори вомбаргҳои корпоративии Бонк компанияи Фароз мебошад, ки аз ҷониби вай дар ҳаҷми 1 млн. сомони коғази қиматнокро харидорӣ намудааст. Ҳамагӣ аз 5 декабри 2017 сол то 14 декабр ҳаҷми фуруши вомбаргҳо 14 млн. сомониро ташкил дод.[17]

Дар майдони савдо 8 намуди додугирифт анҷом дода шуд, ки аз ҳама калонтарин аз онҳо – ин ба даст овардани вомбаргҳои корпоративии бонки «Эсхата» ба маблағи 1000000 сомони аз ҷониби компанияи «Фароз» мебошад.

**Даромаднокии вомбаргҳои корпоративии ҶСК Бонки Эсхата**

**Ҷадвали 1.**

| | |
|---|---|
| Арзиши номиналӣ | 100 |
| Меъёри солона (%) | 22 |
| Рӯзҳои фоизӣ | 360 |
| Рӯзҳо то пардохт | 0 |
| Нархи ҷамъшуда | 0 |
| Даромаднокии пардохтшаванда (%) | 0 |
| Нархи харид | 100 |
| Даромаднокии бозории пардохтшаванда (%) | 0 |

*Музоядаи навбатии вомбаргҳои ҶДММ "Эсхата Лизинг"*

ҶДММ «Эсхата Лизинг» аз ҷониби Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата» 12 декабри соли 2018 таъсис ёфтааст. Муассиси ҶДММ «Эсхата Лизинг» ҶСК «Бонки Эсхата» (100%) мебошад. Дар охири соли 2019 сармояи оинномавии ширкат 10 миллион сомониро ташкил дод. Танҳо дар соли аввали фаъолият зиёда аз 45 шартнома ба маблаги умумии 12,0 миллион сом. баста шуд.

ҶДММ «Эсхата Лизинг» ба мизоҷони худ хариди амволро бо иҷораи молиявӣ пешниҳод менамояд, ки ба лизинги таҷҳизоти сохтмонӣ, кишоварзӣ ва дигар таҷҳизот таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Мақсад аз ҷалби маблағ зиёд кардани сармояи гардон ва зиёд кардани портфели лизинг мебошад.

Моҳи апрели соли 2020 савдои навбатии вомбаргҳои корпоративии ҶДММ Эсхата Лизинг баргузор гардид. 20 000 вомбаргҳо ба маблағи умумии 2 036 822 (ду миллиону сию шаш ҳазору ҳаштсаду бисту ду) сомонӣ фурӯхта шуданд.

Хотиррасон менамоем, ки вомбаргҳои ҶДММ «Эсхата Лизинг» 30 апрели соли 2020 дар саҳни ҶСК «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» бо параметрҳои зерин ҷойгир карда шуданд:

Ҳамагӣ: 20 000 дона
Ба маблағи: 2 036 822 сомонӣ
арзиши номиналии
хар як вомбарг: 100 сомонӣ
Ба муҳлати: 2 сол

---

[17] eskhata.com/.

Даромаднокӣ: 14% дар як сол[18]
Вомбаргҳои корпоративии ҶДММ «Эсхата Лизинг» санаи 9 октябри соли 2020 дар ҳаҷми 68 365 дона ҷойгир карда шуданд. Ҳаҷми умумии барориши 100 000 адад ба маблағи умумии 10 000 000 сомониро ташкил медиҳад. Нархи номиналии як вомбарг 100 сомониро ва пардохтҳои купонӣ — 14 фоизи солонаро ташкил медиҳад. Пардохти купонҳо ҳар семоҳа ҳисоб карда мешавад. Вомбаргҳои ҷойгирнашуда то охири соли 2020 - 31,635 вомбаргҳо фурӯхта шудаанд.

Бонки «Эсхата» якумин бонке, ки сазовори рейтинги дарозмуҳлати «B3» аз ҷониби Агенти рейтинги байналхалқӣ «Moody's investors service» бо ояндабинии шкалаи глобалӣ-устувор мебошад.

Бонки Эсхата яке аз бонкҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор маҳсуб ёфта, ба панҷгонаи беҳтарин бонкҳои кишвар шомил аст.

Давоми фаъолияти худ Бонки Эсхата бо ширкатҳои рейтингии байналхалқӣ ҳамкорӣ дорад, ки нишондиҳандаҳои молиявии бонкро баҳогузорӣ намудаанд.

1 июни соли 2021 ҶСК «Бонки Эсхата» вомбаргҳоро ба маблағи умумии 50 миллион сомонӣ бо арзиши номиналии 100 сомонӣ бо 14%-и даромади солона баровард.

Вобаста ба имтиёзҳои ҷорӣ аз андоз, ки ба рушди бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст андоз аз даромади вомбаргҳо ситонида намешавад ва ҳар семоҳа пардохт карда мешавад. Вомбаргхо аз руи арзиши номиналашон - 100 сомонӣ боз харида мешаванд.

Ҳадафи аслии барориши вомбаргҳо густариши истифодаи воситаҳо дар бозори коғазҳои қиматнок мебошад, ки ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024, шаҳри Душанбе.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок», таҳти №745 аз 28 июни соли 2011. –Душанбе, 2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», таҳти №237 аз 5 марти соли 2007 (тағйироту иловаҳо 6.10.2008 №431, 19.05.2009 №510, 5.08.2009 №541, 12.01.2010 №585).
4. Ҷураев Ш.Ҷ., Раҳматова К.Н., Наботова П. Ҷ. Бозори коғазҳои қиматнок. – Душанбе, 2020 г.
5. eskhata.com/.

**Айниддин Қурбонов** донишҷӯи
курси якум 25010403, роҳбари илмӣ Бобохоҷаева Г.

## ОИЛА – МУҲИМТАРИН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ

Оила сохтори қадимтарине дар дунёст ва нақши муҳиме дар ҷамъияти инсонӣ мебозад. Тӯли таърих оилаҳои қавӣ дар бунёди ҷамъиятҳои қавӣ саҳм гузоштаанд. Оила беҳтарин сохтор барои баркамол расондани фарзандон аст. Оила хамчун институти мухими ичтимои ва ахлоки, дар ташаккули чомеаи устувор накши калиди дорад. Дар тамоми таърихи инсоният, оила на танхо хамчун макони гарму мухаббат ва химоя, балки хамчун заминаи асосии ахлоки ва ичтимои чомеа шинохта шу Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавриð хеле

[18] Ҷураев Ш.Ҷ., Раҳматова К.Н., Наботова П. Ҷ. Бозори коғазҳои қиматнок. – Душанбе, 2020 г.

хуб гуфтаанд: “Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд”. Дарвоқеъ, оила дар ҳаёти инсон волотарин ва арзишмандтарин мақомро дорост, зеро шахсияти кӯдак маҳз дар оила ташаккул ва рушд ёфта, ҳамаи он дидаву шунидаҳояшро ҳамчун замина қабул карда, вориди ҷомеа мегардад. Ояндаи фарзандон аз шахсият, обрӯю эътибори волидайн ва таъсири онҳо вобастагии калон дорад. Бе оилаи устувор, рушд ва пойдории чомеа гайриимкон аст. Оила нахустин мактабест, ки инсон дар он арзишхо, фарханг ва ахлокро меомузад.Он махз дар оила аст, ки шахсият ташаккул меебад ва сифатхои мухим ба монанди мухаббат, масъулият, эхтиром ба дигарон ва сабрро меомузад. Модарон ва падарон на танхо сарчашмаи гамхори ва рохнамои мебошад, балки намунаи ибрати фарзандон них хастанд. Чомеаи солим аз оилахои солим иборат аст. Агар оилахо бо мухаббат ва хурмату эхтиром пур бошанд, чомеа низ ба суи хамдигарфахми ва пешрафт харакат мекунад. Дар мукобил, мушкилот дар оила, ба монанди ихтилофхо, беэътинои ва бесуботи, метавонад ба чудои ва бесуботи ичтимои оварда расонад. Оила на танхо макони тарбияи фарзандон аст, балки дар мустахкам намудани иртиботи ичтимои низ мухим мебошад. Фарзандоне, ки дар мухити устувор ва мехру мухаббати оилави ба воя мерасанд, дар чомеа хамчун шахрвандони масъулиятшинос, босавод ва боэхтиром ба воя мерасанд. Барои устувории оила, на танхо мухаббат, балки эхтироми байнихамдигари ва махсулият лозим аст.

Фарзандоне, ки дар мухити устувор ва мехру мухаббати оилави ба воя мерасанд, дар чомеа хамчун шахрвандони масъулиятшинос, босавод ва боэхтиром ба воя мерасанд. Барои устувории оила, на танхо мухаббат, балки эхтироми байнихамдигари ва махсулият лозим аст. Дар масъалаи таълиму тарбия пеш аз ҳама ба оила рӯ овардани давлатамон асосҳои воқеӣ дорад. Он барои рафъи ниёзмандиҳои ҳаёти инсонӣ устувории ҷомеа зарур аст. Оила бошад, рукни табиӣ ва асоси ҷамъият буда, нахустин мактаб ва ҷои асосии тарбия аст. Оила дар заминаи қонун ҳам, муқаддас созмон меёбад ва он аз пайванди ду ҷинси ба ҳам мухолиф, пайванди заношӯӣ иборат буда, бо пайдоиш ва тавлиди фарзанд ранг ва ҷилваи хосе пайдо мекунад. Фарзанд ҳамчун узви оила ва ҷомеаи инсонӣ бояд дар оянда ҳамчун ҳимоятгари Ватан ва ҷомеа ба воя расад. Дар фарханги точик, оила дорои маънои мукаддас мебошад. Мушкилоти шахси ва ичтимоии зиед дар дохили оила хал мешаванд ва хамин иртиботи зич байни аъзоёни оила сабаби устувории чомеа мегардад. Оила – асоси устувори чомеа мебошад, зеро он насли наврасро ба зиндагии бошуурона ва масъулиятшинос омода месозад.

Дар масъалаи таълиму тарбия пеш аз ҳама ба оила рӯ овардани давлатамон асосҳои воқеӣ дорад. Он барои рафъи ниёзмандиҳои ҳаёти инсонӣ устувории ҷомеа зарур аст. Оила бошад, рукни табиӣ ва асоси ҷамъият буда, нахустин мактаб ва ҷои асосии тарбия аст. Оила дар заминаи қонун ҳам, муқаддас созмон меёбад ва он аз пайванди ду ҷинси ба ҳам мухолиф, пайванди заношӯӣ иборат буда, бо пайдоиш ва тавлиди фарзанд ранг ва ҷилваи хосе пайдо мекунад. Фарзанд ҳамчун узви оила ва ҷомеаи инсонӣ бояд дар оянда ҳамчун ҳимоятгари Ватан ва ҷомеа ба воя расад. Дар фарханги точик, оила дорои маънои мукаддас мебошад. Мушкилоти шахси ва ичтимоии зиед дар дохили оила хал мешаванд ва хамин иртиботи зич байни аъзоёни оила сабаби устувории чомеа мегардад. Оила – асоси устувори чомеа мебошад, зеро он насли наврасро ба зиндагии бошуурона ва масъулиятшинос омода месозад. Хулоса, оила аввалин ва муҳимтарин ҷойи тарбия, эҳё ва гулгулшукуфии истеъдодҳост. Ҳар гунна дигаргунӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бояд аз он ҷо оғоз ёбад ва ҳар як иқдоми нек бояд, пеш аз ҳама дар оила сурат гирад. Мухаббат, мехр, садокат, хушбахти, ватандусти, далери ва гайра. Хулас, оила – мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як инсон мебошад ва ҳар як инсон бо баробари тарбия гирифтан, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил пай монда ба камол мерасад. Дар шароити чахони муосир, хифзи оила ва тахкими он аз вазифахои мухимтарини хар як шахс ва давлат мебошад. Оилаи устувор-калиди ояндаи дурахшон аст.

## Адабиёт

1. Социология. Учебник для вузов М., 1998с
2. Кравченко А.И. Социология. Учебник М., 2003с.
3. Кравченко А.И. Социология. Хрестоматия для вузов М., 2004с. 591- 606.
4. Ғуломов О. Сотсиология. Д. «Маориф»2000с.
5. Воробьёв К.А.Социология. Учеб. пос. для вузов М., 2005с,
6. Социология М., 2006 с.17-29.

**Зарифова Нилуфар** донишҷуи курси 1, ихтисоси 25010402
роҳбари илмӣ Ғуломов Б.

## МАҚОМИ СОТСИОЛОГИЯ ДАР ИДОРАКУНИИ ИЛМИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

Давру замоне буд, ки ҳоло илм вуҷуд надошт (ҷомеа общинаи ибтидоӣ, аввалҳои ҷомеаи ғуломдорӣ). Дар ин давру замон одамон аз диди назари худ, ки характери асотириро доштанд, ба ҳодисаю воқеаҳои гуногуни дар ҷомеа рухдиҳанда маънидод мекарданд. Муттаҳид сохтани одамон, ба кор ҷалб сохтани онҳо ба таври стихиявӣ ба роҳ монда шуда буданд. Асосан одамонро талаботи моддии доштаашон (хурока, либос) муттаҳид месохт. Онҳо дар шаклҳои гурӯҳӣ: қавм, қабила, авлод муттаҳид гашта, «коллективона» амал менамуданд ва ба он мақсадҳое, ки доштанд, масалан ба даст даровардани хӯрока, либос ва ғ. ноил мегаштанд. Ҷомеа бошад пеш рафта, рӯз аз рӯз ранги навро пайдо мегирифт. Одамон, шуурнокии онҳо ташаккул ёфта, доираи фаҳмишашон нисбати мақоми дар ҳаёт доштани инсон волотар мешуданд. Оҳиста – оҳиста худшиносии онҳо рӯ ба боло мениҳад. Алалхусус, баъди пайдо шудани синфҳо (ғуломон ва ғуломдорон) одамон акнун минбаъд на аз рӯи қавму қабила ва авлодӣ ё худ хунӣ, балки вобаста ба дороию камдорӣ ва ё чизе надоштаи (камбизоатӣ) бо ҳам наздик мешуданд. Синфҳои доро бошанд тамоми ҷомеаро идора менамуданд. Мардуми бенаворо ба кор ҷалб сохта, аз натиҷагирии меҳнати онҳо боигарии худро бештар менамуданд. Аввалин нишонаҳои идоракунӣ оғоз мегардад ва чунин тарзу усули идоракунӣ- фармонфармоӣ, ки характери синфӣ, истисморгириро дошт, торафт оммавитар мегардид. Дар давру замони сармоядорӣ, ки ҷомеа хеле ҳам тараққӣ ёфта буд, синфҳои навини дар ҷомеа шинохта шуда: пролетариат ва буржуазия, кушоду равшан муқобили якдигар амал мекарданд, аз ҳама бештар ба роҳ мондани идоракунии илмро водор месохт. Дар ин давра аллакай илмҳои зиёде ҳам пайдо шуда буданд ва мардуми зиёӣ аз онҳо, то ҳадди имкон баҳрамандона истифода мекарданд. Махс аз замони камолоти сохти буржуазӣ мафҳум, фаҳмиш, зарурати ба роҳ мондани идоракунии илмӣ ба миён омада, зина ба зина қувват мегирифт. Тавассути аз худ намудани илм, алалхусус илмҳои ҷомеашиносӣ: фалсафа, назарияи иқтисод, фарҳанг, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва ғ. дигар маълум гардид, ки асоси ба роҳ мондани идоракунии илмии ҷомеа, ин пеш аз ҳама, дониста гирифтани қонунҳои дар ҷомеа объективона амал карда истода мебошанд. Ҷомеашиносон дар ҳаллу фасл ва муайянсозии проблемаҳои иҷтимоӣ, ки моҳияту мазмуни қонунҳои ҷомеаро ташкил медиҳанд, хеле ҳам музаффариятҳо ба даст оварда, ҷаҳонбинии илмии мардумро бою ғанӣ мегардонданд. Онҳо акнун минбаъд на таввакалона, балки аз диди донишҳои илмии азбаркардаашон ба олам менигаристанд ва ба он ҳодисаю воқеаҳое, ки «шоҳид» мешуданд, боварибахшона баҳо медоданд.

Аз он рӯзе, ки сотсиология ба миён омад дар таъмини идоракунии илмии ҷомеа чун як ҷаҳише рӯй дод. Сотсиология, ки худ натиҷаи моломоли олимони соҳа ба ҳиссоб

меравад, ҳар чи бештар дар ташкилу таъмини идоракунии илмӣ истифода мешуд. Ташкил ва гузаронидани силсила тадқиқотҳои мушахасси сотсиологӣ, ки ба ҳаллу фасли як зумра проблемаҳои иҷтимоӣ: шароити кор, ташкили меҳнат дар корхонаҳо, муносибатҳои меҳнатии одамон, омилҳои ҳавасмандгардонии одамон ба меҳнат, интизомнокӣ дар кор, иҷрои вазифаҳо, тарбия, афзун гардидани натиҷагирӣ аз меҳнат ва ғ. дигар равона карда шуда буданд, натиҷагирӣ аз онҳо имкон медоданд, ки сари вақт камбудию норасоиҳои дар истеҳсолот ва муносибатҳои гуногуни дар байни одамон ҷой дошта бартараф карда шуда, роҳҳои судмандонаи таъмини фаъолияти одамони касбу кори гуногун дарёфт карда шаванд. Солҳои баъдинаи инкишофи сотсиология ба он оварда расонид, ки вай (сотсиология) чун илм шинохта шавад. Агар дар зинаҳои аввалини пайдоиш ва ташаккулёбии сотсиология ба вай чун тарзу усули ба даст даровардани далелҳои иҷтимоии фоидабахш баҳо дода шуда бошанд (позитивистон), аз охирҳои асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ инҷониб ҳамчун илми амалию назариявӣ шинохта шуд. Дар ягон мамолики тараққиёфта бе истифодабарӣ аз тарзу усулҳои омӯзиши сотсиологии ҳаёти иҷтимоӣ пешравиеро дидан имкон надорад. Он мактабу равияҳои мухталифи сотсиологӣ, ки рӯз то рӯз доираи амалиёташон васеъ ва натиҷагирӣ аз фаолияташон бойтар шуда истодааст, гувоҳи гуфтаҳои боло шуда метавонанд.

**Нақши илми сотсиология дар беҳтар ба роҳ мондани идоракунии илмии ҷомеа.**

Дар идоракунии илмии паҳлӯҳои гуногуни ҷомеа аз ҷумла иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ – техникӣ ва ғ. дигар бешубҳа намояндагони ҳамаи илмҳо фаъолона иштирок мекунанд. Он кашфиётҳо, тарзу усулҳои наву тозае, ки олимон ба даст меоваранд ва дар ҳаёт, воқеиёти зиндагӣ амалӣ мешаванд ва боиси пешрафти истеҳсолот, баланд гардидани аҳволи моддию маънавии одамон шуда истодаанд, шаҳодати чунин гуфтаҳо мебошанд. Аз рӯзҳои аввалини пайдоиш ва то ба ин рӯз мақому мароми дар истеҳсолоту истеъмолот, ҳаёти серпаҳлӯдоштаи зиндагии мардум, таъмини пешрафти ҷомеаю ҷомеадорӣ(ташкили меҳнати коркарон, оилаю оиладорӣ, тарбия ва ғ.) доштаи сотсиология маълум аст. Яке аз вазифаҳои асоситарини илми сотсиология ҳам дар ҳамин аст, ки бо роҳҳои (тарзу усулҳои) гуногуни омӯзиши ҳаёти иҷтимоии мардум, маълум сохтани дараҷаи алоқамандӣ, пайвастагӣ ва вобастагии муносибат, фаъолият, ҳаракату беҳаракатиҳои онҳо дар пешрафти ҷомеа, беҳтар сохтани ҳолатҳо дар коллективҳои меҳнатӣ, оилаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва ё ғ. ҳиссагузорӣ намояд. Агар гӯем, ки дар ҳақиқат ҳам аз ҳамаи илмҳои ҷомеашиносӣ дида илми сотсиология, аз ҳама бештар дар идоракунии илмии ҷомеа истифода мешаванд, хато намекунем. Ҳатто он дастовезҳое, ки сотсиологҳо дар омӯзиш ва таҳлили ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ба даст меоваранд, намояндагони ҳамаи илмҳои ҷомеашиносӣ баҳра бурда, чун дастури амал қабул менамоянд. Доираи мавзӯи омӯзиши сотсиологӣ хеле ҳам васеъ аст. Соҳаи ҳаёти иҷтимоиеро дарёфт кардан мушкиласт, ки ба он сотсиологҳо даст надода, мушкилотеро паси сар накарда бошанд.

Дар замони Шуравӣ низ аз кувваю қудрати сотсиологҳо хеле васеъ истифода бурда мешуд. Дар ҳар кадоме аз корхонаю ташкилотҳои истеҳсолӣ, муассисаю идораҳо ҳатман штати сотсиолог ва ё гурӯҳҳои сотсиологӣ, лабараторияҳои сотсиологӣ таъсис дода шуда буданд. Аз он натиҷаҳое, ки онҳо тавассути ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар коллективҳои корхонаҳо ба даст оварда мешуданд, васеъ истифода бурда, идоракунии тамоми паҳлӯҳои фаъолияти коргарон ба роҳ монда мешуд. Сарфи назар аз баъзе камбудию норасоиҳое, ки сотсиологҳо дар давру замони Шуравӣ роҳ дода буданд ( идеологизатсия кардани ҳамагуна натиҷаҳо ва нақшаҳо), вале дар пешрафти сотсиология ҳиссагузориҳои зиёде ҳам карда тавонистанд. Маҳс дар ҳамин давра аз ҳама бештар китобу мақолаҳо ба табъ расонида шуда буданд. Роҳбарони коллективҳои меҳнатӣ дастёри хуб будани сотсиологҳоро мепазируфтанд. Соҳибистиқлол гардонидани ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ имкон овард, то ин ки аз диди нави илмӣ ба сотсиология рӯ оварда шавад. Пеш аз ҳама он камбудию иллатҳое, ки аз пешин боқӣ монда буданд, бартараф сохта шуда, барои дар заминаҳои ҳақиқатан ҳам илмӣ инкишоф ёфтани он шароити муфид муҳаё карда мешаванд. Доираи проблемаҳое, ки сотсиологҳо меомӯзанд, боз ҳам васеътар гардида натиҷагирӣ аз омӯзиши онҳо бад нестанд.

Инро мо дар мисоли давлати соҳибистиқлолгардидаи Тоҷикистон низ хело равшан мушоҳида карда мешаванд. Дар назди Академияи Улуми Тоҷикистон амал доштани шӯъбаи сотсиологӣ, ташкил кардани шӯъбаи таълимии сотсиологии омӯзиши касбӣ дар Донишгоҳи давлатии милли Тоҷикистон ва боз дигар чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки ҳаёти серпаҳлӯдоштаи иҷтимоии мардуми мамлакати тозабунёди демократӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлилу таркибсозии илмӣ шаванд. Дуруст аст, ки ҳоло дар ҷумҳуриямон чунин тадбирҳо аз ҷумлаи қадамҳои нахустин дар ин ҷода ба ҳиссоб меравāнд. Дар ояндаи наздик хатмкунандагони тахассуси сотсиологӣ имконе пайдо карда метавонанд, ки дар ташкилу таъмини идоракунии илмии ҷомеа аз ҳама бештар фаъолонатар иштирок намоянд. Аз соли 1996 ин ҷониб дар ҳамаи макотибҳои олӣ ҷорӣ кардани таълими фанни сотсиология имкон дода истодааст, ки мутахассисони ҷавон баъди бомуваффақият ба итмом расидани донишгоҳу донишкада, сазовор шудан ба унвони мутахассисони ин ва ё он соҳа аз донишҳои сотсиологие, ки аз бар кардаанд дар ташкили кор, ба роҳ мондани низоми хуби кор, ба меҳнати пурмаҳсулона ташкалу сафарбар кардани одамон ва ғ. васеъ истифада баранд. Мактабҳои сотсиологияи ҳуқуқ, иқтисодиёт, фарҳанг, сиёсатшиносӣ ва дигаронро метавонем ба ҷумлаи роҳкушои иҷтимоии номбар намоем.

Илми сотсиологияояндадор аст. Аз бар кардани он барои ҳар шахси боақлу ботатбир зарурат дорад. Аз он донишҳое, ки ӯ тавассути дилгармона мутоила карданаш ба даст меоварад метавонад барои ташкили хуби оилаю оиладорӣ, тарбияи фарзанд, ба камол расонидани он ва ғ.- дигар баҳрамандона истифода барад. Агар ҳар нафаре ба моҳияту мақсад ва зарурати идоракунии илмӣ аз оила сар карда то ба дараҷаи ҷомеа дарк намояд, ҷомеа ҳамон қадар тинҷу ором, бо суръати баланд ба сӯи пеш ҳаракат менамояд ва муваффақиятҳо бошанд бештар мегарданд. Ҳоло дар Тоҷикистон иқтисоди бозоргонӣ амал дорад. Дониста гирифтани қонунҳои он имкон медиҳанд, ки талаботи иқтисоди бозоргонӣ мақсаднок амалӣ гарданд. Сотсиология дар банақшагирии иҷрои корҳои зиёде, истеҳсолӣ, истеъмолӣ, тарбия, ободонӣ, фарҳангӣ ва ғ. кӯмак расонида, иҷрои саривақтии ҳар як корро таъмин карда метавонад. Аз оне, ки дар коллективҳои меҳнатӣ тавассути ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ иллату камбудиҳои зиёде маълум карда мешаванд ва барои бартараф сохтани онҳо тавсияҳо кор карда баромада шуда, амалӣ меёбанд, худ гувоҳи онанд, ки сотсиология дар идоракунии илмии ҷомеа чӣ мақомеро дорад. Дар идоракунии илмӣ бевосита истифода бурдан аз илмӣ сотсиологияро боиси баҳс ҳам нест. Баҳри баланд бардоштани мақоми илмию идоракунии сотсиология назарияҳои зиёде: назарияи макро ва микро сотсиологӣ кор карда баромада шудаанд ва амалӣ гардидани онҳо мақоми сотсиологияро боз ҳам афзунтар месозанд.

**Муддинова Парвина** донишҷуи курси 1,
ихтисоси 25010402 “а”
роҳбари илмӣ Ғуломов Б.

## ҶАМЪИЯТ ҲАМЧУН СИСТЕМАИ ТОМИ ИҶТИМОӢ

Таърифи «ҷамъият» аз масъалаҳои муҳими ҷомеашиносӣ буда, дар тӯли таърих яке аз масоили муҳим маҳсуб меёбад. Ҷамъият чист ва манбаи инкишофи онро чӣ ташкил медиҳад? Ин суолест, ки дар тӯли таърихи дуру дароз диққати кулли ҷомеашиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Фаҳмиши мафҳуми ҷамъият аз мавқеи ҷомеашиносӣ нисбат ба дигар фанҳои ин соҳа фарқ мекунад. Яке аз асосгузорони ин таълимот Э. Дюркгейм ҷомеаро чун воқеияти маънавии фақулфардии ба тасаввуроти ҷамоа асосёфта баррасӣ менамояд. Ба ақидаи ҷомеашиноси олмонӣ М. Вебер бошад, ҷамъият ҳамкории одамон буда, дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ тарафайни онҳо ба вуҷуд меояд. Ҷомеашиноси маъруфи амрикоӣ Т. Парсонс ҷамъиятро чун

низоми муносибатҳои одамон тавсиф кардааст. Дар раванди ин муносибатҳо меъёру арзиш омили ҳалкунанда маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи К. Маркс ҷамъият маҷмӯи муносибатҳои таърихан инкишофёфтаи байни одамон аст, ки дар раванди фаъолияти муштарак ташаккул меёбад.

Дар ин тавсифҳо кулли муаллифон ҷамъиятро ҳамчун низоми том ва мураккаби иҷтимоӣ, ки байни унсурҳои он робитаҳои ногусастанӣ мавҷуданд, эътироф намудаанд. Чунин муносибатро дар ҷомеашиносӣ муносибати низомӣ меноманд. Вазифаи асосии ин шарт иборат аз он аст, ки ақидаҳои гуногунро оид ба ҷамъият ба ҳам пайваста, назарияи ягонаи иҷтимоӣ ба вуҷуд оваранд. Азбаски ҷомеаи инсонӣ низоми аз ҳама мураккаб аст, барои онро дарк намудан, мушкилоти иҷтимоиро ҳаллу фасл намудан шарти муносибати низомӣ ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми омӯхтани ин мавзӯъ ба дарки мафҳумҳои зерин бояд диққат дод:

1. *Низом (система)* воҳиди ягонаест, ки аз унсурҳои зиёд ва гуногуни бо ҳам алоқаманд иборат аст. Табиати дохилӣ, мазмуни ҳар гуна низоми том, бунёди онро маҷмӯи унсурҳо ташкил менамояд.

2. *Низомии иҷтимоӣ* воҳиди томест, ки унсури асосиашро одамон, робитаҳои тарафайн, ҳамкорӣ ва муносибатҳои онҳо ташкил медиҳанд. Ин робита, муносибат ва ҳамкориҳо хислати доимии такрористеҳсолшавӣ дошта, аз насл ба насл интиқол дода мешавад.

3. *Робитаҳои иҷтимоӣ* маҷмӯи омилҳоеанд, ки фаъолияти муштараки одамонро дар умумиятҳо ва вақти амиқ барои ба даст даровардани ин ё он мақсад мусоидат менамоянд. Алоқаҳои иҷтимоӣ, новобаста аз майлу хоҳиши одамон, ба таври воқеӣ мавҷуданд. Ташаккули ин робитаҳо аз шароитҳое, ки одамон зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, бармеоянд.

4. *Ҳамкории иҷтимоӣ* равандест, ки фаъолияти одамон ва таъсири мутақобилаи онҳоро фаро мегирад. Механизми ҳамкории иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти фардҳост, ки ин ё он амалро иҷро мекунанд, тағйиротест, ки дар умумиятҳо ё ҷомеа ба вуҷуд меоянд ва таъсири онро ба фард ва фардро ба ин тағйирот дарбар мегиранд. Ҳамкориҳо барои ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ замина мегузоранд.

5. *Муносибатҳои иҷтимоӣ* алоқамандии нисбатан устувори байни фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Ҷамъият аз маҷмӯи одамон, муносибат ва ҳамкорӣ, ҳамдастии иҷтимоии онҳо ба вуҷуд меояд. Вале ҷомеа маҷмӯи оддии муносибатҳо набуда, балки низоми ягонаву воҳид, сифатан наву махсус аст. Муносибат ва ҳамкориҳо хусусияти фавқулфардӣ доранд, яъне ҷамъият ҷавҳари мустақилест, ки нисбати одамон муқаддам аст. Ҳар як фарде, ки таваллуд меёбад, ба сохтори муайяни робитаву муносибатҳо дучор омада, дар раванди иҷтимоигароӣ ба он ворид мегардад.

Дар ҷомеа муносибатҳои гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо робитаҳои ба истилоҳ координатсионӣ (аз калимаи лотинии мутобиқ омадан) ва субординатсионӣ (аз калимаи лотинии ба тартиб овардан) мебошад. Координатсия созгорӣ, ҳамоҳангии унсурҳо, вобастагии тарафайни онҳо буда, ягонагиву ваҳдати низомро ба вуҷуд меоварад. Субординатсия бошад, дар луғати русӣ-тоҷикӣ ба маънии «мартабот» омада, тобеияти унсурҳоро ба якдигар, ки дар низоми воҳид мақому мавқеъҳои гуногун доранд, ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷомеа низоми томи сифатан махсусест, ки ягонто аз унсурҳояш он хислатро надоранд. Низоми иҷтимоӣ ба туфайли хусусияти ваҳдатгароӣ нисбат ба кулли унсурҳои созандааш мустақилият ва тарзи инкишофи махсус ба даст меоварад.

Ҷамъият аз мавқеи детерминизми иҷтимоӣ ва функсионализм

Муносибати муназзами ҷомеа усули ягона нест. Баробари он усулҳои детерминистӣ ва функсионалӣ низ вуҷуд доранд. Назарияи детерминизми иҷтимоӣ эҷоди таълимоти марксистӣ мебошад. Мувофиқи он ҷамъият чун низоми томи иҷтимоӣ ба дигар зернизомҳо, монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мафкуравӣ ҷудо мешавад. Дар навбати худ ҳар яки онҳоро чун низоми алоҳида меомӯзанд. Байни зернизомҳои номбурда алоқамандии сабабу натиҷа ҷой

дорад, яъне як зернизом боиси пайдоиши вазъи воқеии дигаре мегардад. Масалан, иқтисодиёт вазъи воқеии дигар зернизомҳоро дар ниҳоят муайян месозад. Дар навбати худ ҳар як зернизом ба якдигар таъсири мутақобила мерасонад.

Муносибати функсионалӣ низ дар маърифати ҷамъият мақоми хос дорад. Инкишофи ҷамъият чун низоми томи иҷтимоӣ худтақсимшавӣ, яъне дифференсиатсияро тақозо менамояд, ки дар ин раванд вазифаҳои нави унсурҳои низом ба миён меоянд.

Ғояҳои функсионализм бештар ба ҷомеашиносии англисиву амрикоӣ хосанд. Нуктаҳои асосии функсионализмро олими англис Г. Спенсер дар асараш «Асосҳои ҷомеашиносӣ» ва ҷомеашиносон А. Радклифф-Браун, Р. Мертон, Т. Парсонс кор карда баромадаанд.

Усулҳои асосии функсионализм аз нигоҳи Г. Спенсер инҳоанд: а) ҷамъият воҳиди том ва низоми ягонаро ташкил дода, он аз ҷузъҳои бисёри иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, динӣ иборат аст; б) ҳар як ҷузъ фақат дар доираи воҳиди том мавҷуд буда, ҳар яки онҳо вазифаҳои мушаххасеро иҷро менамоянд; в) вазифаи ҳар як ҷузъ ифодаи қонеъгардонии ин ё он талаботи иҷтимоӣ мебошад; г) азбаски ҳар як ҷузъ вазифаҳои хоси худро иҷро менамояд, ҳангоми суст гаштани фаъолияти як ҷузъ вазифаи дигар ҷузъҳо низ халалдор мегардад; ғ) барои таъмини сулҳу осоиш, муназзамии ҳаёти иҷтимоӣ назорати иҷтимоӣ мақоми хоса дорад.

Ин таълимотро минбаъд олимон Р. Мертон, Т. Парсонс инкишоф доданд.

Таълимоти инфиродии рушди ҷомеа

Як гурӯҳ ҷомеашиносон, аз ҷумла Ҷ. Ҳоманс, Ҷ. Линд, Г. Блумер дар тадқиқи ҷамъият ҷонибдори истифодаи усули инфиродӣ мебошанд.

Ғояи асосии таълимоти инфиродӣ чунин аст: ҳар ҳодисаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути маҷмӯи фаъолияти фардӣ дар тадқиқи фаъолияти фардӣ ва маҷмӯи фаъолияти фардӣ медонанд. Аз нигоҳи намояндагони таълимоти инфиродӣ нақшаи фаъолияти фардҳо аз унсурҳои зерин иборат аст:

– шахси фаъолияткунанда, яъне фард ё гурӯҳ;

– ҷалб шудани фард ба вазъияте, ки ба андозае лаҳзаи маҷбуркунӣ дорад;

– тавассути фаъолият барои ба даст овардани мақсад кӯшиш намудан;

– барои ба мақсад расидан имконият ва захираҳоро моҳирона истифода бурдан;

– аз рӯи одобу рафтори муайян фаъолият кардан.

Назарияи маҷмӯи фаъолият аз ҷониби Ҷ. Ҳоманс эҷод гаштааст, ки табодули иҷтимоӣ ном дорад ва он шартҳои зеринро фаро мегирад:

а) фаъолияти одамон ҳар чӣ бештар мукофотонида шавад, ҳамон қадар тез-тез такрор меёбад;

б) мукофотонӣ дар кадом вазъият рух дода бошад, одамон мекӯшанд, ҳамон вазъиятро ба вуҷуд оранд;

в) агар мукофот на хурд, балки калон бошад, одамон барои гирифтани он тайёранд, то ки якчанд маротиба зиёдтар кӯшиш ва саҳмгузорӣ намоянд;

г) дар ҳолати пурра қонеъ гаштани талаботи инсон, ӯ барои расидан ба мақсадҳояш ба таври боистанӣ кӯшиш наменамояд.

Ақидаҳои Ҷ. Ҳомансро Ҷ. Адамс ва Ҷ. Уолстер такмил дода, назарияи муносибатҳои одилонаро эҷод кардаанд. Тибқи ин назария ҷорӣ гардидани муносибатҳои одилонаи ҷамъиятӣ барои ҳаракату фаъолияти фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ фишанги асосӣ шуда хидмат мекунанд.

Назарияи дигаре, ки ба услубиёти инфиродӣ такя менамояд, таълимоти интераксионизми рамзӣ мебошад. Намояндагони ин таълимот Ҷорҷ Мид ва Герберт Блумер мебошанд. Мувофиқи ақидаи онҳо рафтори фардҳо аксуламал нисбат ба фаъолияти дигар фардҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, доир ба тадқиқи масъалаи ҷамъият, пайдоиш ва омилҳои фаъолияти он як қатор назарияҳо вуҷуд доранд, ки дар бисёр мавридҳо бо ҳам мувофиқанд, вале дар баъзе ҳолатҳо байни онҳо зиддият низ ҷой дорад. Аз як тараф, онҳо аз ғояти мураккабии ҷамъияти инсонӣ дарак диҳанд, аз дигар ҷиҳат, назарияҳои мазкур, сарфи назар аз гуногуниву мухталифӣ, ҷомеаро аз паҳлӯҳои гуногун меомӯзонанд. Онҳо яке дигареро пурра карда, ниҳоят барои тадқиқи ҷомеа, ки низоми аз ҳама мураккаби иҷтимоист, мусоидат менамоянд.

**Саидов И.С.** донишҷуи курси 2. ихтисоси 960101.
Роҳбари илмӣ н.и.с., Неъмонов Ҷ.М.

## МУШКИЛОТ ВА МУТОБИҚШАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавриди зикр аст, ки дар шароити ҷаҳонишаӣ ва муҳити мураккбу тағийрпазир ва душворидорашаванда масоили навовариҳо ва навгониҳо ба мисли иқтисодиёти инноватсионӣ ё ин ки иқтисоди рақамиву иқтисоди “сабз” рӯи кор меоянд. Мушкилоти асосӣ ин дар мутобиқшавист. Бояд зикр кард, ки зери мафҳуми инноватсия ҷараёни мутобиқшавии давлатҳо ба воқеиятҳо ва дастовардҳои ҷаҳони муосир фаҳмида мешавад, вақте, ки номукамалии низоми сиёси-иқтисодии мавҷудаи мамлакати муаян эҳсос мегардад ва ин низом норасоиҳо пайдо намуда, дар рушдёбӣ аз дигар давлатҳо ақиб мемонад, чунин ҳолат зарурияти ворид намудани ислоҳотҳо ва тағйиротҳо ба вуҷуд меояд.

Дар замони муосир дар бисёр мавридҳо маҳаки асосии рушди иноватсионии мамлакат ҳокимияти давлатӣ мебошад, чунки маҳз давлат стартегияҳои муҳимтарини рушди иҷтимои –иқтисодииро коркард ва амалӣ менамояд.

Баяд қайд намуд, ки вобастагӣ иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои дигар аз ҷумла дар соҳаи энергетика, дар заминаи хароб гаштани захираҳои ҷаҳонии энергетикӣ, зарурияти рушди соҳаи инноватсиониро ба вуҷуд овардаанд.

Барои рушди самти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин механизми самараноки амалисозии сиёсати инноватсионие дар тамоми самтҳои фаъолияти давлат зарур аст, ки он барои аҳоли фаҳмо бошад ва аз тарафитамоми шаҳрвандони давлат пазируфта шаванд. Инноватсия танҳо дар он маврид натиҷа хоҳад дод, ки агар он асоси идеологии устуворе дошта бошад, ки ба ананаҳо, арзишҳои таърихива фарҳангӣ миллат такя намуда, моҳият ва зарурияти рушди иноватсионии давлатро иникос кунанд.

Иқдомҳои давлати доир ба инноватсия дар таҳияи механизмҳои сиёсати инноватсионӣ ва тартиби амали намудани онҳо зоҳир мегардад. Бо ҳамин мақсад 16 апрели соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» қабул гардид ва 30 май соли 2015 стратегия рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2020[[19]аз тарафи давлат тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки имруз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонба самти инноватсионӣ аҳамияти махсус медиҳад, аммо бояд қайд намуд, ки танҳо тавасути усулҳои идоракунӣ муҳити иноватсиониро ташакул ва рушд додан гайриимкон аст. Вазифаи асосии давлат дар самти инноватсия дар он аст, ки тавасути воситаҳои инноватсионӣ муҳити инноватаисониеро ташакул диҳад, ки дар он тамоми тарафҳои манфитадор имконияти иштирок намудан дар амалисозии як мақсади умуми дошта бошанд. Аммо чи тавре таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад фаъолияти иноватсионии дар тиҷорат ва сармояҳои соҳибкорони алоҳида барои ташаккули самтҳои илмҳои технологӣ бе натиҷаанд, чунки бе иштироки фаъоли давлат

ташакули иқтисодиёти инноватсиони ғайримикон аст. Ғайр аз ин дар рушди инноватсия бунёди сохторҳои инноватсионӣ аҳамияти калон доранд.

Бояд қайд намуд, ки ҳал намудани проблемаҳои гуногуни давлат донишҳои куллан дигар ё навро талаб намекунад, истифодаи таҷрибаи бадаст омадаи дигар давлатҳо барои расидан ба ҳадафҳои банақшагирифта кофи мебошад. Масалан дар ин самт бояд сиёсати Хитойро ба роҳбари гирифт, ки он барои иҷрои вазифаҳои ислоҳотии худ дар саноат ва хоҷагидории қишлоқ таҷрибаи пешқадами давлатҳои ҷаҳони муосирро самаранок истифода мебарад, ки ин ба он имконият медиҳад то сохтори иқтисодии ҷаъмиятро бе ягон такони ҷидии сиёсӣ ва ҷаъмиятӣ тағир диҳад.

Хусусияти комплексии рушди инноватсионӣ мувофиқи мақсад мебошад. Чунки тағийр додан ва сифатан нав намудани техника маънои онро надорад, ки проблема пурра ҳал мегардад ё ин ки тағиротҳои сохтори дар иқтисодиёт ба вуҷуъ меоянд. Сохтори иқтисодии ҷомеа баъзе тарзҳои технологиро инъикос намуда натанҳо ба технологияҳо ва маҳсулотҳо маҳдуд мегарад, балки ҳамчунин ташкил ва идоракунии ҷузъҳои рушди инноватсиониро низ дар назар дорад.

Давлат намунаи иқтисоди иинноватсиониеро бояд интихоб намояд, ки барои сохторҳои давлатӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ ва умуман ҷомеа дар кисмати шаффофият ва шарҳи якхелаи чорабиниҳои асосии инноватсионӣ дар қисмати ягонагии натиҷаи онҳо мувофиқ бошад. Барои истеҳсоли маҳсулотҳои замонавӣ корхонаҳоро бо таҷҳизот ва технологияи муосир таъмин намудан зарур аст, ин барои тиҷорати хурд ва миёна, ки қобилияти харидории таҷҳизоти муосирро аз ҳисоби захираҳои маҳдуди молиявиашон надоранд ва ҳаҷми хурди истеҳсоли маҳсулоти хуроквори доранд хеле муҳим мебошанд. Маҳз корхонаҳои хурди инноватсионӣ бояд сарчашмаи асосии пешравии саноат бошанд.

Дар ҷамъбаст, бояд гуфт, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ комплекси буда дар як вақт якчандвазифаҳоимуҳимроҳал намояд.

Якум лоиҳаҳои инноватсионӣ бояд рушди мунтазами иқтисоди ватаниро таъмин намоянд, ки дар навбати худ омили устувории иҷтимои ва сиёсиро таъмин хоҳанд кард.

Дуввум, дар онҳо бояд ҳамаи табақаҳои ҷаъмиятӣ ширкат карда тавонад – ин ба фаъолияти инноватсионӣ мазмуни "идеяи миллӣ асри XXI" хоҳад дод

Сеюм, лоиҳаҳои инноватсиони бояд барои шарикони эҳтимолии мамлакат дар хориҷӣ дур ва наздик ҷолиб бошанд ва имконияти баланд бардоштани симои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд.

Чорум, татбиқи чунин лоиҳаҳо бояд зери назорати қатъии давлат қарор дошта бошанд ва давлат бояд ҳамчун «фармоишгар»-и асосии навовариҳо амал кунад.

Самаранокии амалисозии фаъолитяи инноватсионӣ мамлакат пеш аз ҳамма аз механизмҳои сиёсӣ-иқтисодӣ вобастагӣзиёд доранд аз ҷумла: танзими ҳуқуқии масъалаҳои моликияти хусусӣ махсусан натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳо; ташкил намудани сохторҳои иҷтимои дар назди Ҳукумат, ки назоратро аз болои амалисозии стратегияи инноватсионӣ амалӣ меанамояд; тақсимоти салоҳиятҳои инноватсионӣ байни мақомотҳои гуногуни давлатӣ; дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷори намудани чорабиниҳои самараноки мубориза бар зидди корруптсия: маҳдуд намудани монеаҳои бюрократӣ барои тиҷорати хусусии инноватсионӣ; фаъол ва самаранок гардонидани ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо бо мақсади омузиш ва мутобиқгардонии сиёсатӣ инноватсионии давлатии беҳтарини хориҷӣ (механизмҳо, стратегияҳло, интситутҳо) нисбат ба давлати Тоҷикистон ва ғайра.

Хамин тавр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф муаян намудани самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии мамлакат ва аз тарафи дигар интихоб намудани сиёсати дуруст ва чораҳои ҳавасмандии зарурӣ барои тағйиротҳои иноватсионии бо ананаҳои милли ҳамоҳанг бисёр мубрам мебошад. Бо вуҷуди ин дарроҳи ҷустуҷи роҳи хоси миллии иноватсионӣ, дар бораи дастовардҳои инноватсионии дигар давлатхо фаромуш набояд кард. Дар ин маврид бояд ҳаматарафа таҷирибаи давлатҳои рушдёфта аз ҷумла ИМА, Олмон, Фаронса, Хитой ва ғайра омхта шаванд

**Адабиёт:**
1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. №4.М. 272.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи барномаи рушди инноватсионии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2011-2020" аз 30 апрели соли 2011 № 227.
3..Неъмонов Дж.М., Нуриддинов Б.Х. Инновационная культура как основа формирования и развития её потенциала в регонах Республики таджикистан.. Вестник филиала МГУ в г Душанбе.// Научный журнал.серия гуманитарных и экономическых наук.2.(1) 2017 стр.54-60.

**Мудинова Парвина**. донишҷуи курси 1, ихтисоси 25010402

## БЕГОНАПАРАСТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Масъалаи бегонапарастӣ дар ҷомеаи мо имрӯзҳо яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба ҳисоб меравад. Аҳли ҷомеа бояд нисбат ба ин зуҳурот бетараф набуда, дар якҷоғӣ бар зидди паҳн шудани урфу одатҳои бегона мубориза баранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иброз доштанд, ки яке аз зуҳуроти нангин дар ҷомеаи муосир ин бегонапарастӣ ва тақлид ба фарҳанги бегона ба ҳисоб меравад ва Роҳбари давлат махсус ин нуктаро таъкид намуданд, ки: «Сиёсатмадорону фарҳангиён ва зиёиёни моро зарур аст, ки дар самти фаҳмондадиҳии моҳияти равандҳои муосир, мубориза бо хурофоту иртиҷоъпарастӣ ва тақлид ба расму оинҳои бегона миёни ҷомеа корҳои тарғиботиро тақвият бахшида, рисолати сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии худро дар назди халқу Ватан содиқона иҷро намоянд».

Гуфтан ба маврид аст, ки бегонапарастӣ ва тақлиди кӯр-кӯрона, аслан, хоси мардуми тоҷик набуда, дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангӣ ба наслҳои оянда таъсири зараровари худро мерасонад. Дар ҷомеаи мо зиёд нафароне дучор омадан мумкин аст, ки дар либоспӯшӣ ба фарҳанги бегона такя намуда, аз доираи арзишҳои миллии худ берун мераванд. Дар воқеъ, ин рафтори онҳоро, агар аз як тараф, ба огоҳ набудан аз анъанаҳои суннатии либоспӯшии гузаштагони мо шарҳ дода шавад, аз тарафи дигар, бемасъулиятии комил зоҳир намудани онҳо дар либоспӯшӣ ба ҳисоб меравад. Ба марҳилаҳои гуногуни таърихи ҳалқамон назар афканем сару либоси занону бонувони тоҷик дар ҳеҷ давру замон тақлиди кӯркӯронаи идеалҳои динҳои гуногун набуд, баръакс либосҳои исломии миллишудаи тоҷикон падидаи арзишманде буданд, ки дар баробари мансубияти диниро таҷассум кардан ҳуввияти миллии моро низ барҷаста нишон медоданд. Бо мақсади омӯхтани сабабу шароитҳои рӯ овардани занону духтарони кишварамон ба либоси ғайримиллӣ таҳқиқоти сотсиологӣ анҷом дода шуд.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки сабаби асосии майли занону духтарони мо ба либоси ғайримиллӣ, тақлидкорӣ (34,8%), муд шудани пӯшидани ин гуна либосҳо ва намоиш доданӣ мазҳабӣ будани худ (6,3%) мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки пӯшидани либослҳои ғайримиллӣ аз рӯйи эътиқоди динӣ (6,3%) ва ё бароҳат ҳис кардани худ (5,1) нест, яъне пӯшидани ин либосҳо аз рӯйи ҳавою ҳавас ва тақлидкорӣ сурат мегирад ва манфиати воқеӣ надоранд. Таъсири волидону хешовандон низ дар интихоби либоси занону духтарон (асосан ҳиҷоб) хеле кам аст, онҳо худашон пӯшидани чунин либосҳоро интихоб мекунанд (нигаред ба расм).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари занон, ки адои ҳаҷ ё умра мекунанд, баъди бозгашт ба хотири фарқ кардан аз дигарон либосҳои бегонаро ба бар карда, василаи тарғиби он мегарданд. Бегонапарастӣ дар сару либос, яъне пӯшидани либоси бегона масъалаи мубрам барои ҷомеаи мо мебошад. Бегонашавии одоб ва расму оини либоспӯшӣ – бегонашавии фарҳангиест, ки истиқлоли фикрӣ, ҳувияти миллӣ ва фарҳангии миллатро халалдор месозад.

Имрӯз воқеият баёнгари он аст, ки ҳар миллат бинобар собиқаи фарҳангии худ дар либоспӯшӣ рафтору анъанаҳои махсус дорад, ки арзишҳои моддиву маънавии гузаштаи таърихии худро инъикос намуда, аз рӯйи забон, фарҳанг ва шаклу тарзи либоспӯшияш шинохта мешавад. Модарону бонувони мо – тоҷикон низ тарзи хоси либосҳои миллии худро доштанд ва онро ба мо мерос гузоштаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар баробари зебоиву рангорангӣ меъёрҳои ахлоқиву эътиқодии мардуми бостонии моро инъикос мекард. Аз ин лиҳоз, мо бояд ба хотири ҳифзи асолат ва арзишҳои миллӣ воридшавии либосҳои ба ном динӣ, аммо ба урфу одат ва фарҳанги мо бегонаро пешгирӣ намуда, муборизаи беамон бар зидди он барем.

Дар ин суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кумитаи кор бо занон ва оиларо вазифадор намуданд, ки дар ҳамкорӣ бо тарроҳони ватанӣ тарҳҳои зебову гуногуни либоси миллиро мувофиқи ниёзҳои эътиқодиву ахлоқии занону хоҳарон ва модарони мо таҳия ва пешниҳод созанд.

Зан ва модари тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси халқу миллат ба ҳисоб меравад. Яке аз нишонаҳои асосӣ ва муаррифгари фарҳангу тамаддуни миллатҳои дунё либоси миллии онҳост ва вақте сухан аз ин хусус меравад, ҳатман пеши назар симои занон бо сару либоси миллӣ - атласу адрас, гулбасту чакан, гулдӯзиҳои нотакрор, алочаву шоҳӣ, рангҳои пурҷилои куртаву тоқӣ меояд. Либоси миллии мо, ки яке аз нишонаи соҳибфарҳангии мо эътироф шудааст ва ҳар яки моро зарур аст, ки фарҳанги миллиро бо тақлидҳои кӯркӯрона ба бегонапарастӣ омехта насохта, онро бо тамоми покиву рангорангияш ба насли оянда мерос гузорем.

Либоси миллии тоҷикон яке аз қисматҳои асосии фарҳанги миллии мо ба шумор меравад. Дар замони муосир ҷаҳониён моро ба воситаи фарҳанги миллии қадимаамон мешиносанду эътироф менамоянд. Бояд гуфт, ки либоси миллӣ низ ҷузъе аз фарҳанги миллии мо ба ҳисоб рафта, он таърихи кӯҳани ташаккули худро дорад. Дар тӯли асрҳо новобаста аз таззодҳои нангин, ки аз ҷониби аҷнабиён ба сари миллати мо оварда шуда буд, фарҳанги миллӣ бахусус либосҳои миллии мо зебоиву шукуҳи худро гум накарда, балки боз тобишҳои нав ба навро ба худ гирифт. Бо гузашти садсолаҳо имрӯз шаҳомату зебоии либосҳои миллии тоҷикон сарҳадҳоро убур карда, тасхиркунандаи қалби Осиёву Африқо, Америкову Аврупо гардидааст. Боиси хушбахтӣ ва сарфарозӣ аст, ки Созмони Миллаи Муттаҳид-ЮНЕСКО ва хонаи тамаддуни фарҳанги ҷаҳон Парижи Фаронса бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чакани тоҷикро аз зумраи ёдгориҳои беназири фарҳангии ҷаҳонӣ эътироф кард.

Барои боз ҳам дар сатҳи баланд муарриф намудани фарҳанги миллӣ бо талошҳои бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ “эълон гардиданд.

Ин ташаббусҳо метавонад завқҳои солҳо дар пушти парда ниҳонбудаи миллати тоҷикро бедор намуда, дар замонасозикунониву ҷаҳонтасхирсозии либоси миллии мо заминаи нави рушду инкишофро ба вуҷуд орад.

Ташвишовар аст, ки солҳои охир занону духтарони мо ба фарҳанги бегона рӯ овардаанд. Хусусан тақлид ба шакли либоспӯшии занони Эрону Туркия, ки ба бозорҳои мо ворид шуданд. Мақсади мо решакан кардани ин анъанаҳои бегонаи либоспӯшӣ ва роиҷ сохтани тарзи либоспӯшии миллии худамон аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ин масъала зимни як суханронии хеш бахшида ба Рӯзи Модар чунин таъкид карда буданд:“Вақтҳои охир тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани занону духтарони кишвар, ташвиқи либосҳои бегона дар баъзе шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ ба як раванди ташвишовар табдил ёфтааст. Бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар либоси миллӣ дар байни занону духтарон метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонад. Агар иддае ба хотири тақлид ба ин тарзи либоспӯшӣ завқ пайдо карда

бошанд, баъзеҳо бо мақсади таблиғи ақидаҳои таҳмилӣ ин либосро миёни занону духтарони мо паҳн карда, мехоҳанд дар кишвар боз як чараёни нави ифротиро ҷорӣ намоянд”.

Бояд ёдовар шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурамале таҳия шудааст, ки намуди либоси духтарону занонро дар фаслҳои сол, ҷашну идҳо ва дигар маросимҳо дар бар мегирад. Ин дастурамал бо ҷалби тарроҳону донандагони анъанаҳои либоси миллӣ таҳия шуда, ба занону духтарони синни гуногун - аз 7 то 60-сола ва аз он боло пӯшидани навъҳои либосҳои миллии муосири тоҷикиро тавсия медиҳад. Дастурамал ба ҷуз аз танзими либоси занон вобаста ба синну сол тартиби пӯшидани либоси занонро вобаста ба рӯзҳои сол ва макон ҳам танзим мекунад. Дар даҳ қисми аввал намунаи либосҳои бонувоне, ки дар мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ кор мекунанд, оварда шуда, лисбоси занон дар рӯзҳои ҷашнҳои миллӣ, давлатӣ, дар рӯзҳои истироҳати шанбеву якшанбе ва дар бахшҳои алоҳида муайян шудааст. Имрӯз ҳар яки моро зарур аст, ки барои пос доштани фарҳанги миллӣ ва ба насли оянда мерос гузоштани он саҳмгузор бошем ва нагузорем, ки либоси ҳеҷ як миллати бегона ба фарҳанги пурғановати мо воридшуда, боиси аз байн рафтани фарҳанги милии мо тоҷикон гардад.

**Ҳошимов Муҳаммад** донишҷӯи курси 1-ум
ихтисоси 25010402 рохбари илмӣ Зарипова Р.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Аз замони ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи ғайриоддии худ, тасдиқнамоии давлатӣ, таҳкими истиқлолият ва ҷустуҷӯйи самти дурусти рушди ояндаро аз сар гузаронид. Ба шарофати соҳиби таҳаммулпазир будани халқ ва сиёсати одилонаи роҳбарият Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ вазъи ногувори ҷамъиятию сиёсӣ ва тағйироти харобовари иқтисодии солҳои 90-умро бартараф намуда, дар аввали асри XXI ба муваффақиятҳои бузурге ноил гардид. Маҳз ваҳдати миллӣ халқи моро аз хатари парокандашавӣ ва нобудшавӣ раҳоӣ намуд, роҳро барои муттаҳидӣ ва рушди босубот боз намуд. Дар Тоҷикистон сулҳу ваҳдат ва дар ҷомеа ризоият ҳукумфармо шуд, дар гузаронидани ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демократӣ дастовардҳои назаррасе ба даст омаданд.

Ҳангоми дар мавриди муваффақиятҳои кишварамон сухан гуфтан, бояд дар хотир дошта бошем, ки замина ва такягоҳи асосии рушди босуботи Тоҷикистон зиндагии накӯаҳволона, шароити мусоиди худмуайянкунӣ ва худтадбиқнамоӣ, ризоият ва ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад. Ризоият ва ваҳдати миллӣ базаи устувору қавиест, ки барои пешрафти давлат мусоидат менамояд ва маҳз он ҳокимиятро ба захираи стратегии рушд табдил медиҳад. Чи хеле, ки таърихи инсоният гувоҳӣ медиҳад, дӯстии халқҳо, ризоият ва устуворӣ неъмати ҳамешагӣ нест. Устувор нигоҳ доштани дӯстию ризоияти намояндагони ҳамаи халқу миллатҳои муқими Тоҷикистон кӯшишу талошҳо ва заҳматҳои ҳамешагиро талаб менамояд.

Асос ва заминаи ҳифзи ваҳдат ва ризоият дар кишварамон сиёсати хирадмандонаи озмудашудаи муносибатҳои миллӣ баромад менамояд. Дар он солҳои барои кишварамон мушкили барқароршавии истиқлолият, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар қабули қарорҳои сиёсӣ дурандешӣ нишон дод. Сарвари давлат ҳамеша ғояи сулҳ ва ваҳдати миллиро дастгирӣ ва тарғиб менамояд. Муҳим он аст, ки Сарвари давлат бо ҳар як гуфтор ва рафтору амали худ ба ҷомеа ҳушдор медиҳад, ки ҳамаи тоҷикистониён новобаста ба миллат ва мазҳабу эътиқод барояш азизу арзишманданд. Маҳз ин ақидаи арзишманди Роҳбари давлатамон рамзи сиёсати давлатии кишвари бисёрмиллатамон ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти таърих аз замони ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон вақти зиёд нагузаштааст, аммо маҳз дар ин давраи таърихӣ тағйиротҳои куллии иҷтимоӣ, ивазшавии

сохтори сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Дар ин вақти кӯтоҳи таърихӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ табақаҳои нави иҷтимоии ҷомеа, тарзи нави зиндагӣ, арзишу дастурҳо, самтҳо ва тамоюлҳои нав шакл гирифтанд. Чунин тағйиротҳои куллӣ, бешак, дар худшиносӣ ва ҳуввияти одамон, инчунин дар сиёсати миллии давлат инъикоси худро ёфтанд.

Дар ин замина ваҳдати халқҳои Тоҷикистон, ки имрӯз дар ҷаҳони глобалӣ дар раванди барқароршавӣ қарор дорад, аҳамияти хосаро пайдо менамояд. Дар шароитҳои бӯҳрони глобалии молиявию иқтисодӣ ва дигаргуниҳои куллии ҷаҳон, ки афзалиятҳои кишвар тағйир меёбанд ва вобастагии байни давлатҳо равшантар мегардад, ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ҳамчун кафили сиёсати хориҷаи кишварамон баромад мекунад.

Ваҳдати ҳамаи ҷомеаи тоҷикистонӣ, ки мазмуни муносибатҳои арзиширо муайян мекунад ва “ҳамфикрии арзишӣ”-и субъектҳои этникии кишварамонро таъмин менамояд, бояд ба унсури шуури миллии модернизатсияшудаи ҳамаи этносҳои Тоҷикистон табдил ёбад. Дар заминаи он талаботҳои ботинии ҳифзи якпорчагӣ ва ваҳдати дохилии ҷомеаи тоҷикистонӣ қарор дорад. Барангехтани ҷудоии байниэтникӣ ва байнимазҳабӣ дар кишварамон ҷинояти зиддиконститутсионӣ ба ҳисоб меравад.

Фазои хубу мусоид дар муносибатҳои байниэтникӣ асоси устувории на танҳо ҷомеаи мо, балки ҳамаи давлатҳо мебошад. Илова ба ин илҳомбахш ва таблиғгари чунин сиёсат дар соҳаи байниэтникӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мо - Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад. Чи хеле ки Сарвари давлат қайд менамояд, - «Ваҳдати миллӣ барои мо дастоварди ниҳоят пурарзиш, шарти асосии некӯаҳволии халқамон ва таҳкурсии боэътимоди пешрафту ободии Ватани маҳбубамон мебошад. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар шахси худшиносу худогоҳ, ватандӯсту ватанпарвар аз он иборат аст, ки ваҳдати миллиро чун гавҳари бебаҳо ва дастоварди ниҳоят азиз ҳифз намояд ва онро дар радифи дигар муқаддасоти миллиамон пос ва гиромӣ дорад. Ваҳдати миллӣ ҳамчун рамзи пирӯзиву хушбахтӣ ба мардуми тоҷик нерӯву тавони нав бахшид, дар қалби ҳар як сокини кишвар шуълаи умедро ба фардои ободу осуда фурӯзон намуд ва қалбҳои хурду бузурги мамлакатро пур аз шодиву фараҳ гардонид» [4].

Бештари масъалаҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон на танҳо ба ҳолати саноат, нақлиёт, инфраструктураи иттилоотӣ, балки ба омилҳои гуманитарӣ вобастагӣ доранд, ки дар байни онҳо муҳимтаринашон фарҳанги маънавии ҷомеа ва ваҳдати миллии кишвар ба ҳисоб мераванд. Махз ин омилҳо дар шароитҳои муосир барои рушди бомуваффақи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, инчунин барои мубориза ба муқобили хатарҳои дохилию берунии амнияти миллӣ муайянкунанда мебошанд.

Фарҳанги маънавӣ ба фаҳмишу дарки ҳастӣ дар ягонагию алоқамандӣ ба ҳолати амнияти миллӣ таъсири назаррас мерасонад. Маҳз фарҳангҳои умумӣ ё универсалӣ муайянкунандаи устувори шуури ҷамъиятӣ мебошанд. Низоми арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ рафтори фардҳои алоҳида ва гурӯҳҳои аҳолиро дар ҷомеаи муосир муайян мекунанд. Ба омӯзиши масъалаи иттиҳод дар давлати полиэтникӣ донишманд Хосе Ортега-и-Гассет таваҷҷӯҳи махсус дода, қайд мекунад, ки «ваҳдату ягонагии миллӣ дар навбати аввал ба роҳ мондани робитаҳои наздики байни гурӯҳҳои этникӣ ва полиэтникӣ мебошад. Миллате вуҷуд дошта метавонад ва ташаккул меёбад, ки агар барои фардо барнома дошта бошад”[1]. Инчунин Ортега-и-Гассет илова мекунад, ки мо миллатро муҳофизат намуда, на рӯзи гузашта, балки фардоямонро муҳофизат мекунем.

Таърихи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки дастгирии ваҳдати миллӣ ба сифати омили таъмини ҳаёту фаъолияти миллат, истиқлолият ва ягонагии ҳудудии ин ё он кишвар баромад мекунад. Дар шароитҳои муосири ҷаҳонишавии ҷамъият ва шиддат гирифтани муборизаҳои рақобатнок дар бозори ҷаҳонӣ аҳамияти ин омил ба таври бесобиқа меафзояд. Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ имрӯз яке аз шароити зарурӣ ё кафолати ҳифзи амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аммо мо имрӯз ба мафҳуми “ваҳдати миллӣ” чи мазмуну муҳтавоеро ворид

менамоем? Оё "ваҳдати миллӣ" – ин давлати бисёрэтникист, идеологияи ягонаи давлатист ё дини умумии одамоне мебошад, ки дар ҳудуди давлат зиндагӣ мекунанд?

Ваҳдати миллии кишвар – ин пеш аз ҳама ваҳдати тасаввуроти халқи он оиди арзишҳои нисбатан аҳамиятноки маънавӣ мебошад. Арзишҳои ба ҳуввияти коллективӣ, миллӣ ва фарҳангӣ алоқаманди ҳамаи сокинони кишвар меҳвари ваҳдати миллиро ташкил медиҳанд. Маҳз ин арзишҳо, ки ба ягон намояндагони ин ё он этнос тааллуқ надошта мутаҳидии халқи кишварро таъмин намуда, миллатро ягона мегардонад.

Ҳамин тариқ, шароити зарурии таъмини ваҳдати миллии халқи тоҷик умумияти фарҳангӣ, пеш аз ҳама, умумияти арзишҳои маънавӣ мебошад. Маҳз ин омилҳо хусусиятҳои махсуси ҳуввият, заминаҳои равонии шаҳрвандонро ташкил намуда, дар халқ сифати муҳими стратегиро бо номи ваҳдати миллӣ ташаккул медиҳанд. Ваҳдати миллӣ ҳангоме аз худ дарак медиҳад, ки агар миллат якхела ба хатари беруна ё бӯҳрони дохилӣ вокуниш нишон медиҳанд. Ба ибораи дигар, агар аксарияти аҳолии кишвари бисёрмиллата якхела ба хатари беруна ё бӯҳрони дохилӣ вокуниш нишон диҳанд ва дар он аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, динӣ ва ё иҷтимоӣ ихтилоф мушоҳида нашавад, пас маълум мегардад, ки дар ин кишвар ваҳдати миллӣ ба вуҷуд омадааст. Маҳз ин ҳамон меъёрест, ки тавассути он дар бораи сатҳи ваҳдати миллӣ баҳо додан мумкин аст.

Аз ин рӯ, зери мафҳуми "фарҳанги маънавӣ" мо маҷмӯи ҳамон қисматҳои фарҳангро мефаҳмем, ки барои ташаккулёбии принсипҳои ахлоқии рафтори одамон дар ҷомеа аҳамиятноканд ва дар заминаи онҳо муносибатҳо бо муҳити атроф, дигар одамон ва бо худи онҳо ба роҳ монда мешаванд. Ба чунин принсипҳо мо тасаввуротҳои инсонро оиди моҳияти зиндагӣ, хубию бадӣ, шаъну шарафи инсон, номус ва виҷдон, қарзу масъулият дохил карда метавонем.

Ба ваҳдати миллии ҷомеаи тоҷикистонӣ аҳамияти дигар қисматҳои фарҳанги маънавӣ (эстетикӣ, илмӣ, корӣ, экологӣ ва ғайра) кам нестанд. Мо минбаъд таваҷҷӯҳи худро ба он қисматҳо ва омилҳое равона мекунем, ки имрӯз барои ҳалли масъалаҳои стратегии ваҳдати миллӣ ва амнияти Тоҷикистон нисбатан муҳим ва аҳамиятноканд. Чунин омилҳо арзишҳои маънавӣ мебошанд.

Ҳар як ҷомеа низоми арзишҳои худро ташаккул медиҳад, ки ба идеалҳо ва талаботҳои аъзоёни ин ҷомеа мувофиқ меоянд, инчунин маҳз хусусиятҳои хоси чунин намуди фарҳанг ба ҳисоб мераванд. Сарвати аз ҷиҳати стратегӣ муҳими фарҳанги тоҷик арзишҳои маънавии анъанавӣ мебошанд, ки дар муддати таърихи дурударози рушди халқи мо ташаккул ёфта, хусусиятҳои асосии фарққунанда ва махсусияти тоҷикистониёнро ҳамчун миллати воҳид инъикос мекунанд. Барои фарҳанги анъанавии халқӣ тоҷик хос чунин арзишҳои маънавӣ нисбатан аҳамиятнок ва афзалиятноканд:

- арзишҳои ҷаҳонбинӣ, ки муҳимтаринашон тасавурот оиди мақсад ва моҳияти ҳаёт, эътиқоди динӣ, виҷдон ва шаъну шараф;
- арзишҳои ҷамъиятӣ, ки миёни онҳо дар Тоҷикистон асоситаринашон ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ оиди тақдири кишвар, хизмат ба Ватан, эҳсосоти қарз ва эътирофи ҷамъиятӣ;
- арзишҳои ҳаётӣ, ки дар байни онҳо афзалиятнокашон муносибат ба волидон, фарзандон ва оилаи худ;
- арзишҳои муошироти байнишахсӣ, мисли муҳаббат, дустӣ, виҷдон, боинсофӣ, меҳмондӯстӣ.

Дигар намудҳои арзишҳо (демократӣ, иттиҳодиявӣ, прагматикӣ) дар фарҳанги анъанавии тоҷик ҳамеша дар дараҷаи дуюм меистанд. Давоми даҳсолаҳои охир дар доираи фарҳанги маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ як қатор тамоюлҳои нигаронкунандаи манфӣ мушоҳида мешаванд, ки дар маҷмӯъ онҳоро бӯҳрони фарҳангӣ номидан мумкин аст, ки барои таъмини амнияти миллии Тоҷикистон, устувории иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ, рушди минбаъдаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишварамон хатари ҷиддӣ доранд. Аз байни онҳо чунин тамоюлҳои нисбатан хатарнокро номбар намудан мумкин аст:

- дар байни аксарияти аҳолӣ поён рафтани чунин арзишҳои иҷтимоии барои фарҳанги тоҷик муҳим, мисли ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ доштан барои тақдири кишвар, эҳсоси ӯҳдадариҳо барои хизмат ба Ватани худ;
- дар шуури ҷамъиятӣ ба мадди аввал баромадан ва бартарӣ пайдо намудани чунин арзишҳои прагматикӣ, мисли накӯаҳволии моддӣ ва бойгарии шахсӣ, пешрафти касбию хизматӣ ва сиёсӣ, инчунин шаъну шараф ва иззату эҳтиром дар соҳаи санъат;
- дар байни насли ҷавони шаҳрвандони тоҷикистонӣ поён рафтани аҳамиятнокии арзишҳои оилавӣ, эҳтиром ба волидон, хоҳиши ташкили оилаи устувор, таваллуд ва тарбияи фарзандон, кӯмак расонидан ба хешовандони кӯҳансол;
- вайрон шудани арзишҳои ҷаҳонбинӣ, аз даст додани мақсад ва маънии зиндагӣ, боварӣ ба оянда, тасаввуроти анъанавӣ оиди виҷдон ва шаъну шарафи шахсӣ;
- поён рафтани сатҳи ахлоқи ҷамъиятӣ ва меъёрҳои этикии рафтори инсон дар ҷомеа, муносибати он бо дигар одамон ва муҳити табиӣ.

Имрӯз дар доираи фарҳанги маънавии Тоҷикистон чунин натиҷаҳои асосии рушди тамоюлҳои манфии номбаршуда мушоҳида мешаванд:

- бепарвогию рӯҳафтодагии ҷамъиятӣ, нусхабардории тарзи зиндагӣ, қолибҳо ва меъёрҳои рафтору муошират, ки ба маданияти ватанӣ хос нестанд, мисли услуби либоспӯшӣ, анъана шудани истифодаи доимӣ ва бемавриди истилоҳоти хориҷӣ дар муошрати корӣ ва гуфтугӯи ҳаррӯза, таъсиру фишори рекламаҳои молу маҳсулоти воридотии хориҷӣ;
- аз тарафи бисёре аз шаҳрвандони Тоҷикистон аз даст додани эҳсоси ифтихор доштан нисбати кишвар ва гузаштаи он, фаромӯш намудани бисёре аз ҳодисаҳои муҳими таърихи кишвар, қаҳрамонони миллӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ;
- рушди коррупсия, намудҳои гуногуни қаллобӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва зӯроварӣ;
- дараҷаи баланди нобаробарӣ ва ба табақаҳои иҷтимоӣ ҷудо шудани ҷомеаи тоҷикистонӣ;
- дар муҳити ҷавонон паҳн шудани худхоҳӣ, бакамолнарасӣ, муносибати беэҳтиромона доштан нисбати меҳнат, қарзи шаҳрвандии худ, нисбати насли калонсол, паҳншавии майхорагӣ, нашъамандӣ, сигоркашӣ ва бадлафзӣ;
- афзудани шумораи ҷудошавии ҳамсарон, оилаҳои ноосудаҳол, бепарастории кӯдакон ва ғайраҳою

Соҳаи маориф яке аз самтҳои муҳимтарини тадбиқнамоии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанги маънавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо барои Тоҷикистон масъалаи калидӣ барқарорнамоии бетаъхири низоми тарбияи ахлоқии насли ҷавони шаҳрвандони тоҷикистонӣ мебошад, ки айни замон пурра аз байн рафтааст. Ин низомро дар солҳои наздиктарин аз нав сохтан ва ташаккул додан лозим меояд. Бо ин мақсад зарур аст, ки на танҳо мазмуни бисёре аз барномаҳои таълимии мактабҳои миёна ва олиро аз нав дида баромадан лозим аст, балки ин соҳаҳоро бо омӯзгорони ботаҷрибаи соҳаи психология ва методологияи корҳои тарбиявӣ таъмин намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Ин масъалаи мушкил буда, ҳалли он вақт ва хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Аммо муҳимияти стратегии ҳалли ин масъала дурустии ин хароҷотҳоро собит менамоянд, зеро бе ҳалли ин масъала бисёре аз мақсадҳои азнавсозӣ ва рушди минбаъдаи кишварамон, инчунин таъмини амнияти миллӣ ба даст оварда намешаванд.

Айни замон нақши фарҳанги маънавӣ дар ҳаёти ҷомеаи тоҷикистонӣ ба таври назаррас баланд меравад. Кӯшишҳои Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки ба азнавсозии ҷомеа равона гардидаанд, барои дар амал тадбиқгардӣ муттаҳидии халқҳои Тоҷикистон, таъминоти ваҳдати миллии кишвар ва сафарбар намудани тамоми захираҳои зеҳнию маънавиро талаб менамояд. Чунин ягонагию ваҳдатро танҳо дар асоси арзишҳои баланди маънавии барои фарҳанги анъанавии тоҷик хос таъмин карда мешавад. Имрӯз ин вазифа ниҳоят муҳиму аҳамиятнок аст ва аз ин рӯ, он бояд дар сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти фарҳанги маънавӣ мақоми афзалиятнокро ишғол намояд. Мақсади муҳимтарини стратегии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанги маънавӣ бояд ваҳдати миллӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ қарор гирад. Аммо

ба ин мақсадҳо дар асоси консепсияи таъминоти накӯаҳволии моддии шаҳрвандон расида наметавонем, зеро ин консепсия на ҳама вақт ба ҳуввияти ҷомеаи тоҷикистонӣ ва фарҳанги анъанавии он мувофиқат мекунад. Ваҳдати миллии воқеии Тоҷикистон ва ризоияти шаҳрвандии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар асоси фаҳмишу дарки якхелаи арзишҳои маънавии давоми асрҳои зиёд ташаккулёфта барқарор мегардад. Муҳимтарини онҳо худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан мебошад. "Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк намудаанд, ки устувор намудани пояҳои давлату давлатдории миллӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодӣ, пеш аз ҳама, ба густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ вобастагии мустақим дорад" [2].

Сиёсати давлатии Тоҷикистон бояд ба барқароршавӣ, устуворгардонӣ ва ҳифзи ин арзишҳо равона карда шавад ва ин идеология дар қонунгузории кишварамон, махсусан Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси зарурии худро ёбад. Ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело равшан инъикос гардидааст: "Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд... Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд" [3].

Дурнамои рушди устувору бехатари минбаъдаи тамаддун ба ҳолати фарҳанги маънавии ҷамъият, арзишҳо ва афзалиятҳои он алоқамандии зич дорад. Фарҳаги маънавӣ дар замони имрӯза омил ва кафолати муҳимтарини стратегии таъмини амнияти миллӣ ва байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо гуфтаҳои маъмули Иммануил Кантро дар бораи қонунҳои ахлоқӣ оиди инсон ёдовар шудан хело бомаврид аст: танҳо қонунҳои ахлоқӣ дар рӯҳи ҳар як шахс қобилияти зиндагӣ кардан дар ҷаҳони мураккаб ва хатарнокро таъмин карда метавонад. Дар ташаккули ин қонуни ахлоқӣ вазифаи асосии стратегии фарҳанги маънавӣ марҳилаи муосири рушди тамаддун ифодаи худро меёбад.

Коркарди низоми нави фарҳанги маънавӣ холигии маънавии ҷомеаи моро бартараф намуда, роҳи дурусти инкишофи кишварамонро нишон медиҳад. Айни замон муҳим он аст, ки ҳангоми арзёбии идеяи миллӣ ҳифзи ҳукуку озодиҳои шаҳрванд ва манфиатҳои миллӣ дар зинаи аввал гузошта шавад, идеяи миллӣ ба ҳаёти муътадилу солими мардуми тоҷик тавъам бошад ва манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои гуруҳ ё шахсони алоҳида болотар истад, табақаи зиёӣ аз аҳамияти бештаре бархурдор гардад, зеро ин табақаи маълумотдори ҷомеа дар ташаккули идеяи миллӣ, ҳуввият ва худшиносии миллӣ, и ҷтимоишавии насли ҷавон накши муассире доранд.

Агар вазъияти Тоҷикистонро таҳлил намоем, пас то барҳамхурии низоми шӯравӣ ба мо чунин арзишҳо, мисли боло будани манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ, боло будани арзишҳои моддӣ аз арзишҳои маънавӣ, рафтори ғайриахлоқӣ ва ғайра бегона буданд. Шароити бухроние, ки пас аз барҳамхурии шӯравӣ ба миён омад, аз худ халогии маънавӣ ва нигилизми ҳуқуқию ахлоқиро боқӣ гузошт. Аммо ботадриҷ одамон ба шароитҳои бозоргонӣ мутобиқ мегарданд ва дар ҷаҳонбинии онҳо гуногунфаҳмӣ пайдо мешавад. Дар байни аҳолии Тоҷикистон се категорияи одамон ташаккул меёбанд:

- Насли калонсол, ки то ҳоло арзишҳои даврони шӯравиро дастгирӣ мекунанд, мисли ба ҷойи аввал гузоштани накӯаҳволии ҷомеа нисбати манфиатҳои шахсӣ, боло будани арзишҳои маънавӣ нисбати арзишҳои моддӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, ахлоқи намунавӣ, ростқавлӣ, меҳнатдӯстӣ, бовиҷдонию боинсофӣ беғаразӣ ва ғайраҳо.
- Одамони ба истилоҳ «бозориҳо», ки зуд ба иқтисоди бозоргонӣ мутобиқ шуданд ва ҳоло ин амсила дар мо вуҷуд дорад. Арзишҳои онҳо ба он арзишҳое, ки одамони даврони шӯравӣ қадр мекарданд, муқобил мебароянд. Боло будани манфиатҳои шахсӣ аз ҷамъиятӣ, паст будани эҳсоси ватандӯстӣ (он ҷойеро ватан мегӯянд, ки аз ҷиҳати моддӣ зиндагии хуб доранд), ҷустуҷӯйи роҳи сабуки пулкоркунӣ, ғаразу тамаъҷӯйӣ ва ғайраҳо хоси ин категорияи одамон мебошад.
- Одамони сатҳ ё қатори миёна, ки арзишҳои даврони шӯравиро қадр намекунанд ва арзишҳои даврони бозоргонӣ низ ба онҳо дахл надорад. Дар аксарияти онҳо ҳанӯз арзишҳо ташаккул наёфтаанд ва миёни ду категорияи одамони номбаршуда мекалаванд ва ҳар ду низоми арзишҳоро нодуруст ҳисоб мекунанд. Раванди ташаккулёбии арзишҳои нав кашол меёбад ва бо ҳамин сабаб дар Тоҷикистон то ҳанӯз устувории иҷтимоӣ пурра барқарор намегардад. Суханҳо ба рафторҳо муқобиланд, зуҳуротҳои манфии ҷомеа мавриди танқиди шадид қарор мегиранд, аммо вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, дар чунин шароити зиддиятнок ташаккул додани арзишҳо хело мушкил аст.

Фарҳанги маънавии ҷавонон (на танҳо фарзандон, балки наберагони насли шӯравӣ) то ҳол пурра муайян нашудааст. Айни замон ташаккулёбии субъкултураҳои зиёди ҷавонон мушоҳида мешавад. Дар баробари он насли калонсол аз набудани арзишҳои мусбии ҷавонон, прагматизми аз ҳад зиёди онҳо, фардгароӣ, синизми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии насли ҷавон шикоят мекунанд. Аммо маҳз ин насл нисбатан насли озод аз шуури ғуломона мебошад. Умед ҳаст, ки маҳз ин насли ҷавон то дараҷае ба ҳаёти воқеан демократӣ дар Тоҷикистон, ташаккулдиҳии ваҳдати миллӣ ва маданияти миллӣ дар асоси принсипҳои озодӣ, шаъну шараф, масъулияти шахсӣ, ташвиш доштан на ба накуаҳволии давлат, балки ба корҳои шахсӣ ва камолоти ахлоқӣ омода аст” [3]. Мувофиқи таълимоти Конфутсия маҳз аз ташвиш доштан ба корҳои шахсӣ ва ташаккулдиҳии ахлоқ накӯаҳволии халқ вобастагӣ дорад. Дар ин маврид ҳифзи гуногунии фарҳангӣ кӯшишҳои зиёдро талаб намекунад. Умуман, ҳар як маданияти гурӯҳи иҷтимоӣ, минтақа ва халқ, ки қобилияти як қисми маданияти умумиро дошта бошад, он маданият зинда мемонад ва ба ваҳдати миллат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Ортега-и-Гассет. Избранные труды. - Киев, 1994.
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [ // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12.2016).
4. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати 18-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ Раҳмон Эмомалӣ // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.:06.2015).

**Каримов Ватаншо** донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 25.01.04.04.
роҳбари илмӣ: дотсент Шарипов М.И.

# ПЕШРАФТИ ИЛМУ ФАРХАНГ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН



**Абуиброҳим Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ; апрели 849, Фарғона — 24 ноябри 907, Бухоро) — асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон — давлати Сомониён, волии Бухоро (874—892), амири Мовароуннаҳру Хуросон (892—907).**




Илму фарҳанг ва адабиёт дар замони Сомониён

Асрҳои IX-X замони шукуфоии илму фарҳанги халқи тоҷик буд. Эҳёи нави маданияти халқӣ тоҷик дар замони Тоҳириён ва гул-гулшукуфии он дар даврони Сомониён рух дода буд.

Забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) забони арабиро дар корҳои давлатию адабиёти бадеӣ, назму наср ва қисман дар илм танг карда баровард. Сомониён дар дарбори худ шоирон, олимон, адибу санъаткоронро гирд оварда, машҳури ҷаҳониён гашта буданд. Дар ин кор саҳми вазирони орифи Сомонӣ Балъамӣ ва Ҷайҳонӣ хеле бузург буд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Ҳирот, Хуҷанд, Ҳулбук ва ғайра марказҳои асосии илму фарҳанг ба ҳисоб мерафтанд.

Дар Бухоро саромадони забардасти илму фарҳанги тоҷик ба дунё омада, бузургтарин асарҳои илмию адабӣ ва ёдгориҳои муҳташами меъмориву кандакориро офариданд. Дар китобхонаи Сомониён «Савонеҳ-ул-Ҳикмат» («Ганҷинаи Ҳикмат») нодиртарин асарҳои илмӣ-адабӣ, санъат ва ғайра маҳфуз буданд, ки аз онҳо Абӯалӣ ибни Сино истифода кардааст. Бозори китобфурӯшӣ низ дар авҷ буд. Дар шаҳрҳои он давра теъдоди Мадраса ва масҷидҳо кам набуд. Ҳаракати шуубия алайҳи ҷаҳолатпарастони араб идома меёфт.

Дар асарҳои офаридаи уламо ва удабои он замонҳо зиндагии заҳматкашон акс нашудааст. Вале ҳаёту маишат ва рӯзгори аъёну ашроф санохонӣ шудаанд. Дар асрҳои IX-X афкори ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фалсафии халқи тоҷик хеле пеш рафта буд. Ба ин фалсафаи Эрон, Ҳиндустон, Арабистон ва Юнон таъсири хуб расонида буд. Мавқеъ ва мақоми равияҳои фалсафӣ ва ҷараёнҳои фалсафӣ ба мисли исмоилия, кармат, тасаввуф дар эҷодиёти

мутафаккирони халқи тоҷик мавқеи хоса дошт. Бузургтарин файласуфони халқи тоҷик дар он замон Розӣ, Абӯнаср Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино буданд.

Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдулло ибни Сино.

Абӯалӣ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшанаи наздикии Бухоро таваллуд ёфта, баъдтар бо аҳди оила ба шаҳри Бухоро куч бастаанд. Дар ин ҷо мактабхонӣ карда, дилбохтаи фалсафа, тиб, мусиқӣ, санъат ва назму наср гардид. Баъди сарнагун шудани давлатӣ Сомониён зери таъқиби шоҳ Маҳмуди Ғазнавии турк ба Хоразм, Хуросон ва шаҳрҳои мухталифи Эрон ҳиҷрат карда, баъди касалии вазнин 10 июни соли 1037 дар Ҳамадон вафот кард. Абӯалӣ ибни Сино дар тиб, фалсафа, мантиқ ахлоқ равоншиносӣ, риёзиёт, тасвири олам, кимиё, ботаника, забоншиносӣ, мусиқӣ ва дигар илмҳо асарҳои зиёде офаридааст. Асарҳои оламшумули ӯ «Китоб-уш-шифо», «Ал-қонун – фиттиб», «Донишнома» ва ғайра ӯро машҳури ҷаҳон гардонидаанд.

Вай энсиклопедисти замонаш буд. Ӯ асосан дар се соҳаи илм хизматҳои шоён кардааст: тиб, фалсафа ва адабиёт. Асари ӯ дар соҳаи тиб «Қонуни илми тиб» мебошад, ки энсиклонедияи тиббӣ маҳсуб шуда, дар тули асрҳо китоби руимизии табибони Шарқу Ғарб буд. Аз 200 асари илмии АбӮалӣ ибни Сино 50- тоаш ба фалсафа бахшида шудаанд, ки дар байни онҳо «Донишнома» ва «Китоб-уш-Шифо» ҷои намоёнро ишғол менамоянд. Дар соҳаи адабиёт ҳам Абӯалӣ ибни Сино як қатор асарҳо навишгааст, ки характери фалсафӣ, тиббӣ ва этникию ахлоқӣ доранд. Фалсафа ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино илм дар бораи умуман ҳастӣ мебошад. Вай фалсафаро ба се қисм яъне, физика (таълимог дар бораи табиат); мантиқ (илм дар бораи роҳи донистани табиат ва инсон) ва метафизика (илм дар бораи роҳи донистани ҳастӣ умуман) тақсим мекунад.

Абӯалӣ ибни Сино яке аз донандагони хуби фалсафаи Арасту буд. Ҳамчун олим, табиб ва табиатшинос ӯ мавҷудияти объективии табиатро эътироф мекард.

Сино олами матсриалиро абадӣ медонист. Аз ин рӯ, баъзе догматикҳои дини ислом Абӯалӣ ибни Синоро «кофир» ва «бедин» эълон карда, таъқиб мекарданд. Сино тарафдори ақидаҳои дуалистии Арасту буд.

Муҳаммад Абубакри Розӣ (Закариёи Розӣ солҳои 864-925).

Закариёи Розӣ яке аз машҳуртарин олимони замони худ буд. Ӯ оид ба фалсафа, тиб, кимиё як қатор асарҳои илмӣ таълиф намудааст. Асарҳои машҳури ӯ «Тибби руҳӣ», «Сиратул фалсафа», «Қонунҳои табии фалсафа», «Мулоҳизаҳо дар бораи вакт ва фазо» мебошанд, ки дар онҳо таълимоти фалсафии худро баён кардааст. Аз ҷумла, ба ақидаи ӯ Офаридгор, рӯҳи умумӣ, фазоӣ мутлақ ва вақти мутлақ асоси оламро ташкил медиҳанд. Дар таълимоти худ Закариёи Розӣ материяро бо ҳамаи хусусиягхояш бо Худо баробар нишон медиҳад, ки дар ҳамон вақт ин таълимот аҳамияти бузург дошт. Ӯ ҳаракатро хосияти материя мешуморид. Мутафаккир масъалаи асосии фалсафаро аз мавқеи материалистӣ ҳал менамояд. Дар баробари ин Закариёи Розӣ дар таълимоти худ ба идеализм ҳам гузаштҳо кардааст. Масалан, ӯ чунин мешуморид, ки чизҳои материалӣ ва умуман табиат, ба монанди Офаридгор – Худо табиатан якбора пайдо шудаанд. Баъдтар мутафаккирони бузурги Европа Голбах, Гелветсий ва Фейербах дар ин бора муҳокимаронӣ кардаанд.

Файласуфи маъруфи дигари он замон Ал-Форобӣ

(Абунаср Муҳаммад ибни Тархон Форобӣ солҳои 870-950) буд. Ӯ математик табиб ва файласуфи бузурги замонаш ба шумор мерафт. Вай тафсиргари асарҳои Арасту буд, аз ин рӯ, лақаби «шореҳ» ва «тафсиргар»-ро гирифта буд.

Мутафаккир масъалаи асосии фалсафаро ба таври идеалистӣ ҳал карда буд. Мисли дигар мутафаккирони асримиёиагӣ Форобӣ Худовандро сабаби асосии ҳастӣ мешуморид. Олами моддӣ, ба ақидаи Форобӣ аз шаш унсур иборатанд, ки инҳоянд: элементҳои оддӣ, минералҳо, растаниҳо, ҳайвонҳо, инсон ва ҷисмҳои осмонӣ. Вай чунин мешуморид, ки сарчашмаи дониш органҳои ҳис мебошанд ва олам донисташаванда аст.

Дигар олими машҳури асри IX-и тоҷик Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Мусо-ал-Хоразмӣ буд.

Ӯ асарҳояшро асосан дар академияи илмҳои Бағдод эҷод кардааст. Ал-Хоразмӣ ба илми риёзии ҷаҳонӣ тартиби ҳисобкунии ҳиндӣ ва асосҳои алҷабрро дохил намуда. дар риёзист давраи навро кушод. Дар соҳаи нуҷум ал-Хоразмӣ чадвалҳои пурқимате тартиб дода буд, ки онҳо асоси корҳои илмии мунаҷҷимони баъдинаи ҷаҳон гардиданд. Ӯ илми алгебраро ҳамчун шохаи нави математика ба вуҷуд овард. Ал-Хоразмӣ ҳамчун табиатшиноси машҳур якчанд асарҳо, махсусан «Ҷадвалҳои астрономӣ» «Нишонаҳои шакли замин», «Рисолаи соатҳои офтобӣ»-ро навишт, ки онҳо баъдтар ба забони лотинӣ чоп шуда, мутафаккирро дар Ғарбу Шарқ машҳур гардониданд. Асарҳои мугафаккир дар ташаккули тафаккури фалсафии мутафаккирони ояндаи ҷаҳон кумаки калон расонидаанд.

Олимонӣ машҳури он замон риёзидонҳо Аҳмад ибни Абдулло ал-Марвазӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ал-Насавӣ, мунаҷҷимони машҳур Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ, Абулаббос ал-Фарғонӣ, Абулмуҳаммади Хуҷандӣ ва дигарон буданд. Абулмуҳаммади Хуҷандӣ ихтироъкунандаи асбоби зовиясанчии радиусаш 40 метра буда, он дар расадхонаи Улуғбек ба таври васеъ истифода шудааст. Дар соҳаи ҷуғрофия асарҳои Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Сарахсӣ, ал-Марвазӣ, ал-Балхӣ асоси асарҳои ҷуғрофияшиносони араб-Истахрӣ, ибни Ҳауқал, Муқаддасӣ ва дигарон гардидаанд. Хусусан асарҳои ал-Балхӣ «Сурати иқлимҳо», «Намуди мамлакатҳо», «Тақсимоти шаҳрҳо» хеле машҳур буданд.

Вазири бомаърифати Сомониён Ҷайҳонӣ дар асарҳои ҷуғрофии худ тасвири дунё, гуфторҳо оиди офариниши олам, тасвири даррандаҳо, шаҳрҳо, пойтахтҳо, баҳрҳо, дарёҳо, иқлимҳо, халқҳо ва ғайраро додааст. Асари ҷуғрофии муаллифи номаълуми асри X «Ҳудуд-ул-олам», ки бо забони тоҷикӣ навишта шудааст аз беҳтарин асарҳои ҷуғрофӣ буда, бидуни маълумотҳои нодири ҷуғрофӣ, боз роҷеъ ба масоили савдо, кишоварзӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ хабар медиҳад. Инкишофи илми тиб, саноати кӯҳӣ, истеҳсоли рангҳо, шиша, қоғаз ва коркарди пуст ба густариши илми кимиё сабаб шудаанд.

Олими машҳури соҳаи кимиё Ҷобир ибни Ҳайан (Гебер)- ро дар Ғарб надари алхимия медонанд.

Асарҳои Абубакри Бухороӣ «Хидоят-ул-муталимин, «Китоби набз» ва «Китоби ташрих» («Анатомия») бо забони тоҷикӣ иншо шуда, ба анатомия, физиологияи одам ва касалиҳою усулҳои табобати онҳо маълумотҳои умумӣ медиҳанд. Олимони дигари соҳаи тиб ва кимиё Ҳаким Майсарӣ, Абумансур ал- Хиравӣ ва сарвари онҳо Абуалӣ ибни Сино буданд.

Дар қатори олимони табиатшинос олимони соҳаҳои таърих, забон ва ғайра кам набуданд. Хусусан, асарҳои муаррихон Абуабдулло Муҳаммад ал-Ахборӣ (Таърихи Саффориёи), ас-Саломӣ («Таърихи ҳокимони Хуросон»), Абубакр Наршахӣ («Таърихи Бухоро»), Муҳаммад Балъамӣ «Таърих ар-русул вал-мулук» дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошанд. Таърихдонҳои дигари он замон Аҳмад ал-Фарғонӣ, Абӯмуайади Балхӣ, Абуабдулло ал-Хоразмӣ ва дигарон буданд.

Замони Сомониён давраи равнақ ва нашъунамои забону адабиёти тоҷик буд. Забони тоҷикӣ забони умумихалқӣ ва забони илму адаб гардида буд. Бо ин забон шоирони асри IX Ҳаким Абуҳафси Суғдӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Муҳаммад бинни Васиф (асосгузори қасидасароӣ), Бассоми Курд, Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсалҳи Гургонӣ шеърҳо гуфтаанд.

Дар асри X адабиёти тоҷик гул-гул шукуфт. Худи Сомониён, ҳокимону вазирони онҳо аз қабили Тоҳир ибни Фазли Чагонӣ, Амир Абулмузаффари Чагонӣ, Ҷайҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абуалии Балъамӣ, ки шоиру адабиётдӯст буданд, дар пешрафти адабиёти тоҷик саҳми босазои худро гузоштаанд. Адабиёти нодир тарҷума ва гирд оварда мешуд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот, Балх, Чагониён, Нишопур марказҳои адабӣ гардида буданд.

Дар асри X шоирон Рудакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушукури Балхӣ, Абутоҳир Хусравонӣ, Хаббозии Нишопурӣ, Маъруфи Балхӣ, Шокири Бухороӣ, Истиғнои Нишопурӣ, Турки Киштӣ, Абумуайиди Балхӣ, Равнақии Бухороӣ, Дақиқӣ, Киндӣ, Кисони Марказӣ ва дигарои дар ганҷинаи адабиёти тоҷик ҳиссаи бузург гузоштаанд. Онҳо дар офаридаҳои худ ҳақиқати ҳаёт, зиндагии дарбор, воқеаҳои таърихӣ, ишқу муҳаббат, ахлоқ, хирадмандӣ,

накукорӣ, зебоиҳои табиат ва шириниҳои зиндагиро сурудаанд. Шаклҳои маълуми назми асри X тоҷик аз қасида, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайраҳо иборат буданд.

Дар байни шоирони асри X сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рудакӣ ҷои аз ҳама намоёитарро ишғол менамояд. Рудакӣ соли 858 дар деҳаи Рудакӣ шаҳри Панҷакенти имрӯза ба дунё омада, соли 941 дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Истеъдоди баланди шоирӣ, ромишгарӣ ва овози форам Рудакиро ба дарборӣ Сомониён овард, ки зиёда аз нисфи умрашро дар он ҷо гузаронд. Рудакӣ на танҳо шоири моҳир, балки донишманди бузург низ буд.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рудакӣ ғайр аз қасида, рубоӣ, ғазал, қитъа, якчанд маснавӣ ба монанди «Калила ва Димна», «Даврони офтоб», «Синбоднома» ва монанди инҳоро навиштааст. Ӯ дар асарҳои худ ҳаётдӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоиҳои табиат, ақлу хирад, мардонагӣ ва накукориро месарояд. Дар шароити иҷтимой-сиёсии ҳамон давра Рудакӣ хушбахтии инсонро дар аз худ намудани илму маърифат медид. Барои фикрҳои пешқадам Рудакӣ аз дарбор ронда шуда буд. Шоири забардаст охири умрашро дар бенавоию муҳтоҷӣ дар байни халқ дар диёри худ гузаронидааст. Дигар шоири намоёни форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ буд.

Абулқосим Фирдавсӣ.

Шоири забардасту ватандӯст, офарандаи эпоси қаҳрамонии форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ соли 941 дар Тӯс аз оилаи заминдор ба дунё омада, соли 1020 вафот кардааст. Фирдавсӣ тамоми донишҳои замони худ, бахусус таърихи форсу тоҷикро азхуд карда, ҳамчун донандаи хуби забони форсӣ ва арабӣ дар тули 30 соли заҳмат асари безаволи худ «Шоҳнома»-ро дар ҳаҷми 60 ҳазор байт эҷод кардааст. Ии шоҳасарро Султон Маҳмуди Ғазнавии турк написандид ва хатто барои дастгиру ҷазо додани Фирдавсӣ фармон ҳам дода буд.

Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ ҳаёти асотирӣ ва таърихии халқҳои эронинажодро тасвир намуда, воқеаҳоро ба ҳаёти замонаи худ наздик ва алоқаманд кунонидааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди воқеии ҳодисоти таърихии замонааш гоҳ аз номи қаҳрамонон ва гоҳ аз номи худаш муносибаташро нисбат ба он воқеаҳо баён кардааст. Замони Фирдавсӣ даврае буд, ки мавҷудияги давлати Сомониёнро ҳуҷумҳои душманони хориҷӣ ва муборизаҳои байнихудии дохилӣ дар зери хатар гузошта буданд. Дар чунин вазъият ғояҳои ҳимояи ватан, садоқат ба он, муттаҳидшавӣ, қаҳрамонӣ ва далерӣ, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд аҳамияти калони ватаннарварӣ доштанд. Дар «Шоҳнома» ҳаёти осоишта ва меҳнати одамон дар ҷои аввал гузошта шудааст. «Шоҳнома» монанди асарҳои «Одиссея» ва «Иллиада» ганҷи бебаҳоест ба хазинаи маданияти ҷаҳонӣ.

Дар асрҳои IX-X назм бо мусиқӣ иртибоги ногусастанӣ дошт ва назарияи мусиқӣ ба вуҷуд омада буд. Яке аз ромишгарону овозхонони маъруф Рудакӣ якчанд асбоби мусиқӣ, аз ҷумла, ӯд, ҷанг ва барбадро моҳирона менавохт. Рудакӣ асбоби мусиқӣ – ӯдро ихтироъ карда, ду оҳанги классики – тарона ва ӯфарро ба вуҷуд овардааст. Шоирон -навозандагон Абуҳафси Суғдӣ, оҳангсоз Абусолиқ шоир ал-Хуросонӣ, чангнавоз Лукари Чангзан, ромишгар Абулаббос Бахтиёр, тамбурчӣ Алибегӣ, найнавоз Зилзили Резӣ, найнавоз Исои Барбатӣ, сарояндаи хушовоз Ситти Заррина ва дигарон устодони моҳири санъати он давра буданд.

Дар соҳаи назарияи мусиқӣ Абуалӣ ибни Сино чор асари махсус навишааст, ки яке аз онҳо «Рисолаи мусиқӣ» асг. Дар «Дониншома» ва «Китоб-уш-шифо» ба мусиқӣ бобҳои махсус бахшидааст. Ӯ ба ҷои мусиқии якаовозаи қадимӣ мусиқии дуовозаро дар мусиқии халқӣ ҷорӣ намуд. Абуалӣ ибни Сино сурнай ва ғижжакро ихтироъ кардааст. Мусиқӣ дар ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, динӣ, иду хурсандиҳо ва рӯзҳои ғаму мотам истифода бурда мешуд.

Дар асрҳои IX-X оҳангҳои мусиқии достонӣ, суруд, тарона, хусравонӣ, ушшоқ рост, бода, ироқ зерафканда, бусолиқ сипоҳонӣ, наво, баста ва ғайра иҷро карда мешуданд. Танбур, рубоб, чанг, барбат (панҷтор), руд, най, сурнай, шоҳнай, шоҳруд, шайпур, карнай, даф (дойра), табл ва дигар асбобҳои мусиқӣ мавҷуд буданд ва ба таври васеъ исгифода бурда, мешуданд. Халқи тоҷик дар ин давра сарояндагон, навозандагон, ромишгарон, назариётчиёни мусиқӣ, асбобҳои гуногуни мусиқӣ, оҳангсозони зиёдеро ба вуҷуд овард, ки мусиқии классикии

тоҷикро аввал дар шакли «Дувоздаҳ маќом» ва дертар дар шакли «Шашмақом» дар асоси анъанаи қадимаи худ мураттаб сохта, онро минбаъд такмилу инкишоф дод.

Ҳамин тавр, дар давраи ҳукмронии Сомониён Мовароуннаҳру Хуросон ба марказҳои муҳими илму фарҳанги халқи тоҷик табдил ёфта буд. Илму фарҳанги халқи тоҷик аз машрик то ба мағриб паҳн гашта, дар дилу дида ва ҳаёти халқҳои ҷаҳон мавқеъ ва мақоми хоса найдо карда буд.

**Нурализода Ансор** донишчуи курси якуми ихтисоси 25010404та
Роҳбораи илмӣ Алимардонзода Б.

## НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪРИХИ НАВИНИ ТОҶИКОН

Яке аз санаҳои бузурги таърихӣ барои мардуми шарифи тоҷик ин баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар таърихи тоҷикон нақши барҷастае дорад.

Тақдири давлат ва истиқлолият қувваҳои солими ҷомеаро ба мубориза барои ҳифз ва ҳимоя намудани манфиатҳои ягонаи давлату миллат ва пойдор намудани адолату қонуният даъват намуд.

Моҳи октябри соли 1992 пас аз вохӯрӣ бо нерӯҳои халқӣ, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даъват кардани Иҷлосияи XVI дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ қарор қабул намуд. Ин қарорро кулли сокинони ҷумҳурӣ бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд.

Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.

Маҳз дар таърихи 16-ноябр то 2-декабри соли 1992 Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар қасри хоҷагии ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхуҷаев баргузор гардида, он сохти конститутсиониро дар ҷумҳурӣ барқарор намуд. Ҳамчунин ин иҷлосияи таърихӣ заминаи мусоиде барои рушди ҷомеа ва пешрафти Тоҷикистон фароҳам овард.

Аввалин масъалаҳои ҳаётан муҳиме, ки дар ин иҷлосия муҳокима карда шуданд, ин тадбирҳо оид ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Ҳанӯз дар лаҳзаҳои ҳассоси Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қатъият изҳор намуда буд, ки: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам».

Таҳти раёсати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосия XVI як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба фаъол намудан ва таҳким додани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштанд.

Иҷлосия бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ, харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятиву ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадил ва таҳкими мақомоти давлатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар дошта, принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, шахсоне, ки аз 27-уми март то 25 ноябри соли 1992 дар муқовиматҳои мусаллаҳона ширкат доштанд, ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содир карда буданд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд. Чунин сиёсат бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсиву иҷтимоии кишвар буд, ки он барои ҳарчӣ зудтар ба сулҳи комил ноил гардидани кишвари маҳбубамон мусоидат намуд.

Санад муҳими қабул гардида ва қабули Қонун «Дар бораи гурезаҳо», ки дар қарорҳои Иҷлосияи таърихӣ қабул гардида буданд, ёрии моддиву имтиёзҳои имконпазирро кафолат

медоданд, бори дигар собит сохт, ки роҳбарияти нави ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баҳри сохтани ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ азму талош дорад ва ҳимояи шарафи инсонии ҳар фардро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Дар Иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки таҳти сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тавонист оташи ҷанги дохилиро хомӯш намояд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, Артиши Миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дода, аксарияти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонанд. Хушбахтона, давлат ва миллати мо дар ҳассостарин лаҳзаи таърихӣ роҳбари худро пайдо намуд.

Сарвари давлат изҳор дошт, ки мо вазифадорем, аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, милиса, кумитаи амнияти миллӣ, дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худро муҳофизат ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад.

Дар як муддати кӯтоҳ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва милиса аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва сохти ҳарбӣ таъмин шуданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар гардиданд. Бо вуҷуди касодии иқтисодӣ Сарвари давлат ба таъсиси Артиши миллӣ шурӯъ намуд ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии кишвар чораҳои мушаххас андешида шуд.

Бо туфайли Иҷлосия-16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар иқлими сиёсии Тоҷикистон беистисно тағйироти куллӣ ба амал омад. Мамлакати азияткашида аз гирдоби ҷанги пурдаҳшати бародаркуш халос шуда, бо роҳи осоиштаи зиндагӣ ва бунёдкорӣ қадам ниҳод, пешрафт ва инкишофи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро дар мадди аввал гузошта барои амалӣ намудани ин иқдомҳо диққати махсус доданд.

Дар таърихи бисёрҳазорсолаи халқи тоҷик давраи нави гузариш оғоз ёфт. Вакилони мардумӣ камолоти сиёсии худро нишон дода, дар вазифаҳои худ бомасъулият ва дурандешона амал намуда, барои ҳалли муаммоҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву маънавӣ дар кишвар тамоми донишу таҷрибаи худро равона сохтанд. Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуд, барои амалӣ намудани барномаҳои муҳими иқтисодӣ, сохтмонҳои бузурги аҳамияти бйналмилалидошта шароит фароҳам оварда шуд, гузаронидани маъракаҳои муҳими ҷаъиятию сиёсиро имконпазир сохта, боиси Ваҳдати воқеии халқҳои Тоҷикистон гардид, ки мисоли равшани он бо сарварии Президенти кишвар таъсисёбии ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мебошад.

Дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем, ки аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоем. Муҳимтар аз ҳама, ин аст, ки дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд».

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон воқеаи бузурге буд, ки дар таърихи навини халқи тоҷик бе ҳамто аст мо маҳз ба шарофати он ба ҳаёти осоиштаву созандагӣ расидем.

Дар ҳақиқат, Иҷлосияи таърихӣ барои миллати тоҷик, иҷлосияи тақдирсоз ва наҷотбахш буд, зеро он халқи тоҷикро аз оташи ҷанг наҷот дода, тақдири истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҳаллу фасл намуд ва барои пойдории ваҳдати миллӣ, истиқрори сулҳ дар сарзамини бостониамон, амалӣ намудани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ пояи мустаҳкам гузошт.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки давраи навини қонунгузории кишвар аз ин иҷлосияи тақдирсоз оғоз гардидааст ва дар маҷмӯъ, Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ тадбирҳои муҳими сарнавиштсози зеринро анҷом додааст: роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд, сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт, хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

парокандагии миллатро пешгирӣ намуд, тадбирҳои мукаммали аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт, самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакат, инчунин мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян намуд, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод, қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

**Одинаев Абдулло** донишҷӯи курси 1-ум
ихтисоси 25010403
роҳбари илмӣ Бойназаров Э.

## ҶОЙГОҲИ ДӮСТӢ ДАР ҶОМЕА

Дӯстӣ мафҳуми муқаддас аст, он  завол надорад, фанонопазир аст, шояд дар марҳилае камранг гардад, вале бо пайдо шудани шароити  муносиб дубора таҳкиму тақвият меёбад ва дӯстӣ ба мардум бахту саодат меорад, аз самараи он коми башарият ширин мешавад, зиндагонӣ пурфараҳ ва ҳаёт осуда мегардад.

Мусаллам аст, ки дӯстии халқҳо, дар ҳақиқат, музаффарияти бузургтарини давлату давлатдорист. Қувваи тавоно ва файзу баракати дӯстию бародарӣ бар хусумату низоъ, ҷангу ҷидолҳо, қатлу кушторҳо ғолиб омада, сулҳу амонӣ, зиндагии осоиштаю бофароғатро барқарор мекунад. Аз ин ҷост, ки дӯстиро олитарин эҳсосу хиради башар номидаанд. Ин ҳисси азалии инсон ҳамеша дар ҳар асру замон ҳамчун ҷавҳари аслии инсон абадӣ  хоҳад монд. Аз ин бармеояд, ки дӯстию рафоқати байни халқҳои ба ҳам наздик аз ҳазорсолаҳо маншаъ гирифта, идома ёфта, ҷовидон хоҳад монд.

Бештар аз ҳазор сол пеш лаззат ва аҳамияти дӯстиро Рӯдакии бузургвор хеле хуб баён кардааст:

**Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,**
**Бартар аз дидори рӯи дӯстон.**
**Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,**
**Аз фироқи дӯстони пурҳунар.**

Ҳофизи Шерозӣ сурудааст.

**Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,**
**Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад**

Дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ низ омадааст:

**Осоиши ду гети тафсири ин ду ҳарф аст.**
**Бо дустон мурувват бо душманон мадоро**
**Сухан санҷида гу то дӯстро душман нагардонӣ**
**Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.**

Аз ҷониби дигар, дӯстии шоири шаҳири тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ бо поягузори адабиёти классикии узбек Алишери Навоӣ ҳамбастагии ду миллатро таҳкими нав бахшид. Бале, ҳанӯз наздик шаш сад сол қабл шоири ӯзбекзабон- Алишери Навоӣ бо Абдураҳмони Ҷомӣ робитаи дӯстӣ дошта, ба ҳамдигар шеърҳои ширу шакар менавиштанд. нависандаи тоҷик, Асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони ӯзбекӣ эҷод мекард. Илҳоми ин шоири шинохта асосан аз «Бадое - ул - вақоеъ» - и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сарчашма гирифта буд, ки минбаъд шоҳасари бузурги "Ёддоштҳо" офарида шуд.

Бо ташаббуси сиёсати оқилонаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои  миллат – Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади эҳёи муҷаддади робитаҳои дӯстонаи байни мардуми тоҷику узбек ва қирғиз, Сарварони кишварҳои ҳамсоя

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Мирзиёев Шавкат Миромонович ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Жапаров Садир Нургожоевич, ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба шаҳри бостонии Хуҷанд даъват шуданд.

Вохурию мулоқотҳои сарони давлатҳо ва иштироки онҳо дар тантаноҳои бошукуҳи Наврӯзи байналмилалӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд иқдоми нодиртарин ва падидаи беназири фарҳангист, ки дар роҳи ҳамкорӣ ва расидан ба зиндагонии шоистаи сокинони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон боиси дастгириву таҳсин аст ва бояд ҳамагон онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Зеро дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ва қирғиз амсоли партави хуршеди тобон аст, ки ҳеҷ абри тирае пеши онро гирифта наметавонад.

Тавре, ки шоири маҳбуби халқи тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода чун мунодии сулҳу дӯстии халқҳои олам фармудаанд:

***Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,***
***Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.***
***Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо***
***Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо***

**Каримова Мукарамма,** донишҷӯи курси 2,
ихтисоси 960101. Роҳбари илмӣ Каримова З.

## ЗУРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

Бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии орому осуда ва бартараф кардани мушкилиҳо дар ҷомеаи муосир яке аз талаботҳои асосии пешрафти он буда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва пешгирии зӯроварӣ дар оила ва вайроншавии онҳо чораҳои доимӣ бояд андешида шаванд.

Маълум аст, ки таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар кишвари мо зери назорат ва диққати доимии Ҳукумати кишвар аст. Вале бо вуҷуди ин вобаста ба дастгирии ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт муаммоҳои ҳалталаб кам нестанд.Дар фарҳанги оиладории миллати тоҷик тарбияи фарзандон ва хушбахт будани онҳо меҳвари асосии оила ҳисобида мешавад ва масъулияти аввалиндараҷаи волидайн дурусту баркамол ба воя расонидани фарзандон мебошад. Барои хушбахтии фарзандон заҳмати волидон дар ҷойи аввал меистад. Оилаи солим дар ҳолате ба ҷамъият нафъи худро расонида метавонад, ки ҳар як узви оила бо фикру андешаҳои солими худ ба воя расида, дар ҳар қадам барои пешрафти оила ва ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Яке аз сарчашмаҳои асосии бадбахтӣ дар оила ин зулм аст, хушунат аст, ки яке аз ҳамсарон бар дигаре раво мебинад. Хушунат дар оила ҳуқуқвайронкунии ҷиддие мебошад, ки муқаррароти Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии ҶТ барои он ҷазо пешбинӣ кардааст. Масъалаи «Зӯроварӣ дар оила» яке аз масъалаҳое мебошад, ки имрӯз таҳти муҳофизат ва дастгирии Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» 19-уми марти соли 2013 таҳти №954 ба тасвиб расид, ки мақсади қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. Хушунат зулми мудовим аст, ки пайваста инсонро зери панҷаи бераҳмонаи худ гирифта, яке аз болои дигаре онро амалӣ месозад. Дар оилае, ки зулму хушунат аст, дар он ҷо аз хушбахтӣ асар намемонад. Бадбахтиаш дар он аст, ки агар зулм ба як нафар дода шавад, ранҷи ӯро тамоми аъзои оила мекашанд.

Барои ба воя расонидани фарзандон нақши модар аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, агар дар зиндагонӣ хушунат нисбат ба зан ҷой дошта бошад, ба фарзандони ӯ

таъсири манфӣ мерасонад ва фарзандони онҳо метавонанд таҳти хатари ҷиддӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва равониашон ва ҳатто зери хавфи марг қарор гиранд. Ҳар як фард ба дахлнопазирии шахсияти худ, озодӣ, бехатарӣ ва ҳамчунин ба ҳаёт ҳуқуқ дорад, ки дар он ба зӯроварӣ ҷой нест.

Коршиносони соҳа таҳлил намудаанд, ки яке аз сабабҳои зӯроварии хонаводагӣ надоштани дониши ҳуқуқӣ ё аз ҷиҳати молӣ дастнигарӣ доштани занон ба мардон мебошад. Дар оила лату кӯб кардан, дод гуфтан, таҳқир кардан, рафтори дурушт намудан дар назди фарзандон, махсусан ноболиғон дар ахлоқи мо раво нест. Бинобар ин бунёди оиларо бо муҳаббати тарафайн сохтан лозим, то ки пойдору мустаҳкам бимонад. Чуноне ки халқ гуфтааст. «Биҳишти мард дар ин дунё оилаи хуб аст», яъне ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки дар зиндагии ҳамсарӣ шоду осуда зистан аз муҳимтарин рукнҳои зиндагии одамон аст.

Таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пешгирии зӯроварӣ дар оила мансуб мешаванд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мавриди хушунат ва зӯроварӣ нисбат ба занҳо бисёр нигарон аст ва чандин даҳсолаҳост, ки бахри аз миён бардоштани ин зухуроти номатлуб талошҳои рӯзафзун дорад, вале мутаассифона, хушунату зӯроварӣ ва таҳқири занҳо аз муаммоҳои мубраму ҳалталаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Бо ин ҳама талошҳо коршиносон омилҳои то ҳанӯз зуҳур кардани хушунату зӯровариро дар паст будани маърифати ҳуқуқии аксари занону мардон медонанд. Бино ба андешаи мутахассисон бисёриҳо намедонанд, ки зӯроварӣ дар оила рафтори ғайриқонунӣ аст. Таънаву таҳқир кардан, обрӯ ва эътибори касро паст задан, дашном додану ҳақорат кардан, бо овози баланд дағалона муносибат намудан, лату кӯб кардан, маҳдуд намудани муошират бо наздикону пайвандон, монеъ шудан барои идомаи таҳсил ва ё кор рафторҳое мебошанд, ки зӯроварӣ дар оиларо нишон медиҳанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки: «Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд».

Ин аст, ки муътадил инкишоф ёфтани муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ доштани оила ҳамчун рукни муҳими ҷамъият имрӯзҳо дар сатҳи давлатӣ қарор дошта, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои алоҳида нисбати масъалаи ҳифзи оила бахшида шудааст. Аз чунин муқаррароти конститутсионӣ бармеояд, ки оила аз ҳар ҷиҳат дар сатҳи давлатӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад

Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, дар моддаи 16 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст, ки: «Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият аст, ҳақ дорад аз пуштибонии ҷомеаву давлат бархурдор бошад».

Бояд тазаккур дод, ки барои ташаккули танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1998, №682 калон аст. Аз муҳтавои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мегардад, ки вазифаи муқаррароти он на фақат танзими муносибатҳои оилавӣ, балки дар як маврид таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолатҳои ҳуқуқии баробарии тамоми иштирокчиёни раванди амалисозии манфиатҳои қонунии онҳо мебошад.

Давлат ҳимояи оиларо кафолат медиҳад. Аз ҷумла қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирӣ аз зӯроварии оилавӣ» барои муҳофизат ва нигоҳ доштани оила равона шудааст.

Тибқи қонуни мазкур дар ҳолати мурожиати якуми ҷабрдида нисбат ба зӯровар Амрномаи муҳофизатӣ аз ҷониби нозири минтақавӣ бароварда мешавад. Дар асоси ин

Амрнома ҳуқуқҳои зӯровар маҳдуд карда шуда, кирдор ва рафторҳои ғайриқонунии ӯ манъ карда мешавад. Мутахассисон мегӯянд, ки тибқи ин қонун зӯровар ба мӯҳлати 15 шабонарӯз аз ҷониби нозири минтақавӣ ва намояндагони кумитаи маҳалла таҳти назорат гирифта мешавад. Дар ҳолати иҷро нагардидани муқаррароти Амрнома ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати 15 рӯз анҷом дода мешавад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари ҳолат занон аз болои зӯроварӣ нисбат ба худашон ба мақомоти дахлдор шикоят намебаранд. Сабаби ин омилро пеш аз ҳама метавон дар урфу одат ва табиати таҳаммулпазирии занон донист.

Дуруст аст, ки муносибати хонаводагӣ бояд дар ҳадди оила ҳаллу фасл шавад ва берун бурдани ҷанҷоли оилавиро аксаран дуруст намедонанд, аммо дар ҳоле, ки хушунат ва таҳқир ҳуқуқҳои як нафарро поймол мекунад, бояд ҳатман ба чунин амал чора андешид. Дар ин самт баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон, талошҳои хамаҷонибаи мақомоти дахлдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ судманд мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занони мавриди зӯроварӣ қароргирифта чандин маркази буҳронӣ амал мекунад, машваратҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро пешниҳод менамояд, ҷиҳати барҳам додани хушунат нисбат ба занон дар ҷамъият, расонидани кӯмаки амалӣ барои ҷабрдидагони хушунати оилавӣ мусоидат мекунад. Баҳри кам кардани зӯроварӣ ва хушунат нисбат ба занон самти баланд бардоштани ҳифзи ҳуқуқи занҳо баҳри пешгирӣ аз хушунати хонаводагӣ равона шудааст.

**Шарифзода Тоҳир** донишҷӯи курси 2-юм
ихтисоси 24010205та
роҳбари илммӣ Муҳаммадсафо И.

## АЗ ТАЪРИХИ БУНЁДИ ЯКЕ АЗ ҲАДАФИ СТРАТЕГИ КИШВА “ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКИ”.

Аз нигохи таърих ба хамагон маълум аст ки соли 1924 Точикистон хамчун ҶМШС дар хайати Узбекистон ба вучуд омад. ҶМШСТ- дар хайати Узбекистон баъди соли 1929 хамчун ҶМШС – Точикистон хамчун узви комил хукуки Итиходи Шуравии гардид. Дар замони дар Итиходи Шурави карор дошан ҶМШС – Точикистон бисер пешравиҳо дар соҳаи энергетики ба назар мерасид ки ба сохтмони Неругоххои Барки Оби шуруъ намуданд кит дар пешрафти Точикистон накши асосиро мебозид. Истифодабари нерӯҳои энергетикӣ дар кишвар баъд аз ташклёбии ҶМШС Тоҷикистон (1924-1928) оғоз ёфтааст Қадами нахустин дар ин ҷода сохтмони НБО Варзоб - 1 гардид, ки соли 1937 бо иқтидори 7,1 ҳаз. кВт ба кор даромад. Силсилаи НБО-и Варзоб (НБО Варзоб-1 (соли 1937), НБО Варзоб-2 (соли 1949) ва НБО Варзоб-3 (соли 1952)) - бо иқтидори умумии 25.7 МВт., дар дарёи Варзоб низ сохта шуданд. Соли 2006 дар инҷо корҳои тармим гузаронида шудааст. Дар солҳои 30-ум сохтмони нерӯгоҳҳои ноҳиявӣ давом мекард, ҳамагӣ 121 НБО-и хурд ба истифода дода шуд. Соли 1946 НБО Хоруғ ба истифода дода шуд. Асосан 1949 – 1958 дар деҳоту колхозҳо нерӯгоҳҳои барқии дизелӣ ва 9 НБО-и хурд ба истифода дода шуд, ки ҳаҷми иқтидорашлн 6630 кВт-ро ташкил мекард.

7 апрели соли 1956 маҷрои Сирдарё дар шимоли Тоҷикистон баста шуд ва сохтумони НБО Қайроққум – бо иқтидори 126 МВт, сар шуд, ки 13 апрели соли 1960 ба истифода дода шуд. Минбаъд, НБО Шаршара (1959) – бо иқтидори 29,9 МВт, НБО Сарбанд (1063) – бо иқтидори 240 МВт, НБО Марказӣ (1964) – бо иқтидори 15,1 МВт, дар дарёи Вахш сохта шудаанд. Сохтмони НБО-и Норак соли 1961 оғоз ёфт, агрегати якуми он 15 ноябри соли 1972, бо иқтидори 300 МВт ва нерӯгоҳ бо иқтидори пурраш (2700 МВт) соли 1979 ба истифода

супорида шуд. Соли 1988 ҳамаи нӯҳ агрегати нерӯгоҳ таҷдид гардида, иқтидори ҳар кадом ба 335 МВт ва иқтидори умумии нерӯгоҳ ба 3000 МВт расонида шуд. Бо ин иқтидори бузург НБО-и Норак афсонае буд, ки дар кишвари мо ба ҳақиқат табдил ёфт, номи Тоҷикистонро дар арсаи олам машҳур намуд. Аз дигар тараф маҳз НБО-и Норак исбот сохт, ки захираҳои гидроэнергетикии кишвари мо, ки дар як сол 527 миллиард кВт.сатро ташкил медиҳад ва он аз ибтидои солҳои сиюми асри гузашта таҳқиқ мешаванд, воқеӣ буда, барои рушди иқтисодиву иҷтимоии тамоми минтақа нафъовару манфиатбахшанд. Дар замони истиклолият Чумхурии Точикистон ба дастовардхои зиёде дар сохаи энергетика ноил гардид. Дар зарфи 34 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он комёб шуд, ки неругоҳҳои Сангтӯда-1 (670 МВт), Сангтӯда-2 (220 МВт), Маркази гармию барқи Душанбе-2 (400 МВт), агрегати 1-уми НБО Роғун 16-уми ноябри соли 2018 ва агрегати 2-юми ин неругоҳ 9-уми сентябри соли 2019, НБО Помир-1 (28 МВт) ва зиёда аз 280 адад НБО-ҳои хурд ва дастгоҳҳои офтобиро ба истифода дода, зиёда аз 1500 МВт тавоноии навро ба даст орад. Бо шарофати кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон соли 2004 соли аз нав ба фаъолият сар кардани сохтумони Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1 гардида шуд. Мувофиқи ин аҳднома, хароҷоти умумии сохтмон – 482 млн. доллари ИМА муайян гардид. Ҳукумати Федератсияи Русия ба сохтмони нерӯгоҳи барки обии Сангтӯда-1 250 млн. доллари ИМА саҳмгузорӣ намудааст. (75% саҳмияи Федератсияи Русия ва 25% саҳмияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).Маросими ба истифода додани агрегати якуми неругоҳ 20 январи соли 2008 ва пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани неругоҳ бо 4 агрегат 31 июли соли 2009 баргузор шуд. Ҳаҷми сармоягузориҳои Русия ба сохтмони нерӯгоҳ беш аз 16 млрд. рублро ташкил медиҳад. Иқтидори тавлидотии нерӯгоҳ 670 мегаваттро ташкил медиҳад. Нерӯгоҳ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, 110 километрии чануби Душанбе воқеъ буда, ҳиссааш дар ҳаҷми умумии барқи истеҳсолшуда дар ҷумҳурӣ ба 10% баробар аст. Неругоҳи “Сангтӯда-1” дар баробари Нерӯгоҳи барқи обии Норак бо иқтидори 3000 МВт ва Нерӯгоҳи барқи обии Бойғозӣ бо иқтидори 600 МВт ба сегонаи бузургтарин неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон дохил мешава20 феврали соли 2006 маросими сохтмони Нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда-2 оғоз гардид. Хароҷоти умумии сохтмон $220 млн буда, $180 млн. онро Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ӯҳда гирифтааст, $40 млн. доллари дигар ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Баъди ба истифода додани НБО Сангтӯда-2, Ҷумҳурии Исломии Эрон барқи НБО Сангтӯда-2 - ро 12,5 сол истифода мебарад (методи «Биоти»). Баъди он НБО Сангтӯда-2 пурра ба ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.

Бинобар мушкилоти сотмон агрегати нахустини НБО Сангтӯда-2, сентябри соли 2011 ва агрегати дуюм сентябри соли 2014 пурра ба истифода супорида шуданд. Нерӯгоҳ аз ду агрегат иборат буда, дар маҷмӯъ 220 МВт нерӯи барқ тавлид мекунад. Тавоноии солонаи нерӯгоҳ истеҳсоли 1 миллиард кВт соат муайян шудааст. Неругоҳи барқи обии Роғун (НБО Роғун) — нерӯгоҳи барқи обии калонтарин дар дарёи Вахш мебошад, ки сохтмонаш дар дарёи Вахш давом ёфта истодааст. Сохтмони неругоҳи барқи обии дар Осиёи Марказӣ калонтарин — Роғун соли 1976 сар шуда буд. Иқтидори лоиҳавии НБО Роғун ба 3600 МВт баробар буда, он аз 6 агрегати 600 МВт ва баландии сарбанди он 335 метр муайян шуда буд. Ин неругоҳ дар ҳолати пурра ба кор даромаданаш дар як сол метавонад 17млрд кВт-соат нерӯи барқ ҳосил кунад Оид ба сохтани НБО Роғун соли 2005 байни Тоҷикистон ва Ширкати «Русский алюминий» («Русал»)-и Федератсияи Русия шартномае имзо шуд, вале он амалӣ нагардид. Тоҷикистон 29 августи соли 2007 он шартномаро бо ширкати «Русал» бекор карда, азм кард, ки ин нерӯгоҳро бо маблағи худ месозад. Бо ҳамин мақсад ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» таъсис ва ойинномааш 15 апрели соли 2008, бо сармояи 116 млн

сомонӣ тасдиқ гардид. Соли 2009 ҳадди ин сармоя ба 6 млрд сомонӣ расонида шуд. Дар таърихи 29 октябри соли 2016 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон худ савори булдозери вазнин аз соати 10-и субҳ то 11:30 расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшид.

16 ноябри соли 2018 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ чархаи якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба кор даНахуст дар маҳалли сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 кВ-и “Душанбе-Роғун”-ро бо пахши васлак ба истифода дода, орзуву омоли деринаи миллати тоҷикро ҷомаи амал пӯшониданд. Хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и “Душанбе- Роғун” дар доираи лоиҳаи “Барқарорсозӣ ва сохтмони хати баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ” амалӣ шуда, арзиши умумии тарҳ 650 миллион сомонӣ мебошад. Лоиҳаи мазкур моҳи сентябри соли 2017 оғоз ёфта, анҷоми тадбиқи лоиҳа тибқи нақша моҳи августи соли 2021 пешбинӣ шудааст.ров863 9 сентябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба шаҳри Роғун ташриф оварданд. Ба кор даровардани агрегати дуюми нерӯгоҳ нерӯи барқи аз он тавлидшаванда ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол дода шуд.

Оғози корҳои барқарорсозӣ ва бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун», таҷдиду азнавсозии неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум», мавриди истифода қарор гирифтани неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда - 1», «Сангтӯда - 2», Помир – 1, неругоҳи барқи обии «Тоҷикистон» дар баландии 3500 метр аз сатҳи бахр дар ноҳияи дурдасти Мурғоб, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе -2, зеристгоҳҳои барқии 500 киловолтаи «Душанбе» ва «Суғд», хати интиқоли барқи 500 киловолтаи «Ҷануб-Шимол», Дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 ва 500 киловолта дар неругоҳи барқи обии Норак, зеристгоҳҳои барқии 220 киловолтаи «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», «Геран - 2», хатҳои интиқоли барқи 220 киловолтаи «Лолазор-Хатлон», «Тоҷикистон-Афғонистон», «Хуҷанд-Айнӣ», «Қайроққум-Суғд», «Айнӣ-Рӯдакӣ» ва оғози татбиқи воқеии лоиҳаи КАСА – 1000 аз ҷумлаи комёбиҳои бузурги Тоҷикистон дар роҳи расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ мебошанд, ки таҳти роҳнамоии бевоситаи Пешвои хирадманду дурандеш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда шудаанд. Бо татбиқи лоиҳаҳои мазкур дар даҳ соли охир иқтидорҳои истеҳсолии системаи энергетикии кишвар 1320 мегават зиёд ва беш аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 500, 220 ва 110 киловолта мавриди бахрабардорӣ қарор дода шуданд.

**Азимзода Мудасира Саломудин,**
студентка 2-го курса специальности 25010402р
Научный руководитель, к.э.н., доцент
Аминов Фотехджон Иномджонович

## ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ ПЕРСОНАЛОМ ОРГАНИЗАЦИИ

Управление персоналом предприятия предусматривает формирование и развитие конкурентоспособного кадрового потенциала согласно его стратегическим целям развития.

Управление персоналом является одной из важнейших сфер деятельности предприятия, которая может многократно повысить эффективность любого производства и предусматривает сформированную и документально закрепленную совокупность подходов к

формированию, развитию и использованию работников предприятия с целью повышения их конкурентоспособности для достижения стратегических целей организации.

В современных условиях руководство любой организации не может не уделять внимание развитию своего кадрового потенциала ввиду того, что человеческий фактор является одним из важнейших ресурсов, позволяющих организации успешно функционировать, развиваться и повышать свой уровень конкурентоспособности на рынке. Именно для осуществления этих задач в организации разрабатывается и реализуется определённая кадровая политика.

В современном обществе управление считается комплексным понятием. Во-первых, его можно определить, как целенаправленный процесс воздействия субъекта на объект. Во-вторых, это труд людей, связанный с организацией деятельности как трудового коллектива, так и отдельных работников.

В широком смысле управление представляет собой умение руководить чем-либо или кем-либо. Концепция управления с позиций психологии и человеческих отношений впервые определила менеджмент как обеспечение выполнения работы с помощью других лиц.

Основой любой организации выступает ее персонал, который выполняет квалифицированные задачи для достижения общей цели. Однако, для слаженного функционирования организации необходимо выстроить четкую систему управления персоналом, которая включает в себя самые разнообразные элементы, начиная от особенностей отбора и назначения работника на должность, и заканчивая его постоянным стимулированием к эффективному труду.

Для эффективного управления мотивацией труда на предприятии необходимо понять, что мотивация не самоцель, а средство реализации цели организации. Возрастающие мотивационные меры могут привести к обратной реакции: пассивности, безразличию, самовлюбленности, ожидания еще большей ее дозы. Организация эффективного управления мотивационным процессом, на наш взгляд, должна начинаться с решения вопроса определения наиболее оптимальной структуры организации труда и управления персоналом и выбора адекватной системы рычагов, влияющих на его мотивацию. Прямое мотивационное влияние оказывает развитие персонала.

Искусство управления включает в себя целую систему положений и принципов, определяющих тактику влияния на трудовой коллектив, создающих мотивацию персонала.

Известный специалист в области менеджмента Анри Файоль сформировал систему принципов, которые обеспечивают эффективность управления персоналом: — порядок; — скалярная цель; — централизация; — вознаграждение персонала; — подчиненность личных интересов общим; — разделение труда; — власть (полномочия и ответственность); — дисциплина; — единоначалие; — ответственность; — единство действий.

В развитии принципов управления важен акцент также и на психологические аспекты в управлении. Так, в современных условиях руководителю для эффективного управления следует учитывать следующие принципы:

1) неформальное вовлечение сотрудников в процесс оптимизации организации;

2) контроль выполнения и корректировка плановых установок;

3) улучшение условий работы сотрудников;

4) создание эффективной системы стимулирования труда, чёткой системы мотивации труда;

5) формирование механизма реагирования на внешние изменения.

Таким образом, принципы управления являются фундаментом эффективного функционирования любой компании. В современном мире происходит постоянное совершенствование методов менеджмента, это обусловлено постоянным развитием общества.

Современный управленец должен учитывать изменения, происходящие в обществе и использовать эффективные способы управления, что позволит повысить конкурентоспособность, улучшить эффективность трудовой деятельности в условиях

настоящего времени. Однако для стабильного функционирования организации недостаточно лишь только наличия отдельно взятых принципов управления персоналом. На приоритетную позицию выходит кадровая стратегия, которая представляет собой определенные руководством приоритетные направления, которые способствуют формированию высококвалифицированного и сплоченного коллектива, учитывающие при этом ресурсные возможности и стратегические цели развития организации в целом.

При формировании кадровой политики организации необходимо реализовать следующие этапы: — определить приоритетные направления развития организации и утвердить основные принципы; — сформировать кадровый резерв и обеспечить наличие необходимых кадров на производстве, а также заняться вопросом их обучения; — своевременно проинформировать работников об изменениях; — определить количество финансовых ресурсов, которые будут использованы в дальнейшем на реализацию кадровой политики; — проводить постоянную оценку результатов деятельности по работе с кадрами организации. Подводя итог данному исследованию, отметим, что для эффективной деятельности организации обязательным элементом выступает грамотное управление персоналом, которое основано на определенных принципах и реализовано в кадровой политике организации. При этом, важнейшей составляющей данной сферы управления является мотивационный фактор в отношении персонала, посредством которого происходит стимулирование работников к труду.

Литература:

1. Анисимов, А. Ю. Управление персоналом организации: учебник для вузов / А. Ю. Анисимов, О. А. Пятаева, Е. П. Грабская. – Москва: Издательство Юрайт, 2024. – 278 с.
2. Комарова Н. Н. Мотивация труда и повышение эффективности работы // Человек и труд. 1997. № 10. С. 66–68.
3. Одегов, Ю. Г. Управление персоналом: учебник и практикум для вузов / Ю. Г. Одегов, Г. Г. Руденко. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2024. – 445 с.
4. Удалов Ф. Е., Алёхина О. Ф., Гапонова О. С. Основы менеджмента: Учебное пособие. — Нижний Новгород: Нижегородский госуниверситет, 2013. — 277 с.

**Атоуллоев Некруз Зайнидинович** донишҷӯи ихтисоси 250109
Роҳбари илмӣ: Холов М.С.

## ВАЗИФАҲОИ МУОСИРИ МОЛШИНОСӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Молшиносӣ ҳамеша масъалаҳоеро ҳал мекард, ки ба таъмини сифати мол, омӯхтани технологияи истеҳсоли мол, таъмини шароити зарурии нигоҳдории мол дар ҷараёни ҳаракати мол нигаронида шудаанд. Таъсири омилҳои гуногуни беруна зарурати ба миён гузоштани мушкилот ва ҳалли вазифаҳои муайянро дар соҳаи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукӣ, инчунин иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ актуалӣ месозад.

Дар шароити ҳозираи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ вазифаҳоеро, ки мутахассисони соҳаи молшиносй гузошта шудааст, мувофиқи талаботҳои замона бояд ҳали худро ёбанд.

Дар давоми якчанд аср файласуфҳо, иқтисодчиён, сотсиологҳо ва намояндагони дигар соҳаҳои илмй ҳамон замон масъалахои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, проблемаҳои баландбардории сифати мол ва ба манифиати ҳамонвақта масъалаҳои илмию амалии истеҳсол ва тақсимкуниро, ки барои замони худ ахамият доштанд, хал карданд.

Бо мурури замон техника ва равандҳои технологӣ тағйир ёфта, бӯҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ инкишоф ёфтаанд ва аз нав тақсим кардани бозорҳои ашёи хом ва бозорҳои фурӯши маҳсулот ба амал омаданд.

Тағйироте, ки дар таъсири омилҳои беруна дар сатҳҳои гуногун ба амал омадаанд, вазифаҳоеро ба миён гузоштанд, ки барои давраи мушаххас ва субъектҳои мушаххаси хоҷагидорӣ мувофиқ буданд.

Дар иқтисоди бозоргонӣ истеҳсолкунанда мақоми худро дар бозор ҳамон вақт ишғол карда метавонад, ки фаъолияти мақсадноки онҳо дар асоси ба пурагӣ қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ва ба даст овардани фоидаи калон бошад. Истеъмолкунанда на ҳама вақт метавонад сифати молро дуруст баҳо диҳад. Дар баъзе ҳолатҳо барои муайян кардани натиҷаи молҳои пастсифат гузаронидани экспертиза он зарур аст. Молшинос дар чунин ҳолатҳо бояд истеъмолкунандаро аз интихоби молҳои пастсифат муҳофизат карда тавонад. Молшинос бояд иттилоот оид ба масъалаҳои сифат, хел, шароити нигоҳдорӣ, тамғагузории молҳо ва агар зарур бошад тадқиқот гузаронад.




**Расми 1. Вазифаҳои асосии молшиносӣ**

**Ба вазифаҳои асосии молшиносӣ дар замони муосир дохил мешаванд:**

- **тадқиқот ва** коркарди ташаккулдиҳии умумии қонунгузорӣ мутобиқ ва пайдошавии арзиши истеъмолии молҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- тадқиқот ва мукаммалкунии таснифи принсипҳои илмӣ ва кодгузории молҳо;
- тадқиқот ва принсипҳои коркарди оянда, усулҳо ва воситаҳои идоракунии сифат ва хели молҳо, ки дар муҳити гардиш ҳастанд;
- коркарди талабот ба сифат ва мустаҳкам кардани ин талаботҳо дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- коркарди талаботҳои бехатарӣ ва мусоидат кардан ва дохилкунии ин талаботҳо дар ҳуҷҷатҳои мутобиқатӣ (регламентҳои техникӣ, стандартҳои миллӣ ва ғайра);
- тадқиқоти оптималии шароити истифодабарии молҳо;
- асос кардани низоми хизматрасонии баъди фурӯши молҳо;
- омӯхтани таъсири тартиботи нигоҳдорӣ ва кашонидан ба хусусиятҳои истеъмолии молҳо;
- мукаммалкунии методологии экспертизаи молҳо;
- пешгӯӣ кардани пайдошавии принсипҳои молҳои нав дар бозор;
- мукаммалкунии қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда;
- дар оянда мукаммалгардонии раванди таълимии омӯзиши молшиносӣ, дар амалия васеъ истифода бурдани шабакаҳои компютерӣ барои омӯзиши фосилавӣ;

- ➢ боз ҳам фаъол намудани муносибатҳои эҷодӣ, мубодилаи иттилоот байни самтҳои гуноугни молшиносӣ, доимо пайи ҳам ташкил кардан ва гузаронидани конференсияҳо, симпозиумҳои дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва байналхалқӣ ва иштирок дар онҳо.

**Адабиёт**


1. Кругляков Г.Н. «Теоретические основы товароведение продовольственных товаров».2004.
2. Лифиц М.М. «Основы стандартизации, сертификации и метрология в управлении качеством товаров». Москва-Экономика-1996.
3. Маурин Т.М. «Теоретические основы товароведение». Тату-1989.
4. Месяченко В.Т. «Введение в товароведение экспортных и импортных товаров». Москва-2006.
5. Райкова Е.Ю. «Теоретические основы товароведение и экспертиза». Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°» 2012.



**Дагиева Мехрона Абдуллоевна,** донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 260203-маркетинг

Роҳбари илмӣ: Абдураҳмон Ҳакимзода


## МУКАММАЛГАРДОНИИ ИНТЕРНЕТ–МАРКЕТИНГ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои мукаммалгардонии интернет – маркетинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки интернет-маркетинг ин амалияи истифодабарии ҳамаи ҷабҳаҳои маркетинги анъанавӣ дар Интернет буда, унсурҳои асосии маркетинг-миксро дар бар мегирад. Ҳадафи асосии интернет-маркетинг ин ба даст даровардани самараи бештар аз муштариёни имконпазири сомона мебошад. Интернет – маркетинг дар рушди фаъолитяи тиҷоратии ҳар як ширкату корхона аҳамияти иҷтимоию иқтисодии бузург дошта, муштариёни бештарро ба хариди молу хизматрасониҳо ширкат ҷалб намуда, яке аз воситаҳои нави пешбурди тиҷорат дар замони муосир мебошад.



**Вожаҳои калидӣ:** маркетинг, интернет-маркетинг, маркетинги рақамӣ, интернет-технология, иқтисодиёти рақамӣ, реклама, рекламаи контекстӣ, маркетинги интерактивӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ.


Бо шарофати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкониятҳои бозор васеъ гардида, дар он давра ба давра хизматрасониҳои нав ворид мегарданд. Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсон боиси ташаккули соҳаи хизматрасониҳо аз он ҷумла, асоси боло рафтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хусусан суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди соҳаи алоқа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: "...рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 млн. расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест" [5].

Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳама ширкату корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ дар фаъолияти тиҷоратии худ аз шабакаи байналмилалии Интернет васеъ истифода мебаранд. Ҳатто, баъзе аз онҳо дар шабакаи байналмилалии Интернет сомонаи расмии худро надоранд ва ё сомонаи онҳо мавҷуд аст, вале дар бораи фаъолияташон маълумоти кофӣ набуда, фаъол нестанд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорат тавассути интернет бештар дар корхонаҳои савдои чакана, аз қабили хариду фурӯши сару либос, маҳсулоти доруворӣ, косметикӣ, автомобил, телефонҳои мобилӣ, ҳамзамон як қатор ширкатҳои соҳаи хизматрасонӣ то андозае рушд намудааст. Шароити иқтисодӣ бозорӣ ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ аз ширкату корхонаҳои ватанӣ тақозо менамояд, ки тиҷорати электронӣ ва интернет – маркетингро дар фаъолияти худ ҷоннок намоянд.

Бояд қайд кард, ки суръати хизматрасониҳои интернет низ дар кишвар хеле паст буда, арзиши баланд дорад, ки ин яке аз мушкилоти асосӣ барои ширкатҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои заруриро барои рақамикунонии иқтисодиёт дошта, вале мутаассифона дар рейтинги байналхалқӣ мавқеи қаноатбахш надорад.

**Интернет – маркетинг** ин амалияи истифодабарии ҳамаи ҷабҳаҳои маркетинги анъанавӣ дар интернет мебошад, ки унсурҳои асосии маркетинг – миксро аз қабили, мол, нарх, ҷойи фурӯш ва ҳавасмандгардониро дар бар мегирад [1].

**Ҳадафи асосии интернет – маркетинг** ин ба даст даровардани самараи бештар аз муштариёни имконпазири сомона мебошад [6].

Интернет - маркетинг дар худ унсурҳои низоми зеринро ба мисоли реклама дар медия, рекламаи контекстӣ, маркетинги ҷустуҷӯӣ дар умум ва SEO дар алоҳидагиро дарбар мегирад.

Истифодабарии вожаи “Интернет-маркетинг” одатан истифодаи стратегияи маркетинги мустақими фикрронӣ, ки аз рӯи анъана ҳангоми ирсолкунии мустақими почтавӣ, бо радио ва роликҳои рекламавии телевизионӣ, танҳо дар инҷо онҳо нисбат ба фазои тиҷоратии интернет истифода бурда мешаванд [1].

Ин усулҳо ҳангоми истифодабарӣ дар интернет бисёр самарабахш мебошанд, зеро имконияти аниқ назорат намудани омор ва дар тамоси доимӣ будан бо харидорон хоҳ дар бахши B2B ва ё B2C (бизнес –истеъмолкунанда) – ро доранд.

Айни замон дар бисёр кишварҳои тараққикарда қариб корхонаи бузурги саноатие вуҷуд надорад, ки молу хизматрасониҳои худро тавассути интернет реклама накунад. Таҳия ва истифодабарии фаъоли технологияҳои нав рақамикунонии босуръатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба вуҷуд овард. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба аксари мамлакатҳо имконият доданд, ки афзалияти рақобатии худро баланд бардоранд [2]. Масусан ин дар тамоюли рушди фазои интернетӣ дар ҳаёти ҷамъият мушоҳида карда мешавад. Шумораи истифодабарандагони интернет таи солҳои охир афзоиш ёфтанд.




**Расми 1. Афзалиятҳои истифодаи интернет**

**Вазифаҳои асосии интернет-маркетинг инҳо мебошанд:**

1. Қобилияти анҷом додани фаъолият берун аз доираи мушаххаси ҳудудӣ ё бозори маҳаллӣ;

2. Таъмини имконияти кам кардани вақти ҷустуҷӯи шарикон, гузаронидани мубодилаҳо, коркарди маҳсулоти нав ва ғайра;

3. Камшавии асимметрияи иттилоот (нопурра ва нобаробар будани он), тақсимот ва дар натиҷа кам шудани хароҷоти муомилот;

4. Кам кардани хароҷоти дигари муомилот, аз ҷумла хароҷоти изофӣ хароҷот (хароҷоти сафар, зиён аз нокомӣ, ғайриқонунӣ ё муомилоти ғайриодилона), кам кардани хатари марбут ба номуайянӣ;

5. Кам кардани хароҷоти трансформатсия аз ҳисоби интихоби муносиби сохтори номгӯи маҳсулот, кам кардани муҳлати коркард ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нав, сиёсати оқилонаи нархгузорӣ, кам кардани шумораи миёнаравҳо, хароҷоти фурӯш ва ғайра;

6. Ратсионаликунонии сохтори идоракунӣ, кам кардан ва мустаҳкам намудани як қатор вазифаҳо, якдилӣ ва масъулиятшиносӣ.

Мо бояд фаҳмем, ки интернет-маркетинг танҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи маркетинги анъанавист, вале он мустақил ва мураккаб мебошад. Дар ин ҷо бояд фаҳмид, ки интернет танҳо як шабакаи нави фурӯш нест, аммо бозори нав аст.

Баръакси маркетинги анъанавӣ, интернет-маркетинг хусусияти хоси худро дорад. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини интернет ин ба афзоиши назарраси имкониятҳо ҳангоми ба вуҷуд овардани алоқаи зичи байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, он чӣ дар раванди муаррифӣ самаранок аст, мусоидат мекунад. Интернет танҳо бо муошират маҳдуд намешавад.

**Воситаҳое ки айни замон дар интернет - маркетинг васеъ истифода бурда мешаванд, инҳоянд: [3]**

1. Сохтани сомонаҳо;

2. SEO – пешбурд имкон медиҳад, ки рейтинги сомонаҳо аз ҳисоби муносибгардонии ҷустуҷӯӣ беҳтар карда шаванд;

3. Рекламаи контекстӣ, ки яке аз воситаҳои дар маркетинги ҳозиразамон васеъ паҳншуда ба шумор меравад. Ин намуди реклама эълонҳои рекламавиро ба манфиати истифодабарандагон мутобиқ мегардонад. Яке аз калонтарини намунаи онҳо шабакаҳои рекламавӣ аз ширкатҳои “Google” ва “Яндекс” ба ҳисоб меравнд;

4. Рекламаи таргетӣ ин намуди реклама имконият медиҳад, ки гуруҳи мақсадноки истифодабарандагон аз рӯи маҷмӯи нишондиҳандаҳо муайян интихоб карда шуда, он буҷети рекламаро боз ҳам сарфа мекунад;

5. Хизматрасонии гуруҳ дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Муҳим аст, ки доимо бо аудитория дар шабакаҳои иҷтимоӣ тамосро нигоҳ дошта, бо онҳо бояд бевосита гуфтугу намоем.




**Расми 2. Воситаҳои асосие, ки айни замон дар интернет - маркетинг васеъ истифода бурда мешаванд**

Веб-маркетолог бо пешбурди маҳсулот ва хизматрасониҳои корхона дар интернет машғул аст. Он аудиторияи мақсаднокро баҳогузорӣ намуда, таклифоти рақибонро меомӯзад. Дар асоси маълумотҳои бадастовардашуда интернет-маркетолог стратегия таҳия намуда, нақшаи маблағгузорӣ тартиб дода, чорабиниҳои рекламавиро ташкил мекунад.

Инчунин, паҳлуҳои қавии маркетинги рақамӣ бояд имконияти бо истеъмолкунандагон алоқаи баръаксро муқаррар намудан, фарогирии аудитория бо миқдори номаҳдуд, афзоиши молҳо ва хизматрасониҳо ва зуд гузаронидани созишномаҳоро ҷудо намудан мумкин аст.

Тиҷорати электронӣ ва интернет – маркетинг қисми ҷудонашавандаи дилхоҳ чорабиниҳои маркетингӣ ба ҳисоб меравaнд. Сегменти интернет – маркетинг ва реклама ҳам дар бахши истеъмолӣ ва ҳам дар бозори B2B афзоиш ёфта истодааст.

Интернет – маркетинг ҳоло соҳаи ояндадори иқтисодиёти рақамӣ ба шумор меравад. Он ҳамзамон дастрас, ҷолиб ва мавзун, аммо аз баъзе ҷиҳат мураккаб буда, воситаҳои худро дорад. Дар давраи истифодаи фаъоли интернет муошират бо аудитория тавассути технология афзоиш ёфта, реклама нисбатан фардӣ кунонида шудааст[3]. Аз ин лиҳоз, интернет – маркетинг айни замон хеле муҳим мебошад.

Интернет – маркетинг ин “SEO” – “пешбурди сомона”, контекст, вебинарҳо ва ғайра буда, ҳамаи шабакаҳоеро фаро мегирад, ки истифодабарандагон ба шабакаи байналмилалии Интернет агар дастрасӣ дошта бошанд.  Аммо, маркетинги рақамӣ ҳамаи болозикрро бо реклама ва пешбурд дар асоси дилхоҳ барандагони рақамии берун аз шабака дар бар мегирад.

Шабакаҳои маркетинги рақамӣ ин фазои моддӣ-техникие, ки барои ташкили алоқа байни тарафҳо, интиқол ва мубодилаи иттилоот таъин гардидаанд. Вазифаи шабакаҳои робита – ташкили алоқа, интиқол ва мубодилаи иттилоот мебошад.

Яъне, он робитаи рақамиеро дар назар дорад, ки ба тариқи онлайн ва офлайн сурат мегирад. Дар маркетинги рақамӣ ба реклама пешбурд тавассути шабакаҳои анъанавӣ ба монандӣ: эълонҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо, реклама дар телевизион ва дар билбортҳо дохил намешаванд. Гарчанде, ки агар дар билборт QR-рамз мавҷуд бошад, бо ёрии он метавон ба сомона ворид шуда, алакай он маркетинги рақамӣ шуда метавонад. Моҳияти интернетмаркетинг ин истифодабарии шабакаҳои рақамӣ мебошад.




**Расми 3. Самтҳои асосии интернет-маркетинг**

Аслан, интернет-маркетингро метавон ҳамчун ҳама гуна фаъолият дар дохили бозор, ки бевосита ба пешбурди мол нигаронида шудааст, баррасӣ кард.

Яке аз самтҳои муҳимми маркетинги электронӣ ин гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешбурд мебошад, ки аз қисмҳои муҳимми таркибии фаъолияти тиҷоратии дилхоҳ ширкат мебошад. Чи гунае, ки таҷрибаи мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда нишон медиҳад, истифодабарии интернет бо ҳадафҳои пешбурди молу хизматрасониҳо самараи хуб медиҳад.

Интернет яке аз шабакаҳои баробарҳуқуқи интиқоли иттилооти реклама дар баробари ҳамаи шабакаҳои анъанавӣ гардидааст.

Дар асоси таҳлили амали реклама дар интернет инчунин дар асоси омӯзиши адабиёт оид ба ин мушкилот муқаррар гардид, ки самаранокии сифати интернет - рекламаро омилҳои зерин таъмин мекунад: [2].

- ✓ Дараҷаи баланди ба ҳар як истифодабарандаи алоҳида нигаронидашудаи реклама, имконияти аз ҳад самаранок пешниҳод намудани маҳсулоти рекламашаванда;
- ✓ Имконияти ширкат барои фаъолияти мутақобила бо истеъмолкунандагон;
- ✓ Имконияти ба як ҳудуди мушаххас ё бозори муайян бе ягон маҳдудияти фазоӣ вобаста намудани кор.

Воситаҳои интернет – маркетингро метавон дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, вақте ки ширкат ба аксуламали фаврӣ оид ба тағйироти вазъи бозорӣ дар ҳолате, ки дигар воситаҳоро истифода бурда наметавонад, эҳтиёҷ дорад.

Интернет – маркетинг дар худ чунин унсурҳои низоми зеринро ба мисоли реклама дар медия, рекламаи контекстӣ, маркетинги ҷустуҷӯӣ дар умум ва SEO дар алоҳидагиро дарбар мегирад.

Истифодабарии вожаи “Интернет – маркетинг” одатан истифодаи стратегияи маркетинги мустақими фикрронӣ, ки аз рӯи анъана ҳангоми ирсолкунии мустақими почтавӣ, бо радио ва роликҳои рекламавии телевизионӣ, танҳо дар инҷо онҳо нисбат ба фазои тиҷоратии интернет истифода бурда мешаванд.

Ин усулҳо ҳангоми истифодабарӣ дар интернет бисёр самарабахш мебошанд, зеро имконияти аниқ назорат намудани омор ва дар тамоси доимӣ будан бо харидорон хоҳ дар бахши B2B ва ё B2C (бизнес-истеъмолкунанда)-ро доранд.

Дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,1 млн. нафар истифодабарандагони интернет ба қайд гирифта шуда, дар оғози сол дараҷаи воридшавӣ ба интеренет дар кишвар 40,8%-и шумораи умумии аҳолиро ташкил намуд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ айни замон ба 4 оператори алоқаи мобилӣ, ҶДММ “Тселл”, ҶДММ “Вавилон-мобайл”, ҶСП “ТТ мобайл”, ҶДММ “Таком” дар гузаронидани чорабиниҳои инфиродӣ оид ба хизматрасонии мобилӣ 11 иҷозатнома дода шудааст.

Дар аввали соли 2023 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 10,25 млн. нафар истифодабарандагони алоқаи мобилӣ амал намудаанд, ки ба 102%-и шумораи умумии аҳолӣ баробар аст. Ин маълумотҳои асосии оморӣ шарҳи хуби ҳолати технологияҳои рақамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 1. Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 млн. нафар[4]**

| | Номи ширкат | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҶСП “ТТ-Мобайл” | 1813300 | 1278356 | 1287010 | 1319690 | 1457668 | 80,38 |
| | ҶДММ “Tcell” | 2778925 | 2732207 | 2632593 | 2706995 | 2702282 | 97,24 |
| | ҶДММ “Вавилон - Мобайл” | 1010658 | 1049068 | 1168923 | 1152452 | 1137656 | 112,56 |
| | ҶДММ “Таком” | 1249630 | 1053793 | 1368217 | 1045986 | 1014285 | 81,16 |
| | ҶСП “Телеком технолоҷӣ” | - | 2269 | - | 2807 | 2914 | - |
| | ҶДММ “Вавилон - Т” | - | - | 241627 | - | - | - |
| | ҶСП “О-Мобайл” | - | - | - | 159609 | - | - |
| **Ҳамагӣ** | | **6852513** | **6115693** | **6698370** | **6387539** | **6314805** | **92,15** |

Солҳои охир, дар Тоҷикистон ширкатҳои гуногун - ҶСП “Индиго Тоҷикистон” (“Tcell”), ҶСП “ТТ-Мобайл” (“МегаФон Тоҷикистон”), ҶСП “Вавилон Мобайл” ва ҶДММ

“Таком” (“ZetMobile”, собиқ Beeline”), “Тоҷиктелеком”, “Телеком-технолоҷӣ”, хидматрасониро дар бозори алоқаи мобилии телефонӣ ба сомон расонида истодаанд.

Айни замон мавқеъҳои пешсафро дар байни операторони мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶДММ “Тселл”, ҶСП “ТТ-Мобайл”, ҶДММ “Вавилон - Мобайл” ва ҶДММ “Таком” ишғол менамоянд. Аз таҳлилҳо маълум мегардад, ки дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи ҶДММ “Тселл” – 19,62%, ҶДММ “Таком” – 18,84%, ҶДММ “Tcell” – 2,76% коҳиш ёфтааст.

Мавқеи пешсафро аз ҳисоби афзоиши шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқа ҶДММ “Вавилон - Мобайл” бо ҳиссаи 112,56%, яъне 12,56% афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи ҶДММ “Вавилон - Мобайл” рӯз то рӯз зиёд шудаастоддаст, ки ин аз сифати баланди хизматрасониҳо ва интернети босуръати он шаҳодат медиҳад.

ҶСП “Телеком технолоҷӣ”, ҶДММ “Вавилон - Т”, ҶСП “О-Мобайл” ва дигар ширкатҳои мобилӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд.

Интернет - маркетинг соҳаи ояндадори иқтисодиёт ҳангоми таҳияи стратегияи дуруст метавонад бисёр афзалиятҳоро барои ширкатҳои бузург таъмин намояд. Мумкин аст, ки мушкилот ва афзалиятҳои рушди интернет-маркетинг-ро муайян созем [2].

Тибқи маълумоти соли 2020 вазни қиёсии операторони хусусӣ дар бозори алоқаи ҷумҳурӣ 93,4% -ро ташкил дод. Теъдоди корбарони интернет аввали соли 2021 беш аз 3,3 млн ва муштариёни мобилӣ беш аз 6 млн нафарро ташкил намуд.

**Ҷадвали 2. Суръати афзоиши шумораи истифодабарандагони интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2022** [4]

| **Солҳо** | **Истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ** | **Суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта, %** | **Шумораи аҳолӣ, одамон** | **Ҳиссаи истифодабарандагон шабакаҳои интернетӣ (бо % ба шумораи умумӣ аҳолӣ)** |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | 2947627 | 17,2 | 9126600 | 31,9 |
| 2019 | 3219255 | 9,2 | 9313800 | 34,6 |
| 2020 | 3346740 | 3,96 | 9716800 | 35,2 |
| 2021 | 3471890 | 3,73 | 9886800 | 35,1 |
| 2022 | 3800087 | 9,45 | 10078400 | 40,1 |

Аз таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавқеи пешсафро дар таъмини аҳолӣ бо интернет ҶДММ “Tcell” бо 42,4% шумораи умумии муштариён ишғол мекунад. Мавқеи дуюмро ширкати мобилии ТТ-“Mobile” бо 20,7% бозор ишғол мекунад. Мавқеи пешбарии ширкати ҶДММ “Вавилон Мобайл” ва ҶДММ “Таком” 17,2%-ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,1 млн. истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ба қайд гирфита шудаанд, ки 10,9-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳанд[7]. Шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои соли 2023-юм 10,95-и шумораи аҳолиро ташкил додааст.

Ҳамзамон, маълумотҳое, ки дар воситаҳои банақшагирии рекламаҳои шабакаҳои иҷтимоии пешсаф нишон медиҳад дар ибтидои соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаҳои иҷтимоиро 962,2 ҳаз. истифодабарандагони сини 18 сола ва боло истифода бурдаанд, ки 16,4%-и шумораи аҳолии ҷумҳуриро дар сину соли 18 сола ва боло ташкил медиҳад.

Дар маънои васеъ дар соли 2023-юм 26,8% аз шумораи умумии шумораи истифодабарандагони интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз сину сол ҳади аққал як платформаи шабакаҳои иҷтимоиро истифода бурдаанд.

Дар ин ҳолат 24,6%-и истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро занҳо ва 75,4%-ро мардҳо ташкил намудаанд [7].

**Барои таҳияи стратегияи интернет-маркетинги корхона ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва мукаммалгардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зеринро пешниҳод менамоем:**

- ✓ Баланд бардоштани маърифати истифодаи интернет ва боварӣ доштан ба интернет-маркетинг;
- ✓ Баланд бардоштани хизматрасониҳои суръати кори интерент;
- ✓ Нисбатан арзон намудани тарофаҳои бастаҳои интернетӣ, ки аксар вақт нархи баланди он боиси норозигии истифодабарандагон мегардад;
- ✓ Мувофиқ кунонидани арзиши бастаҳои интернетӣ бо сифати таъмини интернет;
- ✓ Беҳтар намудани сифати интиқоли интернет дар минтақаҳои дурдаст ва деҳот;
- ✓ Баланд бардоштнаи дараҷаи касбияти мутахассисиони соҳаи таъмини интернет ва интернет-маркетинг;
- ✓ Мустаҳкам намудани муносибатҳои байни ширкатҳои интернетӣ ва интернет-мағозаҳо бо муштариён;
- ✓ Рушди робита бо ҷомеа ва масъалаҳои таблиғотии интернет-маркетинг дар кишвар;
- ✓ Беҳтар намудани робита бо муштариёни имконпазир дар замимаҳое, ки онҳо аллакай кор мекунанд;
- ✓ Ҷойгир намудани реклама дар замимаҳои машҳур;
- ✓ Ҷорӣ намудани баннерҳо, ки чунин имкониятро “Google AdWords” дорад;
- ✓ Барои пешбурд ҷалб намудани чеҳраҳои шинохтаи соҳаҳои варзиш, кино, санъат ва илм;
- ✓ Воситаи муосир барои нақшаи “контент + трафик”, вақте ки истифодабарандагон ягон иттиоъ ё мақоларо мутолиа мекунанд, онҳо метавонанд ба маҳсулоти тиҷоратӣ, ки дар ин мақола ёдрас шудааст, ё суроғаи онҳо оварда шудааст, маълумот пайдо кунанд;
- ✓ Бештар истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоии машҳури “TikTok”, “Instagram” ва “YouTube”, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда мешаванд ва аудиторяи онҳо бештар фаъол аст;
- ✓ Гузаронидани аудиосӯҳбатҳо бо мутахассисони соҳа оид ба молу хизматрасониҳои ширкат;
- ✓ Сохтани видиороликҳо оид ба молу хизматрасониҳои ширкат;
- ✓ Конетент - маркетинг дар худ таҳлили доимии аудиторияи мақсаднокро дорад. Захираҳоеро бояд доимо интихоб намуд, ки аудиторияи масаднок вақти худро дар он мегузаронад. Дар он ҷо нашр намудани паёмҳо, ки дар бораи хусусиятҳо ва афзалиятҳои молу хизматрасониҳои ширкат тавсиф мекунад.

Интихоби воситаҳои таҳлил имкон медиҳанд, ки ҳисоботҳои пураро оид ба фурӯш, молҳо, гурӯҳҳо ва истифодабарандагон ба даст орем.

Ҳамин тариқ, рушди технологӣ консепсияи иҷтимоӣ - ахлоқии маркетингро васеъ гардонида, ба табдил ёфтани амалияи маркетинги анъанавӣ ба муносибатҳои истеҳсолот, пешбурд ва паҳн намудан оварда мерасонад.

Инчунин, он имконият медиҳад, ки стратегияи идоракунии брендҳо шакли нав гирифта, алоқаи баръакси бевосита аз аудиторияи мақсадноки молу хизматрасониҳоро интизор шавем.

## АДАБИЁТ

1. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рушди интернет–маркетинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023.

2. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46). – С. 176.
3. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Афзалиятҳо ва хусусиятҳои маркетингӣ рақамӣ дар шароити муосир // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: “Рушди техналогияҳои рақамӣ дар шароити муосир”. Душанбе, 2022.
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2023. саҳ. 304.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 23.12.2022, ш. Душанбе. https://mfa.tj/tg/main/view.
6. Шевченко Дмитрий Анатольевич Цифровой маркетинг: обзор каналов и инструментов // Практический маркетинг. 2019. №10 (272). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovoy-marketing-obzor-kanalov-i-instrumentov.
7. https://datareportal.com/reports/digital-2023-tajikistan.

**Имомалиев Амонулло Рустамович** донишҷӯи курси
ихтисоси 250109-молшиносӣ ва муоинаи мол
Роҳбари илмӣ: Холов М.С.

## УСУЛҲОИ ИЛМИИ ПЕШГИРИ АЗ ТАЛАФЁБӢ МАҲСУЛОТҲОИ ХӮРОКВОРӢ

Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии нигоҳдорию коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ вазифаи дигари курси мазкур маҳсуб мешавад

Якумин обеъкти нигохдори ин махсулоти хуроквори ба шумор меравад. Одам аз даврахои кадим аз табиат барои ёфткардани хуроквори. Харакат мекарданд. Мисол: чамъ кардани мева, тухмии дарахтони ёбӣ ва шикори ҳайвонҳои ваҳши ва доштани моҳиён мекушиданд. Барои бокимондаи он маҳсулотхои хуроквори, ки дарвакти нигох доштан вайрон нашавад. Ва ҳашаротҳо, хайвонҳо хуроки захираи онхоро нахуранд мубориза мебурданд, ва роҳҳои муҳофизат барои нигоҳ доштан мекушиданд.

Нигохдории махсулоти хӯрокворӣ бисёр душвор мебошад, барои он ки дар таркиби онҳо об бисёр мебошад, ин шароити гузаштани мубодилаи моддаҳоро дар ҳуҷайра ва бофтаҳои меваҳо метезонад. Дар вакте, ки мубодилаҳои моддаҳо тез гузарад, меваҳоро нигоҳдоштан бисёр душвор онҳоро протсеси нафасгириашон зиёд мешавад. Дар ин холат пусиши меваҳоро метозонад.

Растанихо дар вакти сабзиш ва инкишофи худ ба онҳо микробҳо, бактерияҳо часпида мемонанд. Бактерияхо тез инкишоф меёбанд, ки пусиш ва вайроншавии меваҳоро метозонанд. Дар ин ҳолат сифат ва вазни меваҳо паст мешаванд.

Бисёр маҳсулоти хӯрокворӣ (ғалла, тухм шир, гушту пашм, пуст ва дигархо) хуроки хашаротҳо, ба шумор меравад дар вакти нодуруст нигох доштан сифат ва вазни ин маҳсулотҳо кам мешавад.

Муҳити асоси барои инкишофи микроорганизмҳо, ҳашаротҳо ин харорат, намноки, муҳити гази, ки дар таркиби муҳити беруна мавҷуданд мебошад.

Барои ҳамин муҳити берунаро бо ду қисм тақсим мешавад. Яке биотики ва абиотики.

3. Таъсири муҳити абиотики ва биотики дар нигоҳдори маҳсулотҳо.

Калимаи биотики – ин яъне дар онҷое, ки хаёт мебошад.

Калимаи абиотики – ин яъне нишон медихад, ки ҳаёт нест.

Нигохдории махсулот ва протсесхои биологии ин протсесхо биологиро профессор Я.Я.Никитинский бо чор гурух таксим кард:

1.биоз,

2. анабиоз,

3. сеноанабиоз,

4. абиоз.

1.Биоз – нигоҳдоштан ва аз якҷо ба ҷои дигар бурдани ҳайвонҳо, парандаҳо ва зинда мондани онҳоро хаёти биози меноманд.

Растаниҳоро бо намуди тару тоза нигоҳ доштани мева ва сабзавотҳоро хаёти биоз меномад.

2. Анабиоз- ба намуди яхкунонидан нигоҳ доштани махсулот мебошад.

3. Ценоанабиоз – зиёдшудани фоизи турши (кислота) дар муҳити маҳсулот ки микроб, бактерияҳо инкишоф намеёбад.

Алкоценобиоз анабиоз – пайдошави алкагол дар вакти нигохдоштани маҳсулот барои маҳсулот вайрон нашудан ахамияти калон дорад.

4. Абиоз- роҳи бо усулҳои зерин нигоҳ доштани маҳсулотҳо:

термостерилизация – бо рохи баланд кардани харорати муҳит нигоҳ доштани маҳсулотҳо.

- фотостерилизация – ба воситаи нурхо нест кардани инкишофёбии микроорганизм.
- дохилкардани антисептикҳо -химические стерилизация.
- бо рохи фильтиркунӣ – тозакуни бо роҳи механикӣ,

Эубиоз- нигоҳ доштани организми ҳайвон то вакти муайян. Мисол: ҳайвонхои хонагиро то куштанашон нигох медоранд. Принсипи эубиоз барои таъмини сифат ва камшавии вазни онҳо роли калон мебозад, барои он ки ҳамавақт гушти тозаи ҳайвонҳо ва парандаҳоро истифода мебаранд.

- Гелибиоз- нимбиоз яъне дар харорати паст (0 $^0$C) нигохдоштани меваи тару тоза мебошад. Ин усул барои ахолии хамавакт витамину дигар хел биопрепарат таъмин мекунад.

2. Усули анабиоз – дар вакти нигохдории махсулот протсессхои биологиро кариб тамоман қатъ мекунад.

- термоанабиоз – нигохдори махсулот дар шароити харорати хунуки.
- крианобиоз – нигохдории махсулот дар шароити бисёр хунук 30 $^0$C-50 $^0$C.
- ксероанабиоз – нигохдории махсулот бо роҳи хушк кардан ё ки нест кардани об аз махсулот. Мисол: хушк кардани мохи, гушт ва дигар махсулотхои х/к.
- осмоанабиоз – истифодабарии фишори осмотики, ки ин 100% махсулотро аз микроорганизм химоя мекунад.

Мисол – намаккардани гушт, мохи, бодиринг, помидор, карам ва дигар ин барои нигохдоштани махсулот хӯрокворӣёрии калон мерасонад.

Мисол – дар вакти карамро нигохдоштан 1,6-2% аз вазнаш вобаста намак меандозанд.

Барои консервакунонидан 8-12% аз вазнаш, барои намаккардани пут 50% намак истифода мебаранд.

Барои консервакардани меваи (мурабо) то 60% канд истифода мебаранд ин усул барои нигохдоштан дар мевахо Витамин «С» лимонад. Ва моддахои химиявӣ вайрон намешавад.

Ацидоанабиоз- усули консервакунонидан дар мухити кислотаги, ки инро сиркокунонида (маринованый) номида мешавад. Мисол : сиркокунии бодиринг, помидор ва ғ.

Ва мисоли дигар бо роҳи сунии хобондани хуроки сабз (силоскунӣ).

Принсипи ценоанабиоз- ин усул усули (молочнокисленный бактерия) туршонидани бактерии ва хамиртуруш ба шумор меравад. Дар ин просес хосил мешавад сиркои шир баъди хосил шудани ин махсулот аз ин махсулот чудо мешавад сепирти этил то 10-14%, спирт барои инкишофи бактерии захр хисоб мешавад. Яъне бактерияхо дигар инкишоф ёфта наметавонанд.

Алкоголецскоакабиоз- ин усулро барои Принсипи таёркардани шароб истифода мебаранд. Шаробро аз шарбати ангур, мева дар вакти хамрохкардани хамиртуруш ё хамиртуруши худи мева тайёр мешавад. Дар ин протсес чудо мешавад 9-14% спирт, ки сабаби вайрон намудани шароб мегардад.

Принсипи абиоз- абиозро аз номаш маълум аст, ки дар ин протсес хаёт нест ва махсулот тоза ва вазнашро кариб гумм намекунад. Ин протсесро термостерилизация меноманд, ки дар

амал бор охи гарм кардани махсулот ё мева дар харорати $100^0$C. дар ин харорат хаёти зинда позинда мешавад.

Стерилизатсия консервахоро дар автоклав ба воситаи фишор дар харорати $100^0$ -$120^0$C барои консерваи мевахо гушт ва гушти мохиён мегузаронанд. Боз стерилизатсия бор охи УВЧ-нурхои мавчу дароз сегузаронанд. Боз бор охи стерилизатсияи механикияъне шарбати мевахоро аз филтрохи махсус мегузаронанд. Дар филтр бактерия ва хамиртурушхо нигох дошта мешавад ё бо рохи центрифигурированикунонидани шарбати мева, ки ташкили ба амал меёяд дар ташкили бактерия шарбат тоза мемоманад.

Гушт ва мохи бошад бо рохи дуд кардан дар вакти сузондани хезуми чуб дуди хезуми чуб ансиптики хуб ба шумор меравад, ки бактерияхоро нест мекунад ва намегузорад, ки инкишоф ёбанд.

**Адабиёт**


1. Кругляков Г.Н. «Теоретические основы товароведение продовольственных товаров».2004.
2. Лифиц М.М. «Основы стандартизации, сертификации и метрология в управлении качеством товаров». Москва-Экономика-1996.
3. Маурин Т.М. «Теоретические основы товароведение». Тату-1989.
4. Месяченко В.Т. «Введение в товароведение экспортных и импортных товаров». Москва-2006.
5. Райкова Е.Ю. «Теоретические основы товароведение и экспертиза». Издательско-торговая корпорация «Дашков и К°» 2012.



**Файзалиев Р.** донишҷуи курси 1-уми ихтисоси 240103
Роҳбариилмӣ: Асоева М. С.


## ПСИХОЛОГИЯ ВА АХЛОҚИ ФАЪОЛИЯТИ ТИҶОРАТӢ

Тиҷорат яке аз намудҳои муҳимтарини фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаи махсуси иқтисоди мамлакат ба шумор меравад. Аз рӯи таъйиноти вазифавии худ фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ бо қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон дар бозори истеъмолӣ пайваст буда, ба он омилҳои гуногун таъсир мерасонад.

Бо шарофати истиқлолият фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз беҳтар гардида истодааст.

Мақсади асосии фаъолияти тиҷоратӣ таъмини талаботи истеъмолкунандагон ба молу хизматрасонӣ дар вақти ба харидор мувофиқ, миқдору номгӯи зарурӣ, сифати баланди молҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои гуногун, ки асосан барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст, равона мегардад.[20]

Дар натиҷаи ноил шудан ба мақсади мазкур сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд гардида, корхонаҳои тиҷоратӣ баъди ҷуброни хароҷоти ҷорӣ андозаи муайяни фоидаро барои рушди иқтисодии худ бо роҳи супоридани андоз аз фоида, барои саҳм гузоштан ба буҷети давлатӣ, ба даст меоранд.Бо ибораи дигар, тиҷорат дар байни истеҳсолот ва истеъмолгарони молу хизматрасонӣ нақши муҳими миёнаравиро иҷро намуда, ба ҳарду соҳа хизмат мерасонад. Бинобар ин, тиҷоратродар давраи иқтисоди бозорӣ яке аз намудҳои хеле намоёни соҳаи хизматрасонӣ меҳисобанд.

Омӯзиши равандҳои равонии инсон яке аз вазифаҳои асосии психологияи умумӣ мебошад. Психология дар ҷаҳони муосир қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти мо, аз ҷумла ба фаъолият иқтисоди мо таъсир мерасонад

[20]Шаропов Ф.Р. Соҳибкории тиҷоратӣ ва стратегияи рушди он дар Тоҷикистон. – Душанбе: “Ирфон”, 2006. – Саҳ. 9.

Асосҳои дониши психологӣ барои хар як инсон дар ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи худ заруранд, махсусан барои кормандони соҳаи савдо басо муҳим мебошанд.Чунки он қисми хайёти ҳаррӯзаи шаҳрвандонро дар бар мегирад, ки оиди раванди ба даст овардани молҳои гуногуни ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз омодагии психологии он бояд босифат бошад ва салоҳияти психологии ӯ аз салоҳияти психологии истеъмолкунанда зиёдтар бошад.

Психологияи тиҷорат яке аз бахшхои психологӣ - илм дар бораи омӯзиши қонуниятҳои руҳӣ (психикӣ) ба шумор меравад. Омӯзиши психологияи тиҷорат ба ташакккули ояндаи фурӯшандагон, маҳорати касбӣ ба хизматрасонии мизоҷон кумак расонида, барои мустаҳкам ва аз худ намудани қоидаҳои этикӣ равона карда шудааст, ки риояи онҳо барои фаъолияти босамари ҳар як корманди соҳаи савдо зарур аст.

Агар шумо эҳсосоти худро идора карда натавонед ва дар худ психологияи махсуси савдоро таҳия накарда бошед, ҳар як стратегияи савдо комилан бемаънӣ хоҳад буд. Шумо бояд се ҷузъи асосӣ дошта бошед: ақл, пул ва усул. Набудани ин кор боиси он мегардад, ки шумо ҳеҷ гоҳ дар ин ҷо пул кор накунед.

Психологияи тиҷоратӣ ин психологияи касбӣ буда, фаъолияти равонии инсонро дар муҳити тиҷоратӣ дар бар мегирад. Муваффақияти фаъолияти тоҷир на танҳо аз омодагии умумии касбӣ, балки аз дониши психологияи тиҷоратӣ вобастагӣ дорад. Психологияи тиҷоратӣ барои савдогар (фурӯшанда) ин маҳорати ба инобат гирифтани психологияи харидор дар тамоми зинаҳои хизматрасонии тиҷоратӣ мебошад.

Аз ин рӯ, шумо бояд кӯшиш кунед, ки эҳсосоти худро ҳангоми савдо идора кунед. Барои он ки ба хатогиҳои бадтарин роҳ надиҳед. Масалан, ворид шудан ба бозор, вақте ки дар он танзимоти мувофиқ мавҷуд нест ё хатари аз ҳад зиёд.

***Психология*** аз калимаи юнонӣ гирифта шуда маънояш псьюхе-руҳ, логос - илм, таълимот мебошад.

***Психология*** - илм, таълимот дар бораи ҳолати руҳии инсон мебошад. Психология илм дар бораи ҳолати руҳӣ ва конуниятхои зухурот ва инкишофи он мебошад. Ҳаёти равонӣ аз занҷири беохири падидаҳои рӯҳии ба ҳам алоқаманд иборат аст. Пешравии фаъолияти тиҷоратӣ на танҳо аз саводи касбӣ, балки аз донистани психологияи тиҷорат вобастагӣ дорад.

***Психологияи тиҷорат*** – ин, ташкили фурӯш ва хизматрасонӣ бо назардошти психологияи харидорон мебошад, яъне муайян намудани далелнокии (сабаби) харид, дар вақти хариди мол кадом омилҳо таъсир мерасонанд: синну сол, ҷинс, миллат, ҷои зист ва ғ., таъсири психологии реклама, психологияи мӯд ҳамчун омили таъсиррасон ба тақозо ва таклифот ва ғ. Психологияи тиҷорат инчунин маҳорати гузоштани таасуроти мусоид ба ҳамкорони тиҷоратӣ, молтаъминкунандагон, харидорон ва ҳатто бо рақибон созгор буданро пешниҳод менамояд.

Ба мафҳуми психология низ мафҳумҳои этика, этикет пайваста буда, ҳар кадом навъи фаъолияти корӣ вобаста ба соҳаи хеш дорои қонуну қоида, принсипи рафтор, одобу усули муоширати хос мебошанд ва он дар илм номи этикаи кориро гирифтааст.

Этикет аз калимаи фаронсавии “etiquette” буда, маънояш рафтору кирдори муайян дар ҷои муайян мебошад, яъне тартиби муқарраргардидаи рафтор дар ягон ҷой мебошад.

Этикети муосир одат ва анъанаҳои ҳамаи халқҳоро аз давраҳои қадим то замони мо ба мерос гирифтааст. Халқҳои ҳар як мамлакат дар этикет тағйироту иловаҳои худро ворид месозанд, ки аз сохти ҷамъиятии мамлакат, хусусиятҳои рушди таърихии он, анъанаҳо ва одатҳои миллӣ вобастагӣ дорад. Мисол: аз Рими Қадим ба мо одати меҳмондорӣ ва нону намакдиҳӣ омадааст. Риояи он аз макон, вақт ва ҳолат вобастагӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки инсони ботарбия худро мутобиқи меъёрҳои этикет на танҳо дар қабулҳои расмӣ, балки дар хона низ мутобиқ намояд.

Аз ин рӯ, тоҷирро зарур аст, ки этикети касбиро дуруст истифода барад, ки он ба ӯ дар пеш бурдани фаъолияти касбӣ кӯмак мерасонад.

Ба мафҳуми психология мафҳумҳои этика ва этикет алоқамандии зич доранд.

Этика ин низоми меъёрҳои рафтори инсон ё принсипҳои рафтори маънавии он мебошад.

Этикаи касбӣ ин низоми меъёрҳои рафтори маънавӣ дар ин ё он муҳит (гуруҳи) касбӣ мебошад. Ин меъёрҳо асосан ростқавлӣ, уҳдадорӣ, обрӯмандӣ, содиқ будан ба сухани гуфтаи худ ва ғайраро дар бар мегирад.

Этикет бошад калимаи фаронсавии“etiquette” буда, маъноаш тартиби муқарраргардидаи рафтор дар ягон ҷой мебошад.

Этикети муосир одат ва анъанаҳои ҳамаи халқҳоро аз давраҳои қадим то замони мо ба мерос гирифтааст. Халқҳои ҳар як мамлакат дар этикет тағйироту иловаҳои худро ворид месозанд, ки аз сохти ҷамъиятии мамлакат, хусусиятҳои рушди таърихии он, анъанаҳо ва одатҳои миллӣ вобастагӣ дорад. Мисол: аз Рими Қадим ба мо одати меҳмондорӣ ва нону намакдиҳӣ омадааст.

Намудҳои асосии этикет дар расми 2.1. оварда шудааст.

Инчунин, бояд қайд кард, ки миллати форсу тоҷик аз замонҳои қадим бо фарҳанги болои меҳмоннавозию нону намакдиҳӣ шуҳрати беандоза дорад, ки дар осори адибону олимони бузури ҷаҳон ба таври васеъ нигошта шудааст.




**Расми 1. Намудҳои асосии этикет**

Ҳамзамон, талаботи этикет мутлақ ҳисобида намешавад. Риояи он аз макон, вақт ва ҳолат вобастагӣ дорад. Бояд қайд кард, ки инсони ботарбия худро мутобиқи меъёрҳои этикет на танҳо дар қабулҳои расмӣ, балки дар хона низ мутобиқ намояд. Аз ин рӯ, тоҷирро зарур аст, ки этикети касбиро дуруст истифода барад, ки он ба ӯ дар пеш бурдани фаъолияти касбӣ кӯмак мерасонад.

Маданияти тиҷоратӣ ҷузъи муҳими ташкили фаъолияти тиҷоратӣ мебошад.

Маданияти соҳибкорӣ ин маҷмӯи муайяни принсип, усул ва тарзи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории субъектҳо мебошад, ки дар мамлакат бо меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонун, санадҳои меъёрӣ), анъанаҳои гардиши коргузорӣ, қоидаҳои этика ва одоб дар мавриди амалисозии тиҷорати муосир мутобиқ мебошанд.

Қисми зиёди вақти кории тоҷир ба гуфтушунидҳо ва мукотиботи корӣ оид ба аҳдномаҳои тиҷоратии гуногун мегузарад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ тавсияҳои гуногунро дар ин соҳа ҷамъ овардааст, ки инҳо мебошанд:

1.Агар Шумо барои зуд бастани аҳднома кӯшиш дошта бошед аз аввал ба шарики худ омода будан ба ҳамрориро нишон диҳед;

2.Пеш аз оне, ки гуфтушунидро оғоз мекунед, аниқ дарк кунед, ки чӣ мегуед. Худро муаррифӣ ва шинос намуда, кӯшиш кунед ки таваҷҷӯҳи шарики тиҷоратиро аз калимаҳои аввали суҳбат ба

худ ҷалб кунед. Мисол: “Мо мехоҳем, ки бо Шумо қарордоди фурӯши молҳоямонро ба имзо расонем. Ширкати тиҷоратии Шуморо мо хеле обрӯманд меҳисобем.

3.Кӯшиш кунед, ки дар гуфтугӯҳҳо нисбатан кутоҳ ва фаҳмо сухан ронед. Агар зарур бошад макон ва вақти аниқи вохӯрии навро пешниҳод кунед.

4.Зарур аст, ки муҳити барои бастани шартнома созгорро фикр намуда, муҳайё сохт.Бино ва ҳуҷраи муносиберо бояд интихоб намоед, ки ба гуфтушуниди Шумо ҳеҷ кас халал нарасонад ва ғайра.

Протоколи корӣ ин тартиби гузаронидани вохӯриҳои корӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани гуфтушунидҳо махсусан муҳим аст.[21]

Барои гуфтушунидҳо бояд на камтар аз ду се руз вақт ва макони баргузории вохӯрӣ муайян карда шавад. Ҳамчунин, пешакӣ масъалаҳо муайян карда шуда, давомнокии вохурӣ низ аниқ карда шавад.

Вақти оғози гуфтушунидҳо аз ҷониби тарафҳо бе чуну чаро риоя карда шавад. Зиёда аз 15 дақиқа ба гуфтушунид дер ҳозир шудан ин вайрон кардани қоидаҳои хушмуомилагӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки сабабҳои ба гуфтушунид дер монданро огоҳ кардан лозим аст.

Ҳамин тавр, раванди хариду фурӯши молу хизматрасониҳо заминаи психологӣ дорад. Ва унсури муассиртарин мавҷудияти истеъмолкунандагон бо ниятҳои муайяни харид ва хоҳиши онҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногун мебошад. Қобилияти санҷиши феълу атвор ва намудҳои психологии харидорон, инчунин пайдо кардани муносибат ба онҳо, асосан муваффақияти татбиқи пешниҳоди тиҷоратиро муайян мекунад.

Мо метавонем  ба чунин хулоса биёем, ки психология ва тиҷорат аз ҳам ҷудонашавандаанд!

Рӯйхати адабиёти истифодашуда


1. Абдураҳмон Қ. “Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ”. ҶММ “Хуросон” ш. Хуҷанд 2002.
2. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. Маркетинги байналмилалӣ (комплекси таълимӣ – методӣ) Нашриёти КВД “Матбаа”. Душанбе – 2024.
3. Психология предпринимательства и бизнеса: учебное пособие. - Санкт-Петербург: Питер, 2008. - 304 С.)
4. Коммерческая деятельность: учебник для вузов / Ф. Г. Панкратов, т. к. Серегина. - 4-е изд., переиздание. М.: информ.- внедренческий центр "маркетинг", 2000. - 580 С.
5. Шаропов Ф.Р. Соҳибкории тиҷоратӣ ва стратегияи рушди он дар Тоҷикистон. – Душанбе: “Ирфон”, 2006. – Саҳ. 9.



**Ҳакимов Исмоил** - донишҷуи курси 1, ихтисоси 260203-маркетинг

Роҳбари илмӣ: Ҳикматова М.С.


## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ МАРКЕТИНГ

Маркетинг яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод ва тиҷорат мебошад, ки дар замони муосир нақши калидӣ дар рушди ширкатҳо ва ташкилотҳо мебозад. Вале таърихи пайдоиши маркетинг ба асрҳои гузашта бармегардад ва ин раванд дар тӯли замон таҳаввул ёфтааст.

Маркетинг маънои тадбирҳо ва равандҳое мебошад, ки барои фаҳмидани талабот ва хоҳишҳои мизоҷон, таҳияи маҳсулот ё хизматрасонӣ, таблиғ ва фурӯши он ба кор бурда мешаванд. Маркетинг на танҳо ба фурӯш вобаста аст, балки ба таҳлили бозор, рафтори истеъмолкунандагон ва муносибатҳои байни ширкат ва мизоҷон низ дахл дорад.

Пайдоиши маркетингро метавон то давраҳои қадим пайгирӣ кард. Дар тамаддунҳои қадимаи Миср, Ҳинд, Юнон ва Рим аллакай шаклҳои соддаи тиҷорат вуҷуд доштанд.

Тиҷоратчиён барои фурӯши молу маҳсулот аз усулҳои гуногун истифода мебурданд, ки ин метавонад ибтидои равандҳои маркетинг ҳисобида шавад.

Дар Мисри қадим масалан, бозорҳо (сук) ҷойҳое буданд, ки дар он ҷо маҳсулот ба мизоҷон пешниҳод мешуд. Тиҷоратчиён кӯшиш мекарданд, ки молу маҳсулоти худро бо нархи муносиб пешниҳод кунанд ва талаботи харидоронро қонеъ гардонанд. Дар асрҳои миёна бо рушди шаҳрҳо ва савдо равандҳои тиҷоратӣ мураккабтар шуданд. Дар Аврупо бозорҳо ва ярмаркаҳо (ярмарка) таъсис ёфтанд, ки дар онҳо тиҷоратчиён аз минтақаҳои гуногун ҷамъ мешуданд. Ин давраро метавон оғози ташаккули бозори муосир номид.

Ҳамзамон бо ин, дар асрҳои миёна усулҳои таблиғ низ рушд карданд. Масалан, савдогарон барои ҷалби харидорон аз аломатҳо (символҳо), овозхонӣ ва дигар усулҳои таблиғотӣ истифода мебурданд.

Дар асри XVII-XIX бо оғози инқилоби саноатӣ истеҳсолот зиёд шуд ва талабот ба маҳсулот афзуд. Ин вазъият зарурати ташаккули системаи мукаммали маркетингро пеш овард.

Илми маркетинг ҳамчун илм дар Иёлоти Муттаҳида дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шудааст. Бӯҳронҳои иқтисодии он замон олимони Амрикоро маҷбур карданд, ки дар бораи "мушкилоти музминии изофаи зиёд" ва номутобиқатии низоми гардиши молу хидматҳое, ки дар он замон бо талаботи афзоянда барои ташкили фурӯши маҳсулот мавҷуд буданд, мавриди таҳлил ва омузиш қарор диҳанд.

Аввалин дарсҳои омӯзиши дар мавзӯи маркетинг дар соли таҳсили 1901-1902 дар Донишгоҳи Иллинойс ва Мичигани ИМА оғоз гардиданд. Гарчанде ки дарсҳо хусусияти тавсифӣ доштанд, аммо онҳо ба назарияи амиқи иқтисодӣ аз фанни мустақили таълимӣ ҷудо карда шуданд. Курсҳо тавсифи усулҳои асосии фаъолияти маркетинги корхонаҳо, амалиёти яклухтфурӯшон ва чаканаҳоро дар бар мегирифтанд. Ба масъалаҳои реклама, хусусиятҳои фурӯши молҳо дар самтҳои гуногун диққати махсус дода шуд.

Шӯҳрати дарси маркетинг афзоиш ёфта дере нагузашт, ки он қисми ҷудонашавандаи барномаи омӯзишӣ барои соҳибкорони оянда гардид. Дар соли 1908 аввалин ширкати таҳқиқоти маркетинги тиҷоратӣ таъсис дода шуд. Соли 1911 дар идораҳои ширкатҳои калон аввалин шӯъбаҳои махсуси маркетинг пайдо шуданд. Дар солҳои 20-ум дар Иёлоти Муттаҳида, Ассотсиатсияи миллии омӯзгорони маркетинг ва таблиғот таъсис дода шуд, ки пас аз он ба Ассотсиатсияи Маркетинги Амрико, ки соли 1937 таъсис ёфтааст, дохил карда шуд.

Як гардиши сифатан нав дар рушди маркетинг, ба гуфтаи коршиносон, ба солҳои 60-80 рост меояд. Ин ба давраи аз индустриалӣ ба давраи постиндустриалӣ гузаштани кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда вобаста аст. Охирин бо он хос аст, ки истеҳсолот оммавӣ, миқёсиро қатъ мекунад ва беш аз пеш ба ниёзҳои инфиродии истеъмолкунандагон равона карда мешавад, бозорҳо торафт бештар фарқ мекунанд, имкониятҳои кам кардани хароҷот дар корхонаҳо маҳдуданд, шумораи маҳсулоти хурд корхонаҳо меафзоянд, нақши иттилооти илмӣ-техникӣ ба таври назаррас меафзояд ва ғайра.

Дар ин шароит маълум шуд, ки фоидаи корхона на танҳо ва на он қадар аз кам кардани хароҷоти истеҳсоли худи он, балки аз бисёр ҷиҳат ба таваҷҷӯҳ ба омӯзиши бозор ва рақибон, сифати маҳсулот ва ташкилот вобастагӣ дорад. аз пешрафти бомуваффақияти он ба бозор.

Аз ин рӯ, аввалан, маркетинг тарзи нави тафаккурро дар идоракунии корхона (ширкат) ба вуҷуд меорад. Он ҳамчун системаи тафаккур ташаккул ёфтааст, яъне. маҷмӯи муносибатҳои рӯҳие, ки ба мутобиқсозии оптималии ҳадафҳои мушаххас ба имкониятҳои воқеии ноил шудан ба онҳо, ба ҷустуҷӯи фаъоли ҳалли системавии мушкилоти ба миён омада равона шудаанд.

Ин кӯшиши истифодаи захираҳои мавҷуда ва тамоми иқтидори корхона (фирма) мувофиқ ва бо назардошти талаботи бозор мебошад. Тағирот дар тарзи тафаккур тавассути эволютсияи консепсияҳои маркетинг дар марҳилаҳои гуногуни рушди он ба таври возеҳ тасвир ёфтааст.

**Дуввум,** маркетинг инчунин усули нави фаъолияти корхона дар бозорро ба вуҷуд меорад. Методологияи ҷудонашавандаи фаъолияти бозории корхона (ширкат) ташаккул ёфта истодааст, ки принсипҳо, усулҳо, воситаҳо, вазифаҳо ва ташкили онро нишон медиҳад.

Системаи таблиғи мол ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст, ки маҷмӯи бойи усулҳои гуногуни такмил додани вазифаҳои мол, таъсиррасонӣ ба истеъмолкунанда, сиёсати фасеҳи нархҳо, таблиғ, самаранокии каналҳои тақсимот ва ғайра.

Дар ин давра истеҳсолкунандагон кӯшиш мекарданд маҳсулоти худро на танҳо истеҳсол кунанд, балки онро ба мизоҷон расонанд. Рушди нақлиёт ва коммуникатсия имконият дод, ки маҳсулот ба бозорҳои дур дастрас шавад.

Ҳамзамон бо ин, аввалин усулҳои таблиғотии муосир пайдо шуданд: эълонҳо дар рӯзномаҳо, брошюраҳо ва дигар воситаҳо истифода мешуданд.

Асри XX марҳилаи нави рушди маркетинг буд. Бо рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва рақобати шадид ширкатҳо маҷбур шуданд равишҳои навини маркетингро истифода баранд.

Дар ин давра назарияҳои гуногуни маркетинг таҳия шуданд: назарияи истеҳсолот (тамаркуз ба истеҳсол), назарияи маҳсулот (тамаркуз ба сифати маҳсулот), назарияи фурӯш (тамаркуз ба таблиғ) ва ниҳоят назарияи маркетинг (тамаркуз ба талаботи мизоҷ).

Ин марҳала ҳамчунин бо пайдоиши воситаҳои нави таблиғотӣ – радио, телевизион ва баъдан интернет алоқаманд аст.

Имрӯз маркетинг як соҳаи пурқувватест, ки бо истифода аз технологияҳои навтарин – интернет-маркетинг, маркетинги рақамӣ (digital marketing), таҳлили додаҳо (big data) рушд мекунад.

Ширкатҳо барои фаҳмидани ниёзҳои муштариён аз усулҳои илмии таҳлил истифода мебаранд ва равишҳоро мутобиқ мекунанд.

Таърихи пайдоиши маркетинг як раванди тӯлонӣ аст, ки аз савдо дар бозорҳои қадим оғоз шуда то технологияҳои муосири рақамӣ идома дорад. Маркетинг имрӯз на танҳо воситаи фурӯш аст, балки як стратегияест барои рушди тиҷорат ва қонеъ гардонидани ниёзҳои мизоҷон.

**Адабиёт**


1. Бозоров Ш.Ш. Маркетинг (китоби дарси барои донишҷӯёни МТОК). Душанбе : «ЭР-граф», 2017.424с.
2. Бойматов А. Маркетинг: назария ва амалияи замони муосир – Хуҷанд, 2009.
3. Наврӯззода Б. Муқаддимаи бозоргонӣ: 32 дарси маркетинг. – Душанбе: ДДТ, 1993.


**Сомонаҳо:**


1. Marketing.tj
2. https://tg.wikipedia.org/



**Шамсуллозода Зокири Кароматулло,** донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 260203
Роҳбари илмӣ: Абдураҳмон Ҳакимзода


## МУШКИЛОТИ РУШДИ МАРКЕТИНГИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, маркетинги рақамӣ намуди фаъолияти маркетингие мебошад, ки муошират бо аудиторияро тавассути истифодабарии шабакаҳои рақамӣ барои ҳалли вазифаҳои тиҷорат таъмин менамояд. Барои ташаккули маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сараввал бояд мушкилот ва омилҳои таъсиррасон ба рушди он муайян ва бартараф карда шаванд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти рақамӣ, маркетинги рақамӣ, Интернет, интернет-маркетинг, рекламаи таргетӣ, email – маркетинг, контенет-маркетинг, SMM маркетинг, шабакаҳои иҷтимоӣ.*

Дар шароити муосир рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз воситаҳои муҳимми таъмини иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Бо шарофати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкониятҳои бозор васеъ гардида, дар он давра ба давра хизматрасониҳои нав ворид мегарданд.

Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон боиси ташаккули соҳаи хизматрасониҳо, аз ҷумла асоси болоравии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди соҳаи алоқа дар ҷумҳурӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш 23.12.2022 қайд намуданд: “Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест” [9].

Таҳия ва истифодабарии фаъоли технологияҳои нав рақамикунонии босуръатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба вуҷуд овард. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба аксар кишварҳо имконият фароҳам оварданд, ки афзалияти рақобатии худро баланд бардоранд.

Махсусан, тамоюли рушди фазои интернетӣ дар ҳаёти ҷамъият мушоҳида карда мешавад, ки шумораи истифодабарандагони онро давоми солҳои охир афзоиш додааст.

Яке аз шаклҳои муосири тиҷорат тавассути технологияҳои рақамӣ, маркетинги рақамӣ ба шумор меравад. Маркетинги рақамӣ (digital marketing) ин маркетинги пешбурди маҳсулот ва хизматрасонӣ бо истифода аз шабакаҳои рақамӣ барои фарогирии истеъмолкунандагон мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ вожаҳои гуногун ба монанди, “маркетинги рақамӣ”, “digital marketing”, “онлайн - маркетинг”, “маркетинги нав”, “маркетинги электронӣ”, “интернет - маркетинг”, “маркетинги интерактивӣ” ва ғайраро во хӯрдан мумкин аст [7].

Аввалин маротиба мафҳуми маркетинги рақамӣ соли 1990 дар ҷаҳон пайдо шудааст. Зери мафҳуми маркетинги рақамӣ одатан сохтан ва паҳн намудани “контент” ба воситаи сомонаҳо, саҳифаҳои мақсаднок, шабакаҳои иҷтимоӣ, почтаи электронӣ ва замимаҳои мобилӣ фаҳмида мешавад.

Он ҷалби истеъмолгарони имконпазир барои хариди мол ва хизматрасониҳои ширкатҳоро дар бар мегирад. Дар он шакл ва тарзҳои гуногуни ҷалб ва нигоҳдории муштариён бо ҳадафи пешбурди брендҳо ба бозор ва афзоиши фурӯши маҳсулоти ширкатҳо мавриди истифода қарор дода мешавад.

**Мафҳуми “digital marketing”** нисбат ба мафҳуми “интернет-маркетинг” васеътар буда, он дар худ шабакаҳоеро фаро мегирад, ки истифодаи интернет дар он талаб карда намешавад.

Маркетинги рақамӣ ё интерактивӣ ташаккули робитаи рақамиро пешбинӣ менамояд, ки дар ҳолати чӣ “онлайн” ва чӣ “офлайн” ба истиснои шабакаҳои анъанавӣ ба вуҷуд меояд. Он дар асоси истифодабарии технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ барои ташкили робита, мубодилаи таклифот, ки барои харидорон, истифодабарандагон, шарикон ва дар умум ҷамъият арзиш доранд, асос ёфтааст [8].

“Digital” – робитаи рақамӣ метавонад ба иттилоот, контент (мусиқӣ ва филмҳо дар фиттаҳо, мақолаҳо дар интернет ва ғайра), инчунин ба воситаҳои интиқоли иттилоот (телефони мобилӣ, ноутбук ва ғайра) истифода бурда шаванд [11].

**Маркетинги рақамӣ** ин ҳамчунин фаъолияти маркетингии ширкат бо мақсади ба даст овардани фоида тавассути ҷорӣ намудани усулҳои гуногуни истифодабарии имкониятҳои технологияҳои рақамӣ, ки барои дарк ва таҳлили афзалиятҳои истеъмолгарон, ошкор намудани эҳтиёҷот ва дурнамои он, омӯзиш ва беҳтар намудани таҷрибаи таъсири байниҳамдигарӣ барои ташаккули робитаҳо ва қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва фардӣ нигаронида шудааст.

Маркетинги рақамӣ намуди фаъолияти маркетингие мебошад, ки муоширaт бо аудиторияро тавассути истифодабарии шабакаҳои рақамӣ барои ҳалли вазифаҳои тиҷорат таъмин менамояд.

**Вазифаҳои асосии маркетинги рақамӣ** ин пешбурди мол ва хизматрасониҳо, инчунин афзоиши амалисозии онҳо бо кӯмаки усулҳои гуногун мебошад. Маркетинги рақамӣ дар худ интихоби зиёди усулҳои маркетингии пешбурди мол, хизматрасониҳо ва брендҳоро тақозо мекунад [10].

Мутахассиси соҳаи маркетинги рақамӣ пайваста ба пешбурди бренди ширкат машғул шуда, муштариёнро тавассути шабакаҳои рақамӣ ба молу хизматрасониҳои ширкат ҷалб месозанд.

Дар навбати аввал вазифаи онҳо пешбурди молу хизматрасониҳои ширкат ба воситаи сомонаи ширкат, “блогҳо”, шабакаҳои иҷтимоӣ ва онлайн-рекламаҳо мебошад.

Опыт хозяйственной деятельности и научная экономика показывают, что банковская система характеризуется высоким уровнем взаимозависимости, основан на кредитных средствах и не всегда открыт. Обеспечение эффективной деятельности банковской системы Республики Таджикистан, как и другие страны в основном зависит от денежно-кредитной политики, регулированием финансовых учреждений и устойчивости коммерческих банков.

Среди всех элементов банковской деятельности денежно-кредитная политика занимает особое место. Именно этот механизм регулирует денежную массу, курс валюты и процентов, чтобы обеспечить финансовую стабильность и развитие экономики. Денежно-кредитное регулирование является важным средством воздействие на макроэкономических процессах, и масса денег является объектом его регулирования.

Эффективность деятельности рынка можно наблюдать, если денежная масса соответствует спросу или наоборот, любая противоречивость для финансового рынка и национальной экономики, имеет негативные последствия.

Определенных экономических факторов развития банковской системы можно разделить на внутренние и внешние факторы, которые дополняют и тесно связаны друг с другом. Внутренние факторы составляют микросреду банка и в обеспечение эффективной деятельности банковской системы страны играет важную роль.

К внешним факторам относится факторы, которые не связанные к деятельности самого банка. Поэтому конкурентоспособность банка зависит от того, насколько выбранный вид экономического поведения соответствует с определенным условием, в котором банк ведет свое деятельность. Когда мы говорим о факторах развития банковской системы, в условиях технического развития без человеческого фактора эффективное управление банковской деятельности считается невозможным. Несмотря на развитие цифровой экономики и компьютеризации общество в системе отраслей требующих научных подходов и в общем экономики человеческий фактор остаётся определяющим фактором.

Совершенствование современной банковских услуг и эффективное проведение банковской операции требует наличии высококвалифицированных специалистов. Именно человеческий капитал является основным условием последующей развитей всей отраслей национальной экономики в «Национальной стратегии Республики Таджикистан на период до 2030 года» занимает особое место. В стратегии отмечается, что человеческий капитал является основным фактором производственных отношений и экономической развитии.

Человеческий капитал по сравнению с природными ресурсами, естественными и финансовыми капиталами среди долгосрочных факторов развития экономики занимает первое место. Поэтому развитие человеческого капитала в стране определяется как преимущественное направление деятельности Правительство Республики Таджикистан.

Эффективное и разумное управление банковской системы в кризисных условиях требует разумного отношения. В свою очередь неэффективное управление и неправильное решение приводить к банкротству коммерческих банков. Поэтому в большинстве случаев ученные обращают внимание на факторах, которые влияют на устойчивости банковской системы. Важно отметит, что кроме факторов развития банковской системы, существует ряд проблем, которые негативно влияют на эффективность банковской сферы и снижает уровень конкурентоспособности коммерческих банков. К этим факторам относится несовершенность законодательства в банковской сфере, слабый контроль и регулирования отрасли, низкая капитализация, низкий уровень объема денежной массы, недоверия к банкам со стороны предпринимательских субъектов, снижение мировых финансовых рынков, неустойчивость в банковской сфере и т.д.

В условиях уязвимости мировой финансовой системы вышеназванные проблемы почти во всех странах являются временными. Стоит, отметит, что после восстановления мировой экономики эти проблемы постепенно решаются и их решение зависит от правильного ведения экономической политики страны. В условиях развития финансовых отношений обеспечение стабильного развития, зависит от устойчивости банковской системы [4, с.5-13].

Мировая практика показывает, что после финансового кризиса в экономике отдельных стран имеет долгосрочное влияние. В этих условиях вопросы эффективного управления банковского сектора страны как важного механизма организации финансовой системы становится важным.

На сегодняшний день одним из важных задач в финансовой системе мировых стран является увеличение доля безналичных расчетов и доведение до минимума наличных расчетов во всех экономических и социальных отраслях. Усиление системы безналичных платежей является одним из стратегических приоритетов развитых и развивающихся стран. Потому что, развитие системы безналичных расчетов является одним из факторов развития финансово-экономической системы, увеличение объема безналичных расчетов содействует обеспечению прозрачности, определение официальных финансовых источников, снижение теневой экономики, развитие цифровой экономики, увеличение финансовых ресурсов и финансово-экономической устойчивости страны.

Согласно данным, в Швеции впервые в 1661 году было использована бумажные деньги, объем наличных оборотов составляет 11% и согласно стратегических целей и приоритетов в этой стране в ближайшие годы планируется снизить уровень наличных платежей до 0.5% [2].

С развитием экономики, достижения в науки и техники, регулярно появляются новые средства безналичных расчётов, которые способствовали уменьшению наличных денег как средства обращения. В развитых странах, такие как США, Великобритания, Франция, Германия и другие страны объем наличных денег как современное средства оплаты находиться на минимальном уровне, потому что в этих странах для перечисление заработной платы и пенсии используется современные безналичные методы оплаты. Также в безналичном расчете производится оплата товаров и услуг, в том числе широко используется оплата дорогих товаров чеками и векселями [3, С. 109].

Использование различных форм безналичных расчетов для экономики сыграет большую роль, способствуя правильному планированию источников бюджета и финансирования экономических отраслей, обеспечивая прозрачность, экономичность и эффективность финансовых отношения предпринимателей, налогообложения всех источников дохода и закладывает основу для сокращения неформальной экономики.

Анализы показывают, что в этих странах последние годы с постоянным осуществлением конкретных мер по поводу увеличения доля безналичных расчетов и ограничение в использовании наличных денег в обороте, в результате которого доля наличных денег в общем объеме национальной валюты имеет уменьшающую тенденцию. В этих странах были приняты следующие меры: - постоянное совершенствование и укрепление законодательных норм и методологии, которые регулируют использование электронных видов оплаты; для физических лиц установление ограничений в объеме использование наличных денег в центрах обслуживания и супермаркетах. Например, в России 600 тыс. рублей, в Бельгии и Франции 3000 евро, в Италии 1000 евро, в Испании 2500 евро для резидентов и нерезидентов 15000 евро, в Чехии 350000 крон, в Болгарии 10000 лев, в Греции 15000 евро; также обязательное начисление заработной платы и пенсии на банковских картах. [2].

Масштабное проведение безналичных расчетов в этих странах говорит о том, что у них на достаточном уровне развивались инновационные банковские обслуживания и инфраструктуры, а также, наблюдается высокий уровень развития экономики.

Укрепление системы и финансово-кредитных отношений в условиях рыночной экономики и внедрение государственного управления финансов считалось одним из важнейших стратегических задач и с первых дней независимости находилось в центре внимания Правительство Республики Таджикистан и соответствующих структур. В современном мире обеспечения сбалансированного развития национальной экономики, которая завысить от уровня и качество финансово-кредитных отношений, является наивысшей целью Правительством страны. Для достижения этих целей, прежде всего, необходимо в процессе анализа и рассмотрении структуры национальной экономики, в том числе финансовых структур, выявить существующие проблемы и находить пути их решения.

С целью содействия в развитии финансовой структуры, по распоряжению Лидера нации с 1 июля 2023 года оплата налогов и государственных пошлин от коммунальных услуг и других видов государственных услуг полностью перешли на безналичный расчет. Различные финансово-кредитные структуры в стране, на основе закономерности развития финансово-кредитных отношений, применение практики зарубежных стран и относительно их разновидности, выделяя особого внимания, как основной фактор обеспечивают на этой основе финансовую устойчивость.

Таблица 1. Основные банковские показатели платежных карт в Республике Таджикистан ан период 2020-2024гг

| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Количество банков-эмитентов банковских платежных карт (ед.) | 21 | 19 | 21 | 24 | 26 |
| Количество банковских платежных карт (ед.) | 3247 851 | 3479109 | 5060793 | 6711241 | 8436750 |
| Количество держателей банковских платежных карт (чел.) | 3016 946 | 3371317 | 4662545 | 6524142 | 8093948 |
| Количество терминалов в пунктах торговли и сервиса (шт.) | 3 811 | 3 030 | 3 872 | 6 939 | 8138 |
| Количество банкоматов (шт.) | 1 281 | 1 412 | 1 724 | 2 240 | 3005 |
| Количество сделок посредством банковских платёжных карт (тыс. ед.) | 7 886 | 59 372 | 8 550 | 12 764 | 162785 |

Источник: Банковский статистический бюллетень Национального банка Таджикистана за 2020, 2021, 2022, 2023, 2024 гг.www.nbt.tj (Дата обращения 11.03.2025)

Согласно данным Национального банка Таджикистана на 31 декабря 2024 года в стране было выпущено в обращении 8,4 млн. единиц банковских платежных карт со стороны 25 отечественных финансовых организаций, что по сравнению аналогично периода 2023 года на 25,7 % больше.

**Диаграмма 1. Динамика роста банковских платёжных карт в Республике Таджикистан (млн. ед.)**




Источник: www.nbt.tj Сайт Национального банка Таджикистана

Анализы показывают, что основные проблемы в области увеличения использования банковских счетов для современных платежных средств, то есть мобильных телефонов и специализированных программ, зашифрованных кодов, является недостаточность уровень средствах приема и оплаты платежей, особенно в регионах. Поэтому необходимо принятие выгодных мер по созданию более качественной среды финансовых услуг для населения и

субъектов предпринимательства, привлечение средств на улучшение инфраструктурной основы платежной системы. Также необходимо совершенствование законодательного и налогового механизма, активизация деятельности финансово-кредитных организаций имеют первостепенное значение для увеличения предоставления инновационных финансовых услуг. Данная тенденция позволить обеспечивать развитию безналичных расчетов и цифровой экономике в стране.

В целом в современных условиях использование электронных платежных средств при взаимных расчетах имеет ряд преимуществ и приоритетов, как для экономических отраслей, так и населения страны.

## Список литературы


1. Банковский статистический бюллетень Национального банка Таджикистана за 2020, 2021, 2022, 2023, 2024гг.www.nbt.tj
2. Лаврова И., Глуховская Ю. Эволюция платежей: что заставляет людей отказываться от наличных- https://plus.rbc.ru/.
3. Рахимзода Шариф. Денежное и кредитное отношение. - Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – С.109
4. Сборник статьей. II-ой международной научно-практической конференции на тему «Современные финансово-кредитные процессы: проблемы и перспективы». 7-декабря 2024г. – Душанбе, 2024. – С.5-13
5. www.nbt.tj  Сайт Национального банка Таджикистана
6. www.president.tj Сайт Президента Республики Таджикистана



**Идизода Беҳзод Баҳодур** донишҷӯи курси 3 ихтисоси 25010402

Роҳбари илмӣ н.и.и., дотсент Ҳалимов Л.М


# НАҚШИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

Бояд кайд намуд, ки яке аз масъалаҳои асосии бонкҳои ватанӣ дар соҳаи муносибатҳои қарзӣ ин пеш аз ҳама принсипи додани қарзи бонкӣ мебошад. Принсипи қарздиҳии бонкӣ дар симои ҳар як бонки муваффақ накши муҳим мебозад ва бешубҳа метавонад дар рушди фаъолияти ҳар як бонк дар шароити имрӯза мусоидат намояд.

Ба монанди принсипҳои қарздиҳии бонкие, ки дар ин ҷо оварда шудаанд, инчунин аз рӯи таҳлили бисёр дигар сарчашмаҳои таълимию илмӣ, ҳамаи муаллифон бар он ақидаанд, ки принсипҳои қарздиҳии бонкӣ чунинанд:

- ✓ баргарданда;
- ✓ муҳлатнокӣ;
- ✓ пардохтнокӣ.

Дар шароити имрӯзи иқтисодиёт моҳияти принсипҳои қарздиҳӣ аз ҷониби бонкҳо ин масъалаи мураккаби назариявӣ ба шумор рафта, дар ҳоли ҳозири кишвар аҳамияти калони амалӣ дорад. Дар ин ҷо ду масъалаи ба ҳам алоқаманд вуҷуд дорад. Якум ин муайян намудани мафҳуми «принсипи қарздиҳӣ» мебошад. Масъалаи дуюм бошад, ин интихоби худи принсипҳои қарздиҳӣ мебошад.[22]

---

[22] Свиридов О.Ю. Банковское дело. Серия «Экономика и управления». – Ростов н/Д:Издательский центр «МарТ», 2002. – 416с. С.276.

Қарзҳо, принсипҳои қарздиҳии муносибатҳои бозорӣ дар шароити норасоии пули нақд муносибатҳои қарзӣ ба вуҷуд меоянд. Кредит - ин аз ҷониби бонк ё ташкилоти қарзӣ ба қарзгиранда ба андоза ва тибқи шартҳои пешбининамудаи шартномаи қарзӣ додани пул мебошад, ки тибқи он қарзгиранда уҳдадор аст, ки маблағи гирифтаашро бо фоиз баргардонад.

Қарз – ин дар шакли пул ё мол бо шартҳои баргардонидан, фоизнокӣ ва муҳлатнокӣ пешниҳод мегарданд. Қарзҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода мешаванд. Шаҳрвандон дар ҳоле бо ташкилоти қарзӣ барои ба даст овардани қарз муроҷиат менамоянд, ки маблағҳои худии онҳо барои расидан ба ҳадафҳои дилхоҳашон кофӣ нест. Хизматрасониҳои қарзӣ танҳо аз ҷониби бонкҳо ва дар маҷмӯъ ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷон пешкаш мешаванд.

Қарзро ҳама корхонаҳо новобаста ба шакли моликияташон, инчунин давлат, ҳукумат ва аҳолӣ истифода бурда метавонанд. Аз ҳама муҳимтараш ин, ки қарз дар ҳар сурат бояд бо фоизаш ба бонк бар гардад.

Қарзи бонкӣ ин қарзе мебошад, ки бонкҳо ба қарзгир дар шакли қарзи пули нақдӣ пешниҳод менамоянд. Қарзи бонкӣ дар навбати худ аз доираи қарзи тиҷоратӣ низ боло мегузарад. Бо ёрии қарзи банк на танҳо баъзе тарафҳо як қисми сармояи захиравии худро барои истифодаи муваққатӣ ба дигар тараф медиҳанд, балки аз ҳисоби маблағҳое, ки бонкҳо аз табақаҳои гуногуни ҷамъият ҷалб намудаанд, сармояи иловагиро ба вуҷуд меоранд. Қарзи бонкӣ дар самти худ маҳдудият надорад: ба воситаи он сармояи пулии аз як самт ҷалбшуда ба самти дигари иқтисодиёт равона мешаванд.

Раванди пешниҳоди қарзро қарздиҳӣ меноманд. Асоси мавҷудияти категорияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла қарз риояи талаботу шартҳои муайянро тақозо менамояд, ки бе он қарз моҳияти худро гум мекунад. Ҳамин тариқ, шарт ё принсипи пешниҳоди қарзи бонкӣ ба мизоҷон пеш аз пешниҳоди қарз муайян карда мешавад.[23]

Принсипҳои зерини қарздиҳӣ мавҷуданд: (расми 1)




**Манбаъ.** Аз ҷониби муаллифон дар асоси адабиёти илмӣ таҳия шудааст

**Баргарданда** маънои онро дорад, ки пас аз ба охир расидани мӯҳлати қарз маблағ бояд ба бонк баргардонида шавад.

**Муҳлатнокӣ** - маънои онро дорад, ки қарз бояд дар мӯҳлати муайяншуда баргардонида шавад. Мӯҳлати қарз, ки дар шартнома оварда шудааст, мӯҳлати ниҳоии барои қарзгир гузоштани маблағҳо мебошад.

**Фоизнокии қарз** маънои онро дорад, ки қарзгиранда бояд барои истифодаи муваққатии маблағи аз бонк гирифташуда ба он фоизи муайян супорад. Дар амал ин принцип ба воситаи механизми фоизи банк амалӣ мегардад.

**Қарзҳои таъминшуда ё худ гаравнокӣ** маънои онро доранд, ки дороиҳо, сарватҳо ва кафолатҳои қарзгиранда имкон медиҳанд, ки қарздиҳанда боварӣ дошта бошад, ки маблағҳои додашуда сари вақт ба бонк баргардонида мешаванд.

---

[23] Ҳалимов Л.М., Бобоев Ҷ.И., Одинаев Ҳ.С. Фаъолияти бонкӣ (Китоби дарсӣ) 2023, 354 с.С-139

**Тафриқаи қарздиҳӣ** маънои онро дорад, ки бонкҳо набояд дар масъалаи додани қарз ба мизоҷоне, ки барои он муроҷиат мекунанд, як хел равиш нишон диҳанд.

**Мақсаднокии қарз** бо мақсади возеҳи истифодабарии он дар назар дорад; мувофики шартнома бояд объектҳои қарздиҳӣ муайян карда шаванд.

Барои бозҳам дар сатҳи бояду шояд омухтани мавзӯи матраҳшаванда дар баробари маълумотҳои назариявӣ барои возеҳтар омӯхтани он, ки роҷеъ ба нақши қарзҳои бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар мувофиқ мебошад, аз маълумоти амалӣ низ истифода бурдан лозим мешуморем.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2024 маблағи 47 478,0 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба 9 798,5 млн сомонӣ ё 26,0 фоиз афзоиш ёфтаанд, ки ин асосан бинобар зиёдшавии бақияи сандуқи қарзӣ, сармоягузориҳо ва нақдина ба амал омадааст.

Бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ маблағи 21 377,7 млн сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 3 532,8 млн сомонӣ ё 19,8 фоиз афзудааст, ки ин аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ ва ба соҳаи соҳибкории хурду миёна ба амал омадааст.

Дар санаи 31 декабри соли 2024 қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) маблағи 1 521,4 млн сомонӣ ё 7,1 фоизи сандуқи қарзии маҷмуиро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии маҷмӯӣ ба андозаи 5,4 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Аз рӯйи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1 346,8 млн сомонӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шудааст, ки ба 88,5 фоизи қарзҳои мазкур баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба 11,3 банди фоиз кам шудааст.

Ҷадвали 1. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024

(млн. сомонӣ)

| № | **Гуруҳбандии қарзҳо** | **31.12.19** | **31.12.20** | **31.12.21** | **31.12.22** | **31.12.23** | **31.12.24** | **Тағ-т 2019/24 (+/-)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ (маҷмӯӣ), *аз ҷумла* | 9 703,2 | 10 882,5 | 11 970,4 | 13 577,6 | 17 844,8 | 21 377,7 | 11 674,5 |
| 1.1. | *Фаъол* | 7 222,7 | 8 336,7 | 10 363,6 | 11 946,7 | 15 606,2 | 19 856,3 | 12 633,6 |
| 1.2. | *Ғайрифаъол* | 2 480,6 | 2 545,8 | 1 606,8 | 1 630,9 | 2 238,6 | 1 521,4 | -959,2 |
| 1.3. | Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол | 25,6% | 23,4% | 13,4% | 12,00% | 12,5% | 7,1% | -18,5 |
| 1.4. | Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) | 1,2% | 2,9% | 1,1% | -0,6% | 0,0% | 0,9% | -0,3 |

**Манбаъ:** Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj ба ҳолати 31 декабри соли 2024. Аз ҷониби муаллифон таҳия шудааст.

Аз руи ҷадвали 1 чунин хулоса намудем, ки дар давраи баррасишаванда дар бозори бонкии кишвар тамоюли болоравии сатҳи ҳамаи нишондиҳандаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Барои мисол афзоиш махсусан дар бахши молия ба назар мерасад. Масалан, агар дар соли 2019 тамоми қарзҳо 9 703,2 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2024 ин рақам ба 21 377,7 миллион сомонӣ баробар шудааст, ки 11 674,5 миллион сомонӣ ё 54,61% афзоиш ёфтааст. Қарзҳои фаъол низ дар солҳои ҳисоботӣ ба тадриҷ афзоиш доранд барои

мисол агар дар соли 2019 қарҳои фаъол 7 222,7 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 19 856,3 млн.сомонӣ баробар шудааст, ки 12 633,6 млн.сомонӣ ё 63,62 фоиз самти рушдро ба худ касб намудааст.

Барои омӯзиши минбаъдаи ин мушкилот, ки бевосита ба соҳаи тадқиқоти қарздиҳии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мо бояд баъзе нишондиҳандаҳои бозори бонкии кишварро таҳлил намоем, ки ба манфиати мавзӯи таҳқиқшаванда низ мебошад.

Ҷадвали 2. Пӯёи афзоиши қарзҳои бонкҳо, аз рӯи соҳаҳо давоми солҳои 2019-2024

*(млн.сомонӣ)*

| № | Номгуй | Годы | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Тағ-т бо маблағ 2024/2019 | Тағ-т бо фоиз 2024/2019 |
| **1.** | Ҳамаи қарзҳо | **7 664 690** | **8 903 6 92** | **11 970 459** | **14 382 0 92** | **18 991 1 59** | **24 557 814, 5** | **16 893 12 4,5** | **68,78** |
| 1.1. | Кишоварзӣ | 154 292 | 764 400 | 214 977 ,3 | 2 433 94 6,5 | 2 734 41 6,1 | 3 127 272, 9 | 2 972 980, 9 | 95,06 |
| 1.2 | Саноат | 6 705 644 | 2 996 997 | 142 782 ,8 | 1 478 51 3,4 | 2 678 69 5,9 | 3 045 348, 6 | - 3 660 295, 4 | -120,19 |
| 1.3. | Сохтмон | 350 227 | 1 313 902 | 117 978 ,3 | 527 026, 7 | 726 041, 9 | 966 744, 0 | 616 517 | 63,77 |
| 1.4. | Нақлиёт | 72 995 | 227 226 | 3 451,8 | 244 734, 1 | 130 557, 3 | 140 524, 4 | 67 529,4 | 48,05 |
| 1.5. | Хӯроки ҷамъиятӣ | 2 408 | 34 936 | 2 982,0 | 31 068,1 | 24 579,0 | 46 301, 5 | 43 893,5 | 94,80 |
| 1.6. | Хизматр-нӣ | 57 494 | 343 538 | 201 047 ,5 | 1 463 89 4,1 | 1 350 74 5,7 | 1 700 459, 1 | 1642 965,1 | 96,61 |
| 1.7. | Савдои хориҷӣ | 150 089 | 1 373 0 35 | 158 126 ,9 | 2 015 85 4,9 | 2 224 65 8,1 | 3 591 903, 6 | 3 441 816, 6 | 95,82 |
| 1.8. | Миёнаравии молиявӣ | 4 650 | 3 840 | - | 8 020,9 | 15 384,2 | 22 415, 6 | 17 765,6 | 79,25 |
| 1.9. | Истеъмолот | 67 593 | 1 686 187 | 600 942 ,0 | 5 603 01 9,9 | 8 189 53 3,2 | 11 565 492, 3 | 11 497 89 9,3 | 99,41 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.10. | Дигар | 99 298 | 159 631 | 120 748,9 | 576 013,4 | 916 547,6 | 51 352,4 | -47 945,6 | -93,37 |

**Источник:** Бюллетени омори бонкӣ БМТ декабр 12 (293) 2019с, 12 (305) саҳ.24-30 саҳ, 12, (316) 2021с., 12 (329) 2022с.,12 (341) 2023с. ва 12 (353) 2024 саҳ. 42, аз ҷониби муаллифон таҳия шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки қарзҳои бонкҳо аз рӯи соҳаҳо дар кишвар сол ба сол самти руштро ба худ касб намуда истодаанд. Барои мисол агар дар соли 2019 ҳамаи қарзҳо 7 664 690 млн.сомониро ташкил дода бошад ин нишҳондиҳанда дар соли 2024 ба 24 557 814,5 млн.сомонӣ баробар шудааст, ки ба 16 893 124,5 млн.сомонӣ ё 68,78 дарсад афзоиш ёфтааст, ки дар ҳоли рушд қарор доштани фаъолияти бонкдории кишвар дарак медиҳад. Аз ҷадвали 2 ба хуби маълум аст, ки қисми зиёди қарзҳои бонкӣ дар соли 2024 асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ, савдои хориҷӣ ва истеъмолот равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, барои зиёд намудани қарздиҳӣ дар кишвар метавонем ба бонкҳо чунин пешниҳод намоем:[24]

- расмиёти қарздиҳӣ дар бонкҳо автоматикунонида шуда, барои онҳо стандартҳои ягона таъсис дода шаванд;
- қонун дар бораи қарзи истеъмолӣ бояд шаффофиятро ҳангоми муайян намудани фоизи қарз таъмин намояд;
- аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар ба соҳаҳои авзалиятноки иқтисодиёт қарзҳои имтиёзнок ҳарчи бештар пешниҳод гарданд;
- муассисаҳои таъсисдодашуда бояд ба бонкҳо маълумоти заруриро дар бораи қарзҳои додашуда ва даромади аҳолӣ пурра таъмин намоянд;
- барои рушди бозори қарзи ипотекӣ кам кардани меъёри фоиз ва истисно намудани хавфи пардохт накардани он, ки ба меъёри умумӣ дохил мешавад ҷорӣ карда шаванд;
- бояд шартҳои гирифтани қарз барои соҳибкории хурд баррасии карда шаванд. Бисёре аз соҳибкорони навкор таъминот ё худ гарав надоранд ва дар сурати муфлисшавӣ аз руи уҳдадорияшон ҷавоб гуфта наметавонанд;
- бо мақсади коҳиш додани хавфи барнагаштани қарз ва ё дер пардохт накардани он шартҳои қарзи автомобилро аз назар бояд гузаронанд.

Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми қарздиҳӣ дар навбати худ ба ҳаҷми ММД таъсири мусбӣ мерасонад ва бе шаку шубҳа ба рушд ва инкишофи саноатикунонии иқтисодиёти кишвар нақши муҳим мебозад.

**Адабиёт:**

1. Буневич К. Г., Половинкина Е. С. К вопросу о финансовых и денежно-кредитных методах регулирования, применяемых ЦБ РФ // Вестник Московского университета им. С. Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. 2016. № 4 (19). С. 35-43.
2. Свиридов О.Ю. Банковское дело. Серия «Экономика и управления». – Ростов н/Д:Издательский центр «МарТ», 2002. – 416с.
3. Ҳалимов Л.М., Бобоев Ҷ.И., Одинаев Ҳ.С. Фаъолияти бонкӣ (Китоби дарсӣ) 2023, 354 с.

[24] Буневич К. Г., Половинкина Е. С. К вопросу о финансовых и денежно-кредитных методах регулирования, применяемых ЦБ РФ // Вестник Московского университета им. С. Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. 2016. № 4 (19). С. 35-43.

**Косимзода Р.Қ.** донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 25010402

# ПАРДОХТПАЗИРИИ БОНК НИШОНДИҲАНДАИ СУБОТИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛЛИЯВИИ БОНК

Мафҳуми пардохтпазирӣ.

Пардохтпазирӣ (аз калимаи лотинӣ Liquidus) гирифта шуда, маънои он *«ба сонӣ табдил додани як арзиш ба арзиши дигар»* мебошад.

**Пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ** гуфта - имконияти дар назди муштариён аз рӯи ӯҳдадориҳо ҷавоб гуфтани бонки тиҷоратиро меноманд. Вай мавҷуд будани андозаи кифояи сармояи худӣ ва ҷойгиркунии самаранокии воситаҳоро бо дар назардошти мутобиқати мӯҳлат ифода менамояд.

Ҳар як бонки тиҷоратӣ бояд мустақилона сатҳи зарурии пардохтпазирии худро дар асоси: таҳлили моддаҳои тавозун, дурнамои натиҷаҳои фаъолият, гузаронидани сиёсати минбаъдаи илмию иқтисодии вобаста ба сармояи оинномавӣ, фонди таъиноти махсус ва захираҳо, ҷалби воситаҳои қарзии ташкилотҳои дигар, гузаронидаи амалиётҳои активии қарзӣ таъмин намояд.Ҳамин тавр, чи гунае ки дар боло қайд кардем бонк танҳо ҳамон вақт пардохтпазир ҳисобида мешавад, ки имконияти ҷалби воситаҳо аз дигар сарчашмаҳо мавҷуд бошад. Қайд намудан лозим аст, ки бо мақсади таъмини фаъолияти мӯътадили худ бонк бояд ба андозаи муайян захираҳои пардохтпазир дошта бошад.

**Пардохтпазарии тавозун.** Тавозун ҳамон вақт пардохтпазир номида мешавад, ки агар ҳолати вай ҷуброни воситаҳои ҷалбшударо аз ҳисоби ҷобаҷогузории ин воситаҳо таъмин карда тавонад.

Омилҳои зерини пардохтпазирии бонкро ҷудо мекунанд:

1,Дохилӣ  2.Берунӣ

**Омилҳои дохилӣ- сифати идоракунии пардохтпазирии низоми бонкии мамлакат.**

- мутобиқати дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк аз рӯи мӯҳлати пардохт;
- сифати дороиҳо;
- кифоятии сармояи худӣ ва суботи воситаҳои ҷалбшуда;
- натиҷаҳои молиявии мусбии фаъолият.

**Омилҳои берунӣ**

- рушд ёфтани бозори молиявӣ;
- сифати идоракунии пардохтпазирии низоми бонкии мамлакат.
- сифати идоракунии пардохтпазирии низоми бонкии мамлакат.

**Дар таҷриба нишондиҳандаҳои бисёри пардохтпазирӣ истифода бурда мешаванд, ки ба панҷ гурӯҳ муттаҳид карда мешаванд**:

- нишондиҳандаҳои кифоятии воситаҳои худӣ;
- нишондиҳандаҳои таносуби амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъол аз рӯи мӯҳлат ва мазмун;
- *нишондиҳандаҳои сифат ва хавфнокии дороиҳо;*
- *нишондиҳандаҳои сохтор ва суботи уҳ**дадориҳо;***
- нишондиҳандаҳои фоида ва фоиданокӣ

Ягон бонк аз оқибатҳои зуҳуроти номатлуби низоми бозорӣ мисли: бӯҳрони иқтисодӣ, муфлисшавӣ, барнагаштани қарзҳои додашуда, конюктураи (вазъи) тақозо ва арза дар бозори молиявӣ дур монда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳамаи ин мушкилиҳо ва маҳдудиятҳо тақозои онро доранд, ки масъалаи пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ба воситаи идоракунии таркибии тавозун танзим карда шавад.

**Назарияи ҷойгиркунӣ** Мувофиқи ин назария шарти парохтпазирии бонки тиҷоратӣ дар суммаи умумии дороиҳо мавҷуд будани дороиҳои зудфурӯшаванда баромад менамояд.

Муаллифони **назарияи даромади имконпазир** пардохтпазирии бонкро бо қарзадокунии мизоҷон, ки даромади ояндаи онҳоро таъмин менамояд, вобаста мекунанд.

**Назарияи идоракунии уҳдадориҳо** дар он асос карда шудааст, ки бонк метавонад муаммои пардохтпазириро бо роҳи беҳтарнамоии сифати базаи амонатӣ ҳал намояд. Меъёри (маҳаки) сифати базаи амонатӣ зиёднамоии ҳиссаи қисмати устувори амонатҳо мебошад.
Дар асоси идоракунии самаранокии пардохтпазиирии бонкӣ ***«Қоидаҳои тиллоии бонкӣ»*** меистад, ки мувофиқи он:

- Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар дороиҳои кӯтоҳмуддат ҷойгир карда мешаванд.
- Уҳдадориҳои дарозмуддат дар дороиҳои дарозмуддат ҷойгир карда мешаванд;
- суммаи воситаҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат аз рӯи дороӣ бояд аз суммаи уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддатро аз рӯи пассив зиёд бошад;
- суммаи воситаҳои дарозмуддат аз рӯи актив метавонад аз суммаи уҳдадориҳои дарозмуддати бонк ва сармояи хусусии он зиёд бошад. Мӯҳлати ҷойгирнамоӣ набояд аз мӯҳлати ҷалбнамоӣ зиёд бошад;
- **сохтори активҳо:** ҳар чи қадар дар тавозуни бонк активҳои баландхавф пасттар бошанд, ҳамон қадар пардохтпазирии он баландтар аст;
- **сохтори пассивҳо:** ҳар чи қадар ҳиссаи амонатҳои дархостӣ пасттар ва ҳиссаи амонатҳои мӯҳлатнок баландтар бошад, ҳамон қадар пардохтпазирӣ баландтар аст.

$$К2\text{-}1 = \frac{ДП}{УК} \times 100\%,$$

Пардохтпазирии ҷории ташкилоти қарзӣ ин қобилияти ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои он дар назди амонатгузорон ва кредиторон мебошад.

Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К2-1) ҳамчун ҷамъи пули нақд, ҳисобҳои мукотибавӣ ва дороиҳои пардохтпазири ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) то 30 рӯзи наздик нисбат ба амонатҳои дархостшаванда, таҳвили пулӣ, уҳдадориҳои мӯҳлаташон то 30 рӯзи наздик муқаррар карда мешавад.

**Саидова Маҳина Сухробовна** донишҷӯи курси 3 ихтисоси 25010402-кори бонкӣ
Роҳбари илмӣ н.и.и., дотсент Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич

## СИЁСАТИ АМОНАТӢ ВА ТАКМИЛИ ОН ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Анотатсия:** Дар шароити муосир рушди соҳаи бонкдорӣ аз ҷамъоварӣ ва ҷалби маблағҳо, инчунин ҷойгиркунии оқилонаи онҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳим мебозад. Мақолаи мазкур ба ташаккули сиёсати амонатии бонкҳои муосири тиҷоратӣ дар шароити имрӯза бахшида шудааст. Дар он таҳлили дурнамои ҷалби маблағҳо ҳамчун пасандоз дар шароити муосири иқтисодиёти кишвар, инчунин проблемаҳое, ки дар ин самт ба миён меоянд, равона шудааст.

**Вожаҳои калидӣ :** Амонат, пасандоз, амалиёти амонатӣ, сиёсати амонатии бонкҳои тиҷоратӣ, қарз, меъёри фоизҳо, ташкилотҳои қарзӣ.

Дар шароити муосир бонкҳо ба ғайр аз ташкили муомилоти пулӣ ва муносибатҳои карзӣ, инчунин метавонанд соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро бо маблағ таъмин намоянд, амалиёти суғуртавӣ, хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, миёнаравӣ ва идораи амволро низ

анҷом диҳанд. Дар ин самт раванди сиёсати пасандозҳо, ки дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ва асосии фаъолияти ҳар бонк ба шумор меравад, нақши калидиро мебозад.

Сиёсати амонатӣ маҷмӯи тадбирҳои бонкиро оид ба сафарбар намудани захираҳои молиявии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин маблағҳои буҷети давлатӣ дар шакли пасандозҳо бо мақсади истифодаи минбаъдаи онҳо барои ҳарду ҷониб пешбинӣ менамоянд. Инчунин, сиёсати пасандоз ин стратегия ва тактикаи бонки тиҷоратиро барои ҷалби маблағҳо дар асоси шарти баргардонидан ифода мекунад.

Сиёсати амонатӣ гуфта, ин он фаъолияти бонкие мебошад, ки бо ҷалби маблағҳои амонатгузорон ва кредиторон, инчунин танзими (муайян кардани) маҷмӯи мувофиқи манбаъҳои маблағҳо алоқаманд аст, фаҳмида мешаванд.[25]

Мувофики моддаи. 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 № 782 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти бонкӣ дар асоси иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти бонкӣ (минбаъд - иҷозатнома) сурат мегирад. Иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Қонун аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бе мӯҳлат ва бидуни ҳуқуқи ба шахси дигар додани он дода мешавад.[26]

Амонат ва ё пасандози бонкӣ ин  маблағи пулест, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ ба ташкилоти қарзӣ бо мақсади ба даст овардани даромад дар шакли фоизҳо, ки дар натиҷаи амалиёти молиявӣ ба вуҷуд омадааст, фаҳмида мешавад.[27]

Сиёсати амонатии бонкӣ бояд аз ду нуқтаи назар баррасӣ карда шавад. Аз як тараф, ин амалҳое мебошанд, ки таваҷҷӯҳи асосии онҳо ин зиёд намудани дороиҳои пардохтпазир мебошад, аз тарафи дигар, ин фаъолияти бонкие мебошад, ки барои ҷалби маблағҳо равона карда мешавад. Дар ниҳоят, ҳадафи сиёсати дурусти амонатӣ барои ҳар як бонк ин нигоҳ доштани сатҳи зарурии пардохтпазирӣ бо назардошти тамоми хатарҳои имконпазир, инчунин кам намудани хароҷоти бонкӣ мебошад.

*Сиёсати амонатии бонк бояд инҳоро дар бар гирад:*

- таҳияи стратегияи амалисозии фаъолияти бонк оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ ҳамчун пасандозҳо;
- ташаккул додани тактикаи бонкҳои тиҷоратӣ барои таҳия, муаррифӣ ва пешбурди маҳсулоти нави пасандозҳои бонкӣ барои мизоҷон (дар соҳаи сиёсати молиявӣ, нархгузорӣ, фурӯш ва коммуникатсия);
- татбиқи стратегия ва тактикаи таҳияшуда;
- назорат аз болои ташкили сиёсат ва самаранокии он;
- мониторинги фаъолияти бонки тиҷоратӣ оид ба ҷалби маблағ.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир асоси маблағҳои озоди дилхоҳ бонки тиҷоратӣ ин маблағҳои ҷалбшуда, аниқтараш пасандозҳо мебошанд, ки сарчашмаи асосии қарзиии онҳо ба шумор меравнд.

Қайд намудан ба марид аст, ки дар шароити муосир амонату пасандозҳо яке аз асоситарин ва зарурии сарчашмаҳои захираҳои ташкилотҳои қарзӣ хусусан бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад. Бо мақсади баҳодиҳии умумӣ ба фаъолияти бонкҳо мо таҳлили ҳаҷми пасандозҳоро дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидем. Натиҷаҳо дар ҷадвал 1 оварда шудаанд.

---

[25] Барулин С.В. (2011). Финансы: учебник, 2-е изд., стер, КНОРУС, Москва.

[26] Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности» Закон №782 от 26.12.11г.

[27] Насырова А. П. Депозитная политика коммерческого банка // Молодой ученый. - 2014. - № 2. -С. 508

Ҷадвали 1.Бақияи пасандозҳо (амонатҳо) аз рӯи минтақаҳо тайи солҳои 2019-2023 (ҳаз. сомонӣ дар охири сол)

| № | Номгӯй | Годы | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Изменения в сумме 2023/19 | 2023 в% к 2019 |
| 1. | Ҳамаи амонатҳо | 9 742 210 | 11 414 199 | 10 159 277,5 | 15 507 800,0 | 19 462 627,2 | 9 720 507,2 | 49,94 |
| 1.1. | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 299 248 | 353 795,72 | 369 768,2 | 378 011,0 | 392 286,2 | 93 038,2 | 23,71 |
| 1.2. | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 289 081 | 363 132,82 | 384 545,0 | 502 481,4 | 610 011,4 | 320 930,4 | 52,61 |
| 1.3. | Вилояти Хатлон | 668 625 | 838 485,63 | 838 479,1 | 1 124 336,9 | 1 251 457,1 | 582 832,1 | 46,57 |
| 1.4. | Вилояти Суғд | 1 400 028 | 2 079 530 | 2 234 081,9 | 2 597 561,0 | 3 145 417,1 | 1 745 389,1 | 55,48 |
| 1.5. | ш.Душанбе | 6 318 296 | 779 254 | 6 332 403,4 | 10 905 409,7 | 14 063 455,4 | 7 745 159,4 | 55,07 |

**Манбаъ:**дар асоси нишондиҳандаҳои Бюллетени омори бонкӣ 12 (281), 12 (293), 12 (305) саҳ.24-
30, 12(316) ва 12 (329) аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 мушоҳида карда мешавад, ки тавозуни пасандозҳо аз рӯи минтақаҳо барои солҳои 2019-2023 дар сатҳи зарурӣ рушд карда истодааст. Барои мисол маблағи умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2019 дар ҳаҷми 9 742 120 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 19 462 627,2 миллион сомонӣ баробар шудааст, ки 9 720 507,2 миллион сомонӣ ё 49,94% афзоиш дорад. Аз ҷадвали 1 ба хуби мушоҳида карда мешавад, ки бақияи пасандозҳо аз рӯи минтақаҳо, ки дар соли 2023 дар маҷмӯъ ба 19 462627,2 ҳаз.сомонӣ баробар аст,аз он 17 208 872,5 ҳаз.сомонӣ ё 88,42 фоиз ба вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе рост меояд, боқимонда бақияи пасандозҳо ё худ 11,58 фоизаш ба Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон рост меояд.

Дар ин навбат менигарем ба ҷадвали 2, ки роҷе ба тамоюли афзоиши ҳаҷми бақияи амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, давоми солҳои 2019-2023, дар маҷмӯъ масъалагузорӣ шудааст.

Ҷадвали 2.Тамоюли афзоиши ҳаҷми бақияи амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ тайи солҳои 2019 – 2023

(ҳаз. сомонӣ, дар интиҳои давра)

| Намуди амонатҳо | Годы | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **Таъғирот бо маблағ 2023/19** |
| **Ҳамагӣ амонатҳо** | **9 742 210** | **11 414 199** | **10 159 277,5** | **15 507 800,0** | **19 462 627,2** | **9 720 417,2** |
| Бо фоиз аз ММД | 12.60 | 13,50 | 10,3 | *13,4* | 14,9 | 2,3 |
| **бо пули миллӣ** | **5 174 042** | **6 368 302** | **5 636 033,4** | **8 632 968,9** | **10 802 408,8** | **5 628 366,8** |
| *амонатҳои дархостӣ* | 1 401 473 | 2 112 505 | 1 464 454,7 | 22 752,2 | 2 326 152,7 | 924 679,7 |
| *амонатҳои пасандозӣ* | 1 044 036 | 29 893,11 | 26 852,2 | 2 243 312,9 | 25 110,1 | - 1 018 925,9 |
| *амонатҳои муҳлатнок* | 1 527 175 | 146 157,95 | 122 623,6 | 2 461 557,2 | 249 204,9 | -1277,970 |
| *амонатҳои дигар* | 1 201 358 | 1 345 839,39 | 726 309,0 | - | 1 897 261,2 | 695 904,2 |
| **бо асъори хориҷӣ** | **4 568 168** | **2 441 666,42** | **2 452 123,7** | **3 353 378,7** | **4 419 402,8** | **-148765,2** |
| *амонатҳои дархостӣ* | 1 938 446 | 2 270 644,42 | 2 161 800,6 | 68 578,3 | 3 947 847,5 | 2 009 401,5 |
| *амонатҳои пасандозӣ* | 704 030 | 21 952,87 | 0,3 | 1 704 370,5 | 310,5 | -703 719,5 |
| *амонатҳои муҳлатнок* | 1 786 617 | 66 720,60 | 79 002,2 | 1 580 329,9 | 108 985,7 | -1 677631,3 |
| *амонатҳои дигар* | 39 534 | 82 348,53 | 211 320,6 | - | 362 259,0 | 322 785 |

**Манбаъ:** дар асоси нишондиҳандаҳои Бюллетени омори бонкӣ 12 (281), 12 (293), 12 (305) , 12 (316) ва 12 (329), 12 (341) саҳ.33-36 аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Дар асл чуноне ки аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2 овардашуда дида мешавад,ки бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ сол ба сол ру ба афзоиш доранд. Масалан, агар дар соли 2019 ҳаҷми пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ 9 742 210 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2023 ин рақам 19 462 627,2 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 дар ҳаҷми 9 720417,2 миллион сомонӣ, ки 49,94 дарсад ё афзудааст ва ин аз тамоюли рушди бозори бонкӣ дар Ҷумҳурӣ дарак медиҳад.

**Адабиёт:**


1. Барулин С. В. Финансы: учеб. - 2-е изд., стер. - М.: КНОРУС, 2011.
2. Баязитова А. [и др.] Процент вне конкуренции // Коммерсантъ. - 2012. - 18 дек.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» Қонун №782 аз 26.12.11с.
4. Насырова А. П. Депозитная политика коммерческого банка // Молодой ученый. - 2014. - № 2. -С. 508-511.
5. Ҳалимов Л.М., Бобоев Ҷ.И., Одинаев Ҳ.С. Фаъолияти бонкӣ (Китоби дарсӣ) 2023, 354 с.с.3.

**Нозимов Ш.Ҷ.**донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 25010402
**Маниёзов Ф.Д.,** магистр

# НАҚШИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ МОНЕТАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.Сиёсати пулию қарзӣ ва марҳилаҳои инкишофи он

Сиёсати пулию қарзӣ ин кулли чорабиниҳои давлатиест, ки барои ба танзим даровардани ҳаҷми пули дар муомилот буда, ҳаҷми қарз, андозаи нархҳо ва сатҳи фоизи қарзӣ равона карда шудааст.

Мақсад аз гузаронидани сиёсати пулию қарзӣ ин ба танзим даровардани иқтисодиёт тавассути нишондиҳандаҳои иқтисодӣ (фоизи қарз, ҳаҷми пул, сатҳи нархҳо, суръати гардиши пул, сатҳи бекурбшавӣ) мебошад.

Сиёсати пулию қарзӣ яке аз қисматҳои муҳими иқтисодиёти ҳар як мамлакат ба шумор меравад. Дар сохтори идоракунии иқтисодиёти бозоргонӣ татбиқи дурусти сиёсати пулию қарзӣ бевосита ба рушди босамари иқтисодиёти кишвар ва пешрафти сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Агар ба фаҳмиши назариявии сиёсати пулию қарзӣ назар афканем, он дар худ маҷмӯи чорабиниҳоеро, ки ҷиҳати мӯътадилии сатҳи нархҳо, рушди босуботи истеҳсолот, таъминоти иқтисодиёт бо пул ва дар ин асос кам кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар ва як қатор масъалаҳои муҳими иқтисодӣ равона карда шудаанд, дар бар мегирад.

Сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама баҳри татбиқи масъалаҳои зерин равона гардидааст:

- нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуддат;
- таъмини устувории низоми бонкии мамлакат;
- мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт.

Яке аз муҳимияти дурустии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар он аст, ки сиёсати пулию қарзӣ бояд ба сиёсати андозу буҷет ҳамоҳанг бошад, зеро танҳо дар якҷоягӣ метавонанд ин ду омил ба рушди иқтисодиёти кишвар муосидат намоянд

Сиёсати пулию қарзӣ дар ҳар як мамлакати алоҳида мувофиқи шарт ва шароити иқтисодиёти ин кишвар таҳия карда мешвад. Санади сиёсати пулию қарзӣ асосан дар тамоми кишварҳои дунё аз тарафи Бонки марказӣ ё Бонки миллӣ омода мегардад ва бо мувофиқа ба ҳукумати мамлакат ё аз тарафи мақоми қонунбарори ин кишвар тасдиқ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзиро Кумитаи қарзии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия ва дар амал татбиқ менамояд.

Бо мақсади истифодаи босамари фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва рушди мӯътадили нишондиҳандаҳои пулӣ Бонки миллии Тоҷикистон дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли оянда таҳия намуда, ҳар сол то 1 ноябр ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Марҳилаҳои таърихии ташаккули сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба марҳилаҳои зерин тақсим мешавад:

### Марҳилаи 1

Тибқи моддаи 2-и Оинномаи Бонки миллии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 28- уми июни соли 1991 Бонки миллии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати қарзӣ - пулии давлатиро бояд таҳия мекард, ки баъдан аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардид.

### Марҳилаи 2

Тибқи моддаи 13 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 27 - уми декабри соли 1993 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо

Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати давлатии қарзи пулиро бояд омода мекард, ки баъдан аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардид.

**Марҳилаи 3**

Тибқи Қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 1995, таҳти рақами 415 «Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани пули миллӣ - рубли тоҷикӣ» аз 10 -ми майи соли 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон рубли тоҷикӣ аввалин маротиба ба муомилот бароварда шуд ва дар ин асос аввалин маротиба сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

**Марҳилаи 4**

Тибқи моддаи 23 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1996 Бонки миллии Тоҷикистон пешбинии сиёсати пулию қарзи ва асъориро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли оянда пешниҳод мекунад.

Санади «Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ» дар соли 1996 - ум аввалин маротиба тайёр карда шуд. Дар солҳои аввал дар шакли «Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Чумҳурии Тоҷикистон» номида мешуд. Баъдан, аз сабаби он, ки сиёсати пулию қарзӣ сиёсати асъориро дар бар мегирад, ибораи «сиёсати асъори» аз номгӯи ин санад хориҷ карда шуда, дар шакли «Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд.

Дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, мавқеи ҳаҷми пул бештар назаррас аст. Ҳаҷми пул яке аз нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ башумор рафта, ҳамчун фишанги танзими сиёсати пулию қарзӣ истифода бурда мешавад. Ҳаҷми пул бо назардошти ҳисоботҳои Бонки марказӣ ва бонкҳои дараҷаи дуюм муайян карда мешавад. Таркиби ҳаҷми пул аз ду унсур иборат мебошад.

Унсури якуми он аз воситаҳои пулие иборат аст, ки онҳо воқеан ҳамчун воситаи хизматрасонии сармояи хоҷагиҳо ба шумор меравaнд.

Унсури дуюми он бошад, аз сарчашмаҳои пайдошавии захираҳои пулӣ, бақияи воситаҳои пулии дар суратҳисобҳо мавҷудбуда, ки ҳамчун хизматрасонии воситаҳои ҳисоббаробаркунӣ истифода мешаванд, иборат мебошад.

Инчунин, дар таркиби ҳаҷми пул воситаҳои ғайринакдии пул (квази - деньги) яке аз ҷойҳои намоёнро ишгол менамояд. Воситаҳои ғайринақдии пул аз маблағҳои пулии дар ҳисобҳои фаврии амонатҳои амонатгузорон мавҷуд буда, ҳисобҳои амонатии саҳмияҳои сармоягузороне, ки воситаҳои худро ба ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ба сармоя гузоштаанд ва ғайра иборат мебошанд.

Ҳамзамон ченаки дигаре, ки бо вобастагии худ ба ҳаҷми пул таъсири бевоситаашро ба сиёсати пулию қарзӣ мерасонад ин пойгоҳи пулӣ (Money base) мебошад. Ба таркиби пойгоҳи пулӣ пулҳои накд (тангаҳо, пулҳои қоғазӣ ) ва пулҳои барои муомилоти ғайринақдӣ истифодашаванда дохил мешаванд. Ба таври дигар гӯем, пойгоҳи пулӣ ба ҷамъи маблағи дороиҳои софи хориҷӣ ва дохилии Бонки марказӣ баробар аст.

**Марҳилаи 5.**

Дар давоми солҳои 2005-2007 раванди рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳи мӯътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва таҳкими низоми бонкии кишвар назаррас буд.

**Сатҳи таваррум.** Тамоили тағйирёбии сатҳи таваррум дар солҳои 2005, 2006» ва 2007 раванди болоравӣ дошт, аз ҷумла дар соли 2005 – ум 5,1% соли 2006 –ум 12,5% ва соли 2011-ум 13%-ро ташкил дод. Омилҳои асосии баландшавии сатҳи таваррум ин баланд гардидани даромаднокии аҳолӣ, ки пайваста ба номутавозунии талабот дар бозор мусоидат намуд, инчунин болоравии нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Степень изученности проблемы. Общие вопросы изучения сущности и значения аудиторской деятельности, проблемы становления и анализа тенденций развития аудита нашли свое отражение в научных работах ученых-экономистов дальнего зарубежья (Р. Адамс, А. Аренс, Дж. Лоббек, Дж. Робертсон и др.), а также ближнего зарубежья (В. Д. Андреев, Б. А. Аманжолова, П.П. Баранов, Ю. А. Данилевский, Ю. М. Иткин, Е. М. Гутцайт, П. И. Камышанов, С. Х. Кошкимбаев, Г. Б. Полисюк, В. В. Скобара, Я.В. Соколов, В. П. Суйц, А. А. Терехов, Н.В. Фадейкина, А. А. Шапошников, А. Д. Шеремет и др.).

В Республике Таджикистан отдельные аспекты организации и формирования аудиторской деятельности исследованы в работах С. Х. Хабибова, Р. К. Курбанова, Д. Уракова, А. Ш. Шерназарова, А.Х. Менгниева, С. И. Садыкова, М. Шобекова, А. А. Мирзалива, Р. А. Абдуллаевой. Однако комплексные исследования экономических, социальных и организационных проблем, вопросов нормативно-правового обеспечения аудита, формирования и развития рынка аудиторских услуг в Таджикистане проводились лишь в контексте общих проблем исследования совершенствования системы бухгалтерского учета и организации финансового контроля в целом. Всё вышеизложенное определяет актуальность исследования, научную новизну и практическую значимость темы исследования.

Цель диссертационного исследования - обобщение теоретических положений и разработка научно обоснованных рекомендаций по совершенствование нормативно регулирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан.

Основные задачи диссертационного исследования, последовательное решение которых потребовалось для достижения поставленной цели, определены следующим образом:

- проанализировать историю развития аудита и предложить периодизацию с учетом исторических событий и их влияния на формирование общественного мнения;

- проанализировать и уточнить определение понятия аудита;

- критически оценить особенности экономического развития в Республике Таджикистан и существующую организацию аудита, вскрыть имеющиеся в ней недостатки и разработать программу реформирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан;

- разработать проект стандарта «Контроль качества работы аудитора», направленный на совершенствование аудиторской деятельности;

- доказать необходимость создания саморегулируемой организаций аудиторов в Республике Таджикистан, разработать проект устава этой организации.

- уточнено определение понятия аудита, которое отличается от предложенных ранее: «Аудит -- это процесс, сбора и накопления аудиторских доказательств с целью их независимой и объективной оценки на соответствие требованиям действующего законодательства для предоставления заинтересованным пользователям достоверной информации об объектах исследования»;

- на основе комплексного исследования вопросов организации аудита в Республике Таджикистан осуществлен научный анализ действующей в стране системы аудита и разработана программа реформирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан;

- разработан проект стандарта «Контроль качества работы аудитора», направленный на совершенствование аудиторской деятельности в Республике Таджикистан в целях максимального удовлетворения потребностей пользователей финансовой отчетности;

- на основе проведенного анализа доказана необходимость создания саморегулируемой организации аудиторов в Республике Таджикистан и разработан проект устава этой организации.

Основные теоретические положения и практические выводы исследования обсуждались и получили одобрение на международных, всероссийских и вузовских научно-практических конференциях, таких как Международная научно-практическая конференция «Инновационный потенциал бухгалтерского учета и экономического анализа» Новосибирск, НГУЭУ

Итак, следует сделать вывод, что историческая эволюция взглядов на суть аудита отражается и в современном обществе, причем критерии разделения, выделенные нами, проявляются как в теоретических наработках, так и в повседневной практике. Аудит как процесс, каким его воспринимают администрация проверяемых предприятий и частично аудиторы, отражает определение аудита как формы и вида контроля. Имея знания и осознание того, что квалифицированным аудитором может стать только тот человек, который имеет образование и опыт в сфере бухгалтерского учета, аудиторы позиционируют свою деятельность как профессионально бухгалтерскую, при этом одновременно воспринимают свою практику и как отдельную профессию, характеризующую восприятие ими аудиторского сообщества как института. В конце концов, общественность, ориентируясь на уменьшение собственных информационных рисков, воспринимает аудит в качестве института, который обеспечивает эту потребность, с чисто результативным подходом к работе аудиторов.

Задачи реформирования аудиторской деятельности является:

- сформировать системы национальных стандартов аудита, которая обеспечит пользователей проверенной информацией;
- обеспечение связи реформирования аудиторской деятельности с основными тенденциями гармонизации стандартов на международном уровне и состоянием экономическо-правовой среды и рыночных отношений в Республике Таджикистан;
- оказание методической помощи при внедрении и использовании реформированной модели аудиторской деятельности.

Важным шагом в реформировании аудиторской деятельности Республики Таджикистан должен стать поиск путей объединения усилий действующих в стране профессиональных организаций для поднятия имиджа профессии на принципиально новый уровень и обеспечения высокого качества оказания аудиторских услуг.

Необходимость создания саморегулируемой организации аудиторов в Республике Таджикистан

Мировой опыт развития саморегулирования аудиторской профессии свидетельствует о том, что обеспечение единых требований, условий и качества осуществления аудиторской деятельности на территории отдельного государства может гарантировать только одно саморегулируемое аудиторское объединение, наделенное соответствующими полномочиями, либо несколько подобных объединений при условии создания ими единых подходов и объединения своей работы (необходимо при этом отметить, что в настоящее время в странах Западной Европы и США усиливается именно государственное регулирование аудиторской деятельности в связи с тем, что, как показывает имеющийся опыт, общественное регулирование не в состоянии обеспечить повсеместный контроль за профессиональной деятельностью аудиторских организаций на примере случаев с аудитом таких крупных организаций, как Enron, Worldcom, Swissair). При этом в рекомендациях авторитетных международных организаций по развитию профессионального аудиторского движения в Таджикистане отмечается необходимость создания профессиональных аудиторских организаций.

Создание саморегулируемых организаций аудиторов является новым этапом регулирования аудиторской деятельности в Таджикистане. Это позволит повысить профессионализм в аудиторской деятельности в масштабах страны, обеспечит гибкое сочетание профессионального и государственного регулирования.

В настоящее время ключевой проблемой аудита в Республике Таджикистан является качество осуществляемой деятельности. Создание саморегулируемых организаций должно

поднять контроль качества аудита в Республике Таджикистан на новый уровень, отвечающий требованиям мировой практики и народного хозяйства.

**Литература**

1. Гоибназаров Х.А. Особенности рынка аудиторских услуг в Республике Таджикистан // Аудиторские ведомости. - 2016. - № 2. - С. 28-36. - 0,5 п.л.
2. Гоибназаров Х.А. Современное состояние аудита в Республике Таджикистан // Аудит. - 2016. - № 1. - С. 29-33. - 0,5 п.л.
3. Гоибназаров Х.А. Становление аудита в Республике Таджикистан // Аудитор. - 2015. - № 5. - С. 21-23. - 0,25 п.л.
4. Гоибназаров Х.А. Особенности организации аудиторской деятельности в Республике Таджикистан // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учета, финансового менеджмента: сборник материалов XI всероссийской научной конференции студентов и аспирантов, посвященной 60 - летию СибУПК: Новосибирск, СибУПК, - 2015. - С. 71-74. -0,25 п.л.
5. Гоибназаров Х.А. Сравнительный анализ организации аудита в Республике Таджикистан и в некоторых зарубежных странах // Прорывные экономические реформы в условиях риска и неопределенности: материалы международной научно-практической конференции.
6. Гоибназаров Х.А. Развитие внутреннего аудита в Республике Таджикистан // Аудит. - 2015. - № 1. - С. 10-13. - 0,4 п.л.
7. Гоибназаров Х.А. Региональные аспекты аудиторской деятельности в Республике Таджикистан // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учета, финансового менеджмента: сборник материалов X всероссийской научной конференции студентов и аспирантов: Новосибирск, СибУПК, - 2014. - С. 22-26. -0,25 п.л.
8. Гоибназаров Х.А. Проблемы развития аудита в Республике Таджикистан //Иновационный потенциал бухгалтерского учета и экономического анализа: материалы международной научно-практической конференции - Новосибирск, НГУЭУ, 2014. - С. 124-128. - 0,25 п.л.

**Маниёзов Ф.Д.,** магистри к.2- ихтисоси 25010402.
**Хушвахтова Меҳрона Каримовна** донишҷӯи курси 3,
Роҳбари илмӣ: муаллими калон Одинаев Ҳусайн Саидраҳмонович

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАВАРРУМ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар иқтисодиёт ё иқтисоди миллӣ зуҳуротҳои номатлубе ба амал меоянд, ки метавонанд ба он бевосита ё бавосита таъсири худро расонанд. Яке аз чунин зуҳуротҳо ин таваррум (инфлятсия) мебошад.

Мафҳуми *инфлятсия* аз калимаи лотинии **inflatio** гирифта шуда маъноаш – “варам кардан” мебошад. Истилоҳи *таваррум* бошад, дар забони тоҷикӣ аз забони арабӣ иқтибос шудааст.

Барои фаҳмиши пурраи таваррум якчанд таърифи онро овардан мумкин аст.

*Таваррум* – ин болоравии нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад.

*Таваррум* – ин афзоиши доимии сатҳи умумии нархҳо, раванди беқурбшавии пул мебошад, ки дар сатҳи умумии афзоиши нархҳо ва паст гардидани қобилияти харидории пул ифода мегардад.

*Таваррум* – ин тағйирёбии сатҳи намояи нархҳои истеъмолӣ дар бозори дохилӣ бо ченаки фоизӣ таваррум мебошад.

Аммо набояд фаромуш кард, ки мавҷуд будани таваррум маънои болоравии нархи ҳамаи молу хизматрасониҳоро надорад.

Сатҳи болоравии нархҳо – таваррум ба ҳисоби миёна муайян карда мешавад.

Дар ин давра мумкин аст нархи қисме аз молҳо ё намудҳои хизматрасонӣ поён рафта бошад.

Вобаста ба суръати болоравии нархҳо таваррум ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

- Оддӣ < 10%
- Миёна 10<50%
- Шадид 50<100%

Дар асоси хулосаи олимон ба ҳисоби миёна, ҳаҷми болораві таваррумро ба андозаи 3 фоизи солона нигоҳ доштан барои пешравии иқтисодёт аҳамияти калон дорад.

Дар адабиёти илмӣ заминаҳои пайдоиши таваррум ба ду гурӯҳ ҷудо шудааст:

1.Заминаҳои дохилӣ;

2.Заминаҳои берунӣ.

***Заминаҳои дохилӣ*** дар навбати худ иборатанд, аз:

1.Заминаҳои монетарӣ;

2.Заминаҳои ғайримонетарӣ.

Сабабҳои зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот, ки боиси таваррум мегарданд, инҳоянд:

- *эмиссияи пул аз ҷониби бонки марказӣ барои пӯшонидани касри буҷет;*
- *маҳдуд кардани мустақилияти бонки марказӣ аз ҷониби ҳукумат;*
- *зиёд шудани пулҳои қарзӣ дар натиҷаи кам кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ ва аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ бебаркаш додани қарз;*
- *зиёд шудани сармоягузории дохилӣ дар натиҷаи манфиатовар шудани истеҳсоли ягон намуди мол, ки боиси номутаносибии пешрафти иқтисодиёту кам шудани истеҳсоли маҳсулотҳои дигар ва боло рафтани нархи онҳо мегардад;*
- *суръати баланди зиёдшавии маоши кормандон нисбат ба болоравии ҳосилнокии меҳнати онҳо дар секторҳои давлатӣ.*

Ба гурӯҳи *заминаҳои ғайримонетарии таваррум* инҳо дохил мешаванд:

- *риоя накардани таносуби пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт;*
- *равнақ додани соҳаҳои ҳарбӣ;*
- *инҳисор (монополизатсия)- и соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт;*
- *хатоиҳо дар ташаккули буҷет, андозбандӣ ва сиёсати пулию қарзӣ.*

***Заминаҳои берунӣ***

Азбаски ҳар як кишвар бо мамлакатҳои дигар муносибатҳои зичи молию пулӣ дорад, дар баробари заминаҳои дохилӣ заминаҳои берунии таваррум низ мавҷуданд.

Вобаста ба фаъолияти беруниииқтисодии кишвар *заминаҳои берунӣ* ба сатҳи таваррум таъсири гуногун мерасонанд.

Ба гурӯҳи заминаҳои берунӣ инҳо дохил мешаванд:

- вориди барзиёди асъори хориҷӣ ба кишвар;
- беқурб шудани пули миллӣ;
- аз хориҷи кишвар ворид кардани молҳои хушсифату қимате, ки дар дохили кишвар низ истеҳсол мешаванд.

Тазаккур бояд намуд, ки таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикисон хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи ба муомилот баровардани пули миллӣ сатҳи таваррум ҳисоб карда намешуд.

Таърихан сабабҳои асосии баландравии сатҳи таваррум дар Тоҷикистон инҳо буданд:

1.Афзоиши хароҷоти давлат барои барқарор намудани зарари дар натиҷаи ҷанги дохилӣ расида;

2.Аз кор мондани корхонаҳои истеҳсолкунанда ва кам шудани моли истеҳсолии ватанӣ дар бозори дохилӣ;

3.Касри буҷети давлатӣ, ки барои пӯшонидани он давлат аз Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар давлатҳо қарз мегирад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ин ҷода солҳои охир муваффақиятҳои хуберо сазовор гашта истодааст. Чунки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ то ба 2000% мерасид, ки ин хело нигаронкунанда буд. Баъд аз ворид кардани асъори миллии мо «Сомонӣ» соли 2000 – ум ва андешидани чораҳои муассир аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон имкон пайдо шуд, ки тайи даҳсолаи охир сатҳи таваррум ба эътидол оварда шавад.

Танҳо баъди ворид кардани рубли тоҷикӣ (10 майи соли 1995) ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ҳукумат тавонист таваррумро дар чорчӯбаи муайян нигоҳ дорад. Масалан, сатҳи таваррум соли 1997 ба 60%, ва дар соли 1998 ба 59,8% паст карда шуд. Баъдтар сатҳи таваррум боз ҳам камтар шуда, дар аввали соли 2003 – 3,7% ва аввали соли 2004 – 13,7% ва дар аввали соли 2005 – 5,7%, соли 2006 – 12,5%, соли 2007 – 19,7%, соли 2008 – 11,8%, соли 2009 – 5,0%, соли 2010 – 9,7% - ро ташкил дод.

Дар соли 2024 сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ 3,6%-ро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 0,2% кам мебошад. Сатҳи таваррум дар 9 соли охир дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.Сатҳи таваррум дар солҳои 2016 – 2024 (%)**

| **Солҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи таваррум | 6,1 | 6,7 | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 | 4,2 | 3,8 | 3,6 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли пешин | 1,0 | 0,6 | -1,3 | 2,6 | 1,4 | -1,4 | -3,8 | -0,4 | -0,2 |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj

Чи тавре ки аз ҷадвали 2 мушоҳида карда мешавад, сатҳи таваррум дар иқтисодиёти мамлакат танзимшаванда буда, дар доираи барномаи давлатӣ нигоҳ дошта шудааст.

Дар шароити муосир мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ноил шудан, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ (таваррум) дар давраи дарозмуҳлат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзиро дар асоси **"реҷаи ҳадафгирии таваррум"** амалӣ менамояд.

**Реҷаи ҳадафгирии таваррум** – низоми муосири сиёсати монетарӣ буда, асосан ҷиҳати таъмини сатҳи муътадили нархҳо ҳамчун мақсади ниҳоӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ равона мегардад.

Бори нахуст соли 1990 реҷаи мазкурро Бонки марказии Зеландияи Нав мавриди амал қарор дод ва баъд аз он Бонки марказии Канада соли 1991 гузариш ба ҳадафгирии таваррумро расман эълон намуд.

Мувофиқи маълумотҳои ХБА то соли 2016 38 кишвари ҷаҳон дар сиёсати пулию қарзии худ реҷаи ҳадафгирии таваррумро истифода мебаранд.

***Давлатҳои тараққикарда -11 давлат;***

***Далватҳои рӯ ба инкишоф - 27 давлат.***

Реҷаи мазкур тибқи таснифоти Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) ба таври расмӣ эълон намудани ҳадафи рақамии таваррумро барои давраи миёнамуҳлат дар назар дошта, бонки марказӣ (миллӣ) барои ноил гардидан ба ин ҳадаф бояд тамоми имконияту тасмими институтсионалии худро равона созад.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 ва 2027) ҳадафи таваррум дар доираи 5,0 фоиз (±2б.ф.) пешбинӣ карда мешавад.

Сатҳи таваррумӣ ҷаҳонӣ бошад, тибқи арзёбии ХБА, вобаста ба муътадил гардидани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва сӯзишворӣ, пешбурди сиёсати қатъии монетарӣ аз ҷониби бонкҳои марказии кишварҳои тараққикарда, муътадилии маҷмуи талаботу таклифот дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва беҳтаршавии интизориҳои таваррумӣ тамоюли мухтадилшавиро дар соли

2025 низ идода дода, то 4,3 фоиз пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,5 банди фоизӣ паст мебошад.

Тибқи маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2025 сатҳи таварруми ҷаҳонӣ 2,9 фоиз пешбинӣ гардиддааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 3,0 банди фоизӣ паст мебошад.

Мувофиқи "Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат" дар соли 2025 тибқи интизориҳо омилҳои дохилию беруние, ки эҳтимолан ба болоравии сатҳи нархҳо оварда мерасонанд чунин мебошанд:

- рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши маҷмуи талабот;
- тағйирёбии иқлим, гармшавӣ ва номусоид будани обу ҳаво;
- афзоиши аҳолии кишварҳои ҷаҳон;
- афзоиши нархи ҳамлу нақли молу маҳсулот ва хизматрасонии нақлиёт байни кишварҳо;
- шиддат гирифтани вазъи геосиёсӣ ва сиёсати тиҷоратӣ;
- зиёдшавии сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот;
- боло рафтани нархи хизматрасонии давлатӣ ва эҳтимолияти болоравии арзиши хизматрасониҳои дигар (коммуналӣ, барқ ва ғайра);
- афзоиши даромаднокии аҳолии кишвар ва маҷмуи талабот;
- омилҳои мавсимӣ ва ғайра.

**Адабиёт:**

1.Ашихмина Е.А. Инструменты валютной политики/Е.А. Ашихмина// Научные исследования и разработки молодых ученых. – 2016. – № 2. – С. 152-155.

2.Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 01 декабри соли 2022, №922

3.Селимова Г.Р. Валютные ограничения как форма государственного регулирования валютно-кредитных отношений / Г.Р. Селимова // Актуальные вопросы современной экономики. – 2014. – № 4. – С. 710-717.

4."Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат" Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 декабри соли 2024, №1488 тасдиқ шудааст.

5.Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе: "Эр - граф", 2018. саҳ. 175-218

**Мамуров Бахром** – донишҷӯи курси якуми,гурӯҳи 23010205.

## ТАТБИҚИ АЛОҚАМАДИИ ГЕОМЕТРИЯ ВА ФИЗИКА ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

Алоқамандии байни геометрия ва физика ифодаи аниқи равандҳои интегратсионие, ки имрӯзҳо дар илм ва дар ҳаёти ҷомеа рӯйдиҳанда, маҳсуб меёбад. Ин алоқаҳо нақши муҳимро дар баландбардории тайёрии амалӣ ва илмӣ-назариявии хонандагон, ки хусусияти назарраси он ба даст овардани фаъолияти маърифатии хислати умумидошта маҳсуб меёбад, мебозанд [3, с. 12].

Ин ҷо ба сифати намуна ҳалли якчанд масъаларо вобаста ба алоқамандии байни фанҳои физикаю геометрия мавриди муоина қарор медиҳем.

**Масъалаи 1.** Крани борбардор плитаи бетонии ченакҳояш 320 x 100 x 10 см – ро ба баландии 10 м бардошта метавонад. Кори кранро ҳангоми бардоштани плитаи бетонии зичияш ба 2400 кг/м$^3$ баробарбуда ҳисоб кунед.

**Ҳал.** Кори иҷрошударо бо ёрии формулаи $A = F \cdot S$…. . . . . (1) меёбем.

Дар аввал ҳаҷми плитаро меёбем.

V = 320 x 100 x 10 см = 820000 см$^3$ = 0,32 м$^3$

Қувваи сарфшуда: F = 0,32 · 2400 = 7680

ё худ: F = 7680 Н

Қиматҳоро дар баробарии (1) гузошта меёбем:

A = 7680 Н · 10 м = 76800 Н м ≈ 77 к Ҷоул

Ҷавоб: A ≈ 77 к Ҷоул

**Масъалаи 2.** Агар суръати нефти аз қубур ҷоришаванда дар 1 сония ба 2 м баробар бошад, аз қубури диаметраш ба 1 м баробарбуда, дар 1 соат чӣ қадар нефт мегузарад ?

**Ҳал.** M = S · V… (1), ки дар ин ҷо S – масоҳати буриши қубур,

V – суръати ҷоришавии нефт.

R = d: 2 = 0,5 м

S = ПR$^2$ = 3,14 · 0,25 ≈ 0,785 м$^2$

1 соат = 3600 сония;

V = 2 м · 3600 = 7200 м

M = 0,785 · 7200 = 5652 м$^3$

Ҷавоб: M ≈5652 м$^3$

Акнун намунаи масъалаҳоро бо ҳалли онҳо меоварем, ки алоқамандии фанни геометрия ва физикаро нишон медиҳанд [1, с. 12].

1. Пиёдагард дар роҳи рост ҳаракат карда, 0,4км масофаро тай намуд.Сипас тахти кунҷи 90$^0$ гардиш карда боз ҳаракаташро ба масофаи 300м давом дод. Роҳ ва кӯчиши пиёдагардро ёбед.

Д. ш. а.

$S_1$=0,4км=400м

$S_2$=300м

α=90$^0$

S-? $\vec{S}$-?

Ҳал:

Ҳаракати пиёдагардро дар нақша тасвир мекунем (расми 1). Аз нақша истифода бурда роҳи умумии тайкардаи пиёдагардро ҳисоб мекунем: $S=S_1+S_2$=400+300=700м




Барои ёфтани кӯчиш бошад, аз теоремаи Пифагор истифода мебарем:

$\vec{S}^2 = \vec{S}_1^2 + \vec{S}_2^2$

$\vec{S} = \sqrt{\vec{s}_1^2 + \vec{s}_2^2} = \sqrt{400^2 + 300^2} = \sqrt{250000} = 500$м

2. Фонуси қувваи рӯшноиаш 500 кд аз сатҳи Замин дар баландии 3м дар симчӯб овезон аст (расм ). Равшании сатҳи Заминро, ки аз асоси симчӯб 4м дур аст, муайян кунед.

Д. ш. а.

I=500кд

h=3м

ℓ=4м

E-?

Ҳал:Дар нуқтаи А равшанӣ бо ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$E = \frac{I}{R^2}\cos\alpha$ (1)




Аз нақша ҳосил мекунем:

$h = r\cos\alpha$ (2)

Мувофиқи теоремаи Пифагор:

$r^2 = h^2 + \ell^2$

$r = \sqrt{h^2 + \ell^2}$ (3) Баробарии (3)-ро ба (2) гузошта, $\cos\alpha$-ро меёбем:

$$\cos\alpha = \frac{h}{\sqrt{h^2 + \ell^2}} \quad (4)$$

Ин қимати $\cos\alpha$ -ро ба (1) гузошта, равшаниро дар нуқтаи А муайян мекунем:

$$E = \frac{I}{R^2}\cos\alpha = \frac{I}{R^2}\frac{h}{\sqrt{h^2+\ell^2}} = \frac{I\cdot h}{(h^2+\ell^2)^{\frac{3}{2}}} = \frac{500\cdot 3}{125} = 12\text{лк}$$

Ба вуҷудоварии алоқамандии фанҳои геометрия ва физика барои ташаккулёбии тасаввуроти пурра ҳосил кардан дар хонандагон дар бораи зуҳуроти табиат ва алоқамандии

байни онҳо ёрӣ мерасонад, донишҳоро пурқимат ва татбиқшаванда менамояд, ин ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки ҳамон донишу маҳоратеро, ки онҳо дар вақти омӯхтани дигар фанҳо гирифа буданд, дар мавриди омӯзиши дигар фан истифода баранд, он имконият медиҳад, ки хонандагон он донишҳоро дар вазъиятҳои аниқ, ҳангоми дида баромадани саволҳои хусусӣ, ҳам дар фаъолияти таълимӣ ва ҳам дар фаъолияти берун аз дарсҳо, дар ҳаёти истеҳсолӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ татбиқ намоянд [2, с. 15]..

Муаммои таълими тафриқа диққати ҳар як омӯзгорро ҳамеша ба худ ҷалб мекунад.Чунки он як шакли асосии ташкили ҷараёни таълим буда, беҳбуди сифати таҳсилот, тарбия ва инкишофи шахсияти хонандагон бевосита аз тарзҳои ташкил ва гузаронидани таълими тафриқа вобаста мебошад. Такмил ва бозсозии ҷараёни таълими тафриқавии физика ва геометрия ба тағйирёбӣ ва сохтори дарс оварда мерасонад, ки ҷустуҷӯи асосӣ дар сохтори ин ҷараён ба ҳалли мушкилоти таълими инкишофёбанда нигаронида шудааст.

Адабиёт:


1. Гуломов И. Воспитание и подготовка учителей математики в высшей педагогической школе Таджикистана в современных условиях. -Душанбе: «Промэкспо»,2011.-219с.
2. Земляко в А.Н.Геометрия в 11 классе.Метод.рекомендации к преподаванию курса геометрии по учебному пособию А.В.Погорелова: Пособие для учителя.-2-е изд.,дораб..-М.Просвещение 1991.-225с. С.224.
3. Нугмонов М.Нишондодҳои методӣ доир ба таълими геометрия дар мактаби миёна.Маҷмӯаи илмӣ /Тартибдиҳанда М.Нугмонов.-Д.:ИД ПД, 1989.-54с.
4. Нугмонов М. Таълими геометрия дар синфи11.Дастури методӣ.-Д.: «ТБ Сервис»,2007.-48с.
5. Стоунс Э. Психопедагогика: Психологическая теория и практика обучения. –М.:Педагогика,1984.С.383.
6. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактики ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим. -Душанбе: Ирфон 2014,-240с.
7. Шарифов Ҷ. О повышении эффективности самостоятельной рабо ты учащихся на уроках геометрии. -Математика в школе,1979, №4.



**Фатҳуддинзода М.** – донишҷӯи курси якуми гурӯҳи 250104


## АЗ ТАЪРИХИ ҲАҶМИ БИСЁРРӮЯҲО

Бисёррӯя яке аз мафҳумҳои асосии курси геометрияи мактабӣ маҳсуб меёбад. Дар ин ҷо мо танҳо дар бораи таърихи ҳисоббарории ҳаҷми бисёррӯяҳо маълумот медиҳем.

Дар китоби дарсии геометрия барои мактаби миёна оид ба ҳаҷми бисёррӯяҳо маълумот дода шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки оиди таърихи ҳаҷми бисёррӯяҳо дар китоби дарсии геометрия чизе баён нашудааст. Донистани таърихи назарияи ҳаҷми бисёррӯяҳо имконият медиҳад, ки хонандагон ин ё он маводи таълимиро васеътар азхуд намоянд.

Мақсади навиштани ин мақола аз он иборат аст, ки бо қадри имкон ҷузъе аз ин маълумотҳои таърихиро роҷеъ ба пайдоиш ва такомули назарияи ҳаҷми бисёррӯяҳо ба хонандагон пешниҳод намоем, то ки онҳо мувофиқи назардошти хеш дар раванди таълим аз он истифода баранд.Чуноне ки маълум аст, мафҳуми бисёррӯя ҳаҷман васеъ буда, намудҳои гуногунро дар бар мегирад.

Призма, призмаи рост, призмаи асосаш секунҷа, призмаи асосаш чоркунҷа, призмаи моил, куб, параллелелепипед, пирамида, пирамидаи сарбурида ва ғайраҳо мисолҳои бисёррӯяҳо мебошанд.

Ҳаҷми пирамида ба ҳосили зарби сеяки масоҳати асос бар баландӣ баробар аст : $V=\frac{1}{3}S$ H.

Мушкилоти ҳисоббарории ҳаҷми шаклҳои геометрии содатарини геометрӣ аз талаботи амалии ҷамъияти инсонӣ ба вуқӯъ омадааст. Масалан, дар Вавилон ва Мисри қадим барои ҳисоб намудани ҳаҷми ҷисмҳое, ки онҳо бештар дар ҳаёт вомехӯрданд, қоидаҳои махсусро истифода мебурданд. Ин қоидаҳо асосан таҷрибавӣ (эмпирикӣ) буданд. Дусад сол сол пеш то солшу мории мо қоидаи ҳисоб кардани ҳаҷми пирамидаи сарбуридаи асосҳояш квадрат маълум буд. Вавилониҳо ҳаҷми призмаи рост,параллелепипед ва пирамидаро ҳамчун ҳосили зарби масоҳати асос бар баландӣ қабул намуда буданд.

Масъалаи ба тарзи назариявӣ асоснок намудани қоидаи дурусти ҳисоббарории ҳаҷми пирамидаҳоро аввалин шуда юнониҳо ба илм дохил намудаанд. Чуноне ки аз як қатор сарчашмаҳо бармеояд, ибтидои ҳсоббарории интегронӣ аввалин бор аз тарафи философи машҳури юнонӣ Демокрит (қарнҳои V-IV то милод) ба миён гузошта шудааст. Ӯ беохир тақсимшавии бузургиҳоро инкор намуда, меҳисобад, ки ҷисмҳо аз миқдори зиёди ҳиссачаҳои охирноки содатарин – атомҳо таркиб ёфтаанд. Демокрит масоҳат ва ҳаҷми бисёр шаклҳои геометрӣ аз он ҷумла пирамидаро ёфта буд.

Папируси Москвагӣ, ки онро мураттиби рус Голенищев соли 1993 пайдо намуда буд, аз соли 1912 дар музеи шаҳри Москва маҳфуз аст. Мисриҳои қадим (қарнҳои XXI-XVIII то милод) масъа лаи тарзи ҳисоббарории ҳаҷми пирамидаи сарбуридаи асосҳояш квадратҳоро чунин муоина карданд. Пирамидаи сарбуридаи баландиаш 6 локт (локт– воҳиди дарозӣ) бо ҳамвории поёнии тарафаш ба 4 локт ва асоси болоии ба 2 локт баробарро ҳисоб намоед. Адади 4- ро ба квадрат бардор, 16 ҳосил мешавад, 4- ро дучанд намо, 8 пайдо мешавад, 2 -ро мегардад.6 -ро ҳисоб намо, 2 ҳосил мегардад, 28- ро 2 маротиб ҳисоб намо 56 ҳосил мешавад. Нигаред, ин 56 аст Шумо дуруст ҳисоб намудед.

Агар бо ишораҳои имрӯза тарафи асоси поёнии пирамидаи сарбуридаро бо $a$ тарафи асоси болоиро бо b ва баландиро бо $h$ ишора кунем, он гоҳ ҳал ли масъала ба ҳисоббарории қимати ифодаҳои $a^2$, $b^2$, ab, $\frac{h}{3}$ оварда шуда, ҳаҷми пирамидаи матлуб ба зерин баробар мешавад:

$$V = \frac{h}{3}(a^2 + ab + b^2)$$

Гарчанде дар дастнависҳои маҳфузбуда ин формула вонахӯрад, ҳам, вале хулоса баровардан мумкин аст, ки қоидаҳои ҳисоб кардани ҳаҷми пирамидаҳоро Мисриҳои Қадим медонистанд.

Қоидаи баёншударо математики немис О.Нейгебауэр яке аз дастовардҳои шоёни математикони Мисри Қадим шуморидааст. Райк А.Е меҳисобад, ки вавилониҳо низ ба ҳисоб кардани ҳаҷми пирамидаи сарбурида машғул буданд, онҳо бо ин мақсад баландии пирамидаро ба бо нимсуммаи масоҳати асосҳо зарб менамуданд, ки аксар мавридҳо қимати нодуруст ҳосил мешуд. Аммо дар бисёр ҳолатҳо бо нодуруст ҳисоб кардани ҳаҷми пирамидаи сарбурида машғул буданд. Ин ҷо аналогия ба чашм мерасад, ки методи ҳисоббарории онҳо ба монанди ҳисоб намудани масоҳати трапетсия аст.

Ҳаҷми анборҳои ғалла ва дигар иншоотҳои қадимаро дар шакли кубҳо, призмаҳо ва силиндрҳо мисриҳо ва вавилониҳо, чиниҳо ва ҳиндуҳо бо роҳи зарб кардани масоҳати асос бар баландӣ чен менамуданд. Аммо дар Шарқи қадим асосон танҳо қоидаҳои ҷудогонаи бо роҳи таҷрибавӣ, ки барои ёфтани ҳаҷмҳо ва масоҳати шаклҳои геометрӣ истифода мешуданд, маълум буд.

Хеле баъдтар, дар замонҳое, ки геометрия чун илм ба ташаккул ёфт, методи умумии ҳисоббарории ҳаҷми биясёррӯяҳо кашф гардид.

Дар байни олимони машҳури қарнҳои V- IV то милод, ки назарияи ҳаҷмро кор карда буданд, инҳо Демокрит аз Абдер ва Евдокс аз Книд буданд. Евклид мафҳуми "ҳаҷм" -ро истифода намебурд. Барои вай мафҳуми "куб" маънои ҳаҷми кубро ифода менамуд. Дар китоби XI-и "Ибтидо" -и Евклид дар қатори дигар теоремаҳо, инчунин теоремаҳои мазмунашон чунин омадааст:

1. Праллелепипедҳои бо баландиҳои якхела ва асосҳои баробарбузург баробарбузурганд.

2. Нисбати ҳаҷмҳои ду параллелепипедҳо бо баландиҳои баробар ба нисбати масоҳатҳо ва асосҳои онҳо баробар аст.

3. Дар параллелелепипедҳои баробарбузург баландиҳояшон чаппа мута носибанд.

Теоремаҳои Евклид танҳо ба муқоисаи ҳаҷмҳо таалуқ дорад, зеро ки ҳисобкунии бевоситаи ҳаҷми ҷисмҳоро Евклид кори амалии геометрия мешуморид. Дар асарҳои бунёдии Герони Александрӣ қоидаҳо барои ҳисоб кардани ҳаҷми куб, призма,параллелепипед ва дигар шаклҳои геометрӣ мавҷуданд.

Мафҳуми "пирамида " аз калимаи юнонии "пирамис" ва "пирамидос " гирифта шудааст. Дар папируси Ахмес калимаи "пирамус" бо маънои теғаи пирамидаи мунтазам вомехӯрад.

Дар Мисри Қадим қабрҳои фараонҳо шакли пирамидаро доштанд. Дар асрҳои III то солшумории мо мисриҳо пирамидаи зина монандро сохта буданд, ки аз блокҳои сангӣ иборат буданд, баъдтар пирамидаҳои мисриён шакли дурусти геометриро гирифтанд, масалан баландии пирамидаи Хеопс тақрибан ба 147м баробар буд. Дар даруни пирамидаҳо роҳравҳо ва маъбадҳо мавҷуд буданд. Аввалин маротиба формулаи дурусти ҳисобкунии ҳаҷми пирамида то ба мо аз тарафи Герони Александрӣ омада расидааст. Аввалин бор Леонардо Фибоначчи с.1220 формулаи ҳисобкунии ҳаҷми пирамидаи сарбуридаро дар китоби " Таҷрибаи геометрия" овардааст.

Хулоса истифодаи маводҳои таърихӣ аз геометрия барои мустаҳкам намудани донишҳои назариявии хонандагон ва шавқовар гузаштани дарсҳо имконият дода, ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ менамоянд.

Адабиёт:


1. Глейзер Г.И. История математики в школе VII-VIII класс Пособия для учителей.-М.: Просвещение, 1982.-240с.
2. История математики с древнейших времен до начала XIX столетия в трех томах /Под. ред. А.П. Юшкевича.-М.: Просве щение, 1970.-142с.
3. Хретоматия по истории математики в 2-х томах/ Под. ред. А.П. Юшкевича.-М.: Просвещение, 1975.-242с.



**Дустов Абдусалом Давлатмуродович, Қурбонов Далер Муҳаммадиевич**
магистрони курси 1-уми ихтисоси 960101 –хадамоти гумруки ДДТТ.


## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ОЗУҚАВОРИ ДОР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мухтаво;** Дар мақолаи мазкур таҳлили вазъи муосири бозори молҳои озуқавори ва моҳияти он ба таври мушахас кушода шудааст. Муалифон дар мақола иброз доштаанд, ки таҳлили вазъи муосири бозори молҳои озуқавори омилҳои асосии рушри босуботи иқтисоди милли ба шумор меравад.



**Вожаҳои калидӣ:** Таҳлил, бозор, озуқаворӣ, сифат, савдо, нарх, фуруш.



**Аннотация:** В данной статье дается обзор современного состояния рынка продуктов питания и его сущности. Авторы статьи утверждают, что анализ современного состояния продовольственного рынка является ключевым фактором устойчивого развития национальной экономики.



**Ключевые слова:** анализ, рынок, продукты питания, качество, торговля, цена, продаж.


Таҳлили вазъи муосири бозори молҳои озуқавори омилҳои асосии рушри босуботи иқтисоди милли ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳоло дар кишвар дараҷаи таъмини бозори истеъмоли бо истеҳсоли маҳсулоти ватани танҳо дар сатҳи 40% қарор дорад, боқимонда аз ҳисоби воридот

таъмин карда мешавад.

Мувофиқи мушоҳидаҳои бозори истеъмоли ҳамаи намуди молу маҳсулотҳо дар мағозаю бозорҳои ҷумҳури ба кадри зарури мавҷуд бошад ҳам болоравии нархи чаканаи маҳсулотҳои асосии истеъмоли мушоҳида карда мешавад. Тибқи дурнамо дар се соли минбаъда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохили зиеда аз 30% афзоиш ефта то ба 82 милиард сомонӣ расонида мешавад.

Дар соли 2017 маҷмуи маҳсулоти дохили ба сари ҳар нафар аҳоли нисбат ба соли гузашта 12% ва дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои пешбинишудаи барномави 8% зиед гардида даромади пулии аҳоли 10% афзоиш ефт.1

Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки стратегияи рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот дар пешрафти иқтисодии мамлакат нақши муҳим дорад.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии Тоҷикистон беҳтар гардонидани сифат ва таъмини рушди бо низоми иқтисодиёт ва таъмини шоистаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳоли яке аз ҳадафҳои асосии сиесати давлат дар рушди иқтисодиёти милли мебошад. Мувофиқи маълумотҳои омори дар соли 2019 гардиши савдои чакана 16561,2 млн сомониро ташкил намуд, ки нисбат бо нархҳои соли 2018 афзоиш ёфта ба маблағи 1996,4 млн сомонӣ зиёд шудааст.

Гардиши савдои чакана (млн сомонӣ)

Январ ва декабри соли 2018 ҳаҷм ва суръати афзоиш 15568,8 105,5 мебошад. Январ ва декабри соли 2019 16565,2 106,4 мебошад. Тамоюл нисбати соли гузашта 1996,4 муаян карда шудааст.

Индекси нархҳои истеъмоли дар соли 2019 106,1% баробар гардид, ки нисбати соли 2018 106,2 ки нисбатан тағир наефтааст. Вазни хоси гардиши савдои чакана дар вилояти Суғд -38,4% , шаҳри Душанбе -20,9%, Вилояти Хатлон -23,8%, ноҳияҳои тобеи марказ- 16,2%,ва ВМКБ- 0,7% ро ташкил менамояд. Дар соли 2019 сатхи таваррум дар бозори истеъмоли 5,9% ро ташкил медиҳад, ки ба болоравии сатҳи таваррум асосан тағироти нархи молҳои озуқавори 1,0% таъсир расонид.

Афзоиши молҳои озуқа аз ҳисоби болоравии нархи миёнаи гушти гов -5,0%, тухм -10,4%, шакар -21,7%, равғани растани -4,5%, ғайр аз ин бо назардошти хусусияти мавсими доштани нархи миенаи 1 кг сабзи -22,9%, пиез -13,1%, картошка -35,7% афзоиш ефтааст. Ҳамзамон нархҳои миёнаи як катор маҳсулоти озуқа аз қабили биринҷ -3,1%, маҳсулоти макарони 2,6%, чойи сиеҳ-35,1%, чойи кабуд -36,6%, орд -2,0% коҳиш ёфтааст. дар соли 2019 нисбати соли 2018 суръати рушди нишондиҳандаи мазкур 105,5 % ро ташкил дода буд. Баландшавии суръати рушд -0,9% асосан аз ҳисоби фуруши сузишворӣ -17,9% е -315,8 млн сомонӣ фурушанда молҳои озуқавори дар бозорҳо ва мағозаҳо мутаносибан 4,9 ва 6,8% е -475,6 млн сомонӣ ба миён омадааст. Инчунин қурби асъори хориҷи нисбат ба асъори милли нисбати қурби асъори ҳамин давраи соли гузашта баланд мебошад, ки ба афзоиши нархи молу маҳсулоти воридоти таъсири бевосита дорад.

Омӯзиш, тадқиқи ҳаматарафа ва таҳияи қарорҳои дахлдор доир ба масъалаҳои амнияти иқтисодӣ метавонад дар давраи гузариш ва рушди минбаъдаи муносибатҳои бозоргонӣ он заминаи боэътимоде шавад, ки мамлакатро дар муддати кӯтоҳ ба рушду субботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ оварад. Танзими сиёсати гумрукии давлат дар таҳияи лоиҳаҳоиислоҳот ва иловаҳои мақомоти қонунгузорӣ барои баррасӣ ва тасдиқи он ба назорат ва таъсири он ба иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат амнияти иқтисодӣ дар қатори амнияти ҷомеа, давлат ва шахс асоси таркибии амнияти миллӣ ба шумор меравад. Рукнҳои давлату давлатдории кишвари соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол таҳкиму густариш ёфта, равобити иқтисодии берунии он ба мамолики хориҷӣ рушди тоза ба тоза касб мекунад ва бо ин васила нерӯи иқтисодии кишвар рӯ ба афзоиш дорад.

Маҳз ҳамин омил аст, ки нақши амнияти иқтисодиро дар бораи амнияти миллӣ муҳим ва бузург менамояд. Дар айни замон, давлате, ки фаъолияти иқтисодии берунаро анҷом медиҳад, узви шабакаи васеъи ҳамкории соҳавӣ ба монанди савдои хориҷӣ, истеҳсолот,

сармоягузорӣ, амалиётҳои кредитии асъорӣ ва молиявӣ мебошад. Дар айни замон, савдои хориҷӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - «соҳибкорӣ дар соҳаи мубодилаи байналмилалии мол, кор, хизматрасонӣ, иттилоот ва моликиятиз еҳнӣ» мебошад. Аз ин рӯ Хадамоти гумрукякҷоя бо якчанд мақомоти дахлдор оид ба назорати молҳои воридотӣ ва содиротӣ вазифадор аст, ки бозори дохиларо ҳифз, фаъолияти иқтисоди хориҷиро танзим, хазинаи давлатро ғанӣ намуда, алайҳи қочоқу қонуншиканиҳои гумрукро мубориза барад.

Амнияти иқтисодиро ҳамчун базиси амнияти миллӣ эътироф намудаанд. Дар навбати худ аминияти иқтисодӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: умуми иқтисодӣ, иқтисоди беруна, молиявӣ, технологӣ, хоҷагии обӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ, ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ ва муқобили офатҳои табиӣ.

Адабиет


1.Фридман А М.Экономика предприятии торговли и питания потребительского обшества учебник -2-е изд -м издательского торговля корпорация Дашков и К. 2008.

2.Паеми пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе аз 22.12.2017.

3.Ерохина Л И. Экономика предприятия (в сфере товарного обращения) Учебник Л.И. Ерохина Е.В.Башмачникова Т.И.Марченко М.КНОРУС,2007.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдо ва хизматрасонии маиши шаҳри Душанбе 19.03.2013 №943.

5.Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 -2020 Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2016 №678.

6.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2016.

7.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-декабри соли 2017.

8.Асроров З.У Механизмҳои ташкили иқтисоди таъмини амнияти озуқавори З.У. Асроров Қурғонтеппа 2015.

9.Баканов М.И Анализ хозяйиственной деятельности в торговле учёб для торг.Вузов -м Экономика 1990.

10.Берёзин И.С Маркетинговый анализ рынок фирма товар Продвижение -м Вершина 2008.



**Абдуҳалимзода Шарафиддин**. донишҷӯи курси 1, ихтисоси 250108

Роҳбари илмӣ, Сангова Ф. Х.


## ОМӮЗИШ ВА ТАРҒИБИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР БАЙНИ НАСЛИ ҶАВОН (дар мисоли Қалъаи Ҳисор)


Мақолаи мазкур "Омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳои таърихӣ дар байни насли ҷавон (дар мисоли Қалъаи Ҳисор)" ба масъалаи омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳои таърихӣ байни ҷавонон бахшида шудааст. Муаллиф нақши муҳим ва тарғиби ёдгориҳои таърихиро дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии таърихии ҷавонон баррасӣ намудааст. Тавассути ин мақола, дар мисоли Қалъаи Ҳисор муаллиф роҳҳои самарабахши ҷалб намудани наврасону ҷавононро ба омӯзиши мероси фарҳангӣ, нақши муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва ВАО таъкид менамояд. Мақола барои донишҷӯён, шахсоне, ки ба масъалаҳои рушди маънавии ҷавонон таваҷҷуҳ доранд, муфид хоҳад буд.


Ёдгориҳои таърихӣ оинаи гузаштаи миллати қадимбунёд ва шоҳиди зиндаи фарҳангу тамаддуни тоҷикон мебошанд. Имрӯз дар сар то сари кишвари тоҷик ҳазорон ёдгории

таърихие ҳифз шудааст, ки шоҳиди зиндагии ниёгони мо мебошанд. Дониш ва хотираи таърихӣ беҳтарин фазилати халқи фарҳангофарамон маҳсуб ёфта, мо ҷавононро водор месозад, ки доир ба кору пайкори афроди ватандӯсти меҳан, ҷоннисорию қаҳрамониҳои халқ, фаъолияти илмию таҳқиқоти олимон, рисолати адибону санъаткорон, мероси ғании сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгонамон маълумоти пурра пайдо намуда, кӯшиш намоем то ворисони арзандаи ниёгони соҳибмаърифати худ бошем.

Воқеан, миллати тоҷик яке аз қадимтарин халқиятҳои Шарқи мусулмон буда, дорои фарҳанги ғанию тамаддуни пурифтихор ва таърихи тӯлонӣ маҳсуб меёбад. Чи тавре, ки ба мо маълум гардидааст, омӯзиш ва тарғиб намудани ин ёдгориҳо на танҳо дар тарбияи миллии ҷавонон, балки дар ташаккул ёфтани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нақши калидӣ доранд.

Яке аз унсурҳои муҳими ташаккули ҳуввият ва худшиносии миллӣ ин пос доштан ва арҷгузорӣ ба ёдгориҳои таърихӣ маҳсуб меёбад. Ёдгориҳои таърих баёнгари таърихи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик буда, барои тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба мероси гузашта нақши муҳим доранд.

Яке аз шахсиятҳои воқеан таърихӣ, инсони ватандӯст, сулҳофару фарҳангофар, Пешвои муазами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудааст: “Ҳисор таърихи сеҳазорсола дошта, ҷузъи муҳимтарини таърихи пурғановати халқамон ва далели раднопазири яке аз миллатҳои қадимтарини ҷахон будани тоҷикон мебошад”. Ин андешаи Сарвари давлат дар асоси бозёфтҳои археологие, ки аввалин маротиба соли 1938 таърихшиноси машҳури Шӯравӣ А. П. Окладников дар ноҳияи Бойсуни Узбекистон Ҳангоми таҳқиқи мағораи Тешуктош ёфта буд, ки ин ба давраи неолит рост меомад ва ин бозёфтҳоро маданияти Ҳисорӣ номгузорӣ намуданд, баён карда шуданд. [1]

Мақоми ёдгориҳои таърихӣ дар бедор намудани ҳисси худшиносии ҷавонон бузург аст. Чунки ёдгориҳои таърихӣ - рамзи ҳастии миллат ва сарчашмаи худшиносӣ мебошанд. Бо омӯхтани таърихи Саразм, Панҷакент, Қалъаи Ҳисор, Ҳулбук, Мир Сайди Алии Ҳамадонӣ ва дигар мавзеъҳои таърихӣ ҷавони кунҷкови имрӯза пай мебарад, ки халқи бузурги тоҷик дорои давлатдорӣ, илму ҳунар ва фарҳанги куҳан будааст. Ёдгориҳои таърихӣ дар ҷавонон ҳисси ифтихор ва масъулиятро нисбат ба ҳифз намудани арзишҳо бедор мекунанд. [1]

Хушбахтона, дар кишварамон омӯзиши ёдориҳои таърихӣ дар муассисаҳои таълимӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Барномаҳои таълимии макотибҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон мавзуъҳои марбут ба ёдгори ҳоро фаро мегиранд. Дарсҳо аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Худшиносӣ”, “Меҳнатдӯстӣ” ва “Фарҳангшиносӣ” воситаи хубест барои шиносоӣ пайдо кардани ҷавонон бо мероси фарҳангии миллати куҳанбунёди худ.

Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, омӯзгорон бо маҳфилҳо ва сафарҳои таълимии худ маърифати таърихиро тақвият мебахшанд.

Имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО ба воситаи барномаҳои фарҳангӣ, аксу навор, филмҳои ҳуҷҷатӣ ҷавононро ба дидани ёдгориҳо ва омӯзиши таърих даъват мекунанд. Барномаҳои телевизионии “Мероси ниёгон”, “Тоҷикистоншиносӣ” ва лоиҳаҳои муаррифии фарҳанг YouTube хеле самарабахш шудаанд.

”Мо бояд ёдгориҳои таърихии худро ҳифз намуда, онҳоро ба манбаи худшиносии миллӣ табдил диҳем” - Эмомалӣ Раҳмон.

Саҳми Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмир ва азнавсозии ёдгориҳои таърихӣ басо бузург мебошад. Бо ибтикор ва дастгириҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даҳҳо ёдгории таърихӣ таъмиру азнавсозӣ ва дар рӯйхати ЮНЕСКО ворид гардидаанд. Ба монанди бозсозии Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Саразм - мероси ҷаҳонӣ, Мақбараи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ҳамчунин ҳар сол “Рӯзи ёдгориҳои таърихӣ” ҷашн гирифта мешавад, ки ба ин восита диққати насли ҷавонро ба худ ҷалб мекунад.

Хушбахтона, дар кишвари мо дар макотибҳо ва донишгоҳҳо маҳфилҳо бо номи “Ниёгони мо“, “Фарҳанги мо” ва “Мероси тоҷик” фаъолият мекунанд. Чорабиниҳои оммавӣ сафҳаҳои таълимӣ ва озмунҳои фарҳангии (мисли “Тоҷикистоншинос”) имконияти васеъ медиҳанд, ки ҷавонони имрӯза ба мероси миллӣ аз наздик ошно шаванд. [2]

Яке аз ёдгориҳои маъруфи таърихӣ ва фарҳангии Тоҷиктистон ин Қалъаи Ҳисор маҳсуб меёбад, ки он дар водии Ҳисор, дар наздикии шаҳри Душанбе ҷойгир аст. Қалъаи Ҳисор ганҷинаи таърих аст ва таърихи 3000-соларо дорост. Ин ёдгории беҳамто арзиши таърихӣ ва фарҳангӣ дорад. Он на танҳо як қалъа, балки як комплекси таърихӣ мебошад, ки дар он масҷиди куҳна, мадраса, бозори қадим ва оромгоҳ мавҷуд мебошанд.

Ёдгории мазкур нишонаи давлатдории қадимаи тоҷикон ва шоҳиди рӯйдодҳои таърихӣ аст. Он шоҳиди зиндаи бисёр рӯйдодҳои сиёсиву фарҳангии асрҳои миёнаи тоҷикон буда, дар замони ҳукумати Сомониён ва сонитар амирони Бухоро ҳамчун маркази маъмурӣ ва мудофиа хизмат кардааст.

Академик Бобоҷон Ғафуров чунин иброз намудааст:”Қалъаи Ҳисор шоҳиди зиндаи бузургии тамаддуни тоҷикон мебошад”. Ҳисори Шодмон яке аз марказҳои тамаддуни мардуми сарбаланди тоҷик ба шумор мерафт, ки асрҳост мавриди тадқиқот ва эътирофи муаррихону сайёҳон, олимону бостоншиносон қарор гирифтааст. Он як гӯшаи зебоманзари диёри тоҷикон, ки дорои таърихи сеҳазорсола буда, таваҷҷуҳи таърихшиносони собиқ Иттиҳоди Шуравиро ба худ ҷалб намуда, давраи пайдоиш, нашъу намо ва набардҳои онро баҳри ҳифзи шарафу номуси миллӣ аз ҳуҷуми ғасбгарони аҷнабӣ хеле амиқ ва нозукбинона омӯхтаанд. Ковтуковҳои археологӣ исбот кардаанд, ки дар и гӯшаи диёр 40-50 ҳазор сол пеш одамон сукунат дошта, Ҳисоре бино кардаанд, ки

***Ҳисоре зи олам сар афрохта,***
***Барави фалак соя андохта.***
***Дараш чун дари офият устувор,***
***Ба сахтӣ гарав бурдӣ аз рӯзгор.***

[1]Дар ”Шоҳнома”-и устод Фирдавсӣ мулки Ҳисор Ҳамоварон номгузорӣ шудааст. Дар шаҳри Шоха қалъаест, ки дар паҳлӯи куҳи сарбаланд ҷойгир шудааст ва ба ин мулки зарнисор шоҳону паҳлавонони номдор қадам ниҳодаанд. Қалъаи Ҳисор дар шаҳри Шоха (ҳозираҲисор) ҷойгир будааст :

***Яке шаҳр буд шоҳро Шоха ном,***
***Ҳамон аз дари ҷашну суру хиром.***
***Бадон шаҳр будаш ҷои нишаст,***
***Ҳама шаҳр сар то сар оин бубаст.***

Рустами достон баҳри озод намудани Ковусшоҳ ва лашкар, ки барои хироҷ насупоридани шоҳи Ҳамоварон ба ин вилоят лашкар кашида, зиндонӣ шуд, қадам ниҳодааст.

Бо ташаббус ва дастгирии шахсияти сулҳпарвар ва фарҳангофар, Асосгузори сулҳу Вахдат, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2014-2016 Қалъаи Ҳисор тармим ва барқарор гардид. [4]

Қалъаи Ҳисор ҳамчун макони таърихӣ дар тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ нақши муҳим мебозад. Имрӯзҳо Қалъаи Ҳисор дар саҳифаҳои иҷтимоӣ саёҳатҳои виртуалӣ ва сомонаҳои сайёҳӣ таблиғ мешавад. Ин ёдгорӣ дар рӯйхати ҷойҳои боздидашавандаи сайёҳии кишварамон қарор дорад. Қалъаи Ҳисор на танҳо як ёдгории таърихӣ, балки нишонаи решаҳои амиқи миллат ва мояи ифтихори халқ мебошад. Тарғиби ин гуна ёдгорӣ барои боло бурдани сатҳи худшиносӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ саҳми муассир дорад. Имрӯзҳо Қалъаи Ҳисор ба макони сайёҳӣ ва омӯзиши таърих табдил ёфтааст. Ҳар сол дар доираи дарсҳои таърих ва маданият ҳазорон хонандагон ва донишҷӯён барои таҷрибаи амалӣ гирифтан ва шиносоӣ пайдо намудан бо таърихи ниёгон аз ин макон дидан мекунанд. Дарси таърих ва маданиятро омӯзгорон бо таҷрибаи зинда мепайванданд. Онҳо на танҳо иттилооти китобиро, балки эҳсоси ифтихор аз гузаштагони худро пайдо мегамоянд. Аз ин рӯ, чунин боздидҳо ҳисси ифтихори миллӣ, эҳтиром ба таърих ва тарбияи меҳандӯстиро дар насли нав меафзоад. Аз ҷумла,

мактабҳо бо барномаҳои экскурсионӣ аз қалъа боздид мекунанд. Инчунин шахсони ҳунарманд, рассомон ва адибон асрҳои худро ба ин ёдгории бебаҳо мебахшанд. Барномаҳои махсусро телевизиони давлатӣ таҳия мекунад, ба монанди “Ганҷинаи тамаддун” ва ғайра. Умуман, ин таҷриба воситаи муассири тарбияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки барномаҳои телевизионӣ, филмҳои мустанад, мақолаҳои илмӣ, саҳифаҳои интернетӣ, рӯнамоии китобҳо, гузаронидани фестивалҳо дар ҳудуди қалъа ва пахши маводи таблиғотӣ барои сайёҳон воситаҳои тарғиб ва таблиғи чунин ёдгорӣ маҳсуб меёбанд, ки дар натиҷаи он Қалъаи Ҳисор ба маркази муҳими сайёҳӣ табдил ёфта, барои рушди иқтисодии маҳаллӣ низ нақши мусбат мебозад. Яке аз афзалиятҳои дигари тарғиби ин ёдгорӣ ҷалби сайёҳон ва таҳкими инфрасохтори минтақа мебошад. Қалъаи Ҳисор на танҳо як ёдгории меъморӣ, балки рамзи ҳуввияти миллӣ ва воситаи муҳим барои тарбияи насли ҷавон мебошад. Аз ин рӯ, тарғиби чунин ёдгориҳо барои пос доштани таърих ва густариши сайёҳӣ хеле муҳим аст. Тарғиби Қалъаи Ҳисор намунаи муваффақи тарғиби ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Ин ёдгорӣ ҳамчун маркази худшиносӣ, ифтихор, ватандӯстӣ ва сайёҳӣ хизмат мекунад. Бо чунин иқдомҳо насли ҷавони имрӯза бо решаҳои таърихии худ пайванд хоҳад монд ва арзишҳои миллиро пос хоҳад дошт. [5]

Воқеан, Қалъаи Ҳисор қадимтарин ёдгории беназири Осиёи Марказӣ, оинаи гузашта ва шоҳиди зиндаи фарҳангу тамаддуни миллати шарафманди тоҷикон маҳсуб меёбад, ки дар тӯли асрҳо он ҳамчун маркази сиёсӣ, низомӣ ва фарҳангӣ хизмат намудааст. Сохтори он шаҳодат медиҳад, ки аҷдодони мо соҳиби фарҳанги баланди шаҳрсозӣ ва давлатдорӣ буданд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва суръати баланди иттилотии замони муосир, ҳофизаи таърихӣ ва хосатан, арзишҳои маънавӣ баҳри тарбияи ҷавонон дар руҳияи муҳаббату садоқат нисбат ба Ватан, бедор намудани ҳисси масъулияту қарзи виҷдонии онҳо дар роҳи пойдории оромиву осоиштагӣ ва рушду пешрафти кишварамон нақши муҳим мебозанд.

Хулоса, ёдгориҳои таърихӣ на танҳо нишонаи гузашта мебошанд, балки онҳо роҳи равшане ба сӯи фардоянд. Омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ дар байни ҷавонони саодатёри тоҷикистонӣ ҳисси ифтихори миллӣ, ҳуввият, ватандӯстӣ ва масъулиятро тақвият медиҳад. Бароиояндаи нек ва устувори миллат омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳо бояд вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бошад.

Дониш ва хотираи таърихӣ беҳтарин фазилати халқи фарҳангофарамон маҳсуб ёфта, мо ҷавононро водор месозад, ки доир ба кору пайкори афроди ватандӯсти меҳан, ҷоннисорию қаҳрамониҳои халқ, фаъолияти илмию таҳқиқоти олимон, рисолати адибону санъаткорон, мероси ғании сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгонамон маълумоти пурра пайдо намуда, кӯшиш намоем то ворисони арзандаи ниёгони соҳибмаърифати худ бошем.

Ёдгориҳои таърихии кишвари соҳибистиқлоламон ҳамчун мактаби ватандӯстӣ, худшиносӣ ва мероси маънавии миллати тоҷик маҳсуб меёбанд.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид доштанд: ”Мо бояд ёдгориҳои таърихии худро ҳифз намуда, онҳоро ба манбаи худшиносии миллӣ табдил диҳем”.

**Феҳристи адабиёт:**


1. Ғафуров Б.Тоҷикон. Давраи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарин. Ирфон. Душанбе, 2020.
2. Қодиров М. “Илм ва ҳаёт”. Душанбе, № 3. 2019.
3. Неъматов А. “Осори таърихии Тоҷикон”.Ирфон. Душанбе,2019.
4. Олимов С. “Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон”. Ирфон Душанбе,2007.
5. Мардонов Ҳ.А., Мирзоалиев Н. Ҳисор қадамгоҳи бузургони ҷаҳон “Аржанг”. Душанбе, 2009.

**Бобохониён Довуд Маҳмадраҷаб** – магистри курси 2-юми ихтисоси 240103
Роҳбани илмӣ Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич

## ТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннатация; Дар мақола масъалаҳои марбут ба терроризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Дар асоси таҳлили гузаронида шуда, муаллиф ба хулосае меояд, ки терроризм ҳамчун ҷиноят идома дорад, ки бевосита ба амнияти миллии Тоҷикистон таҳдид менамояд, ки таҳияи қоидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи усулҳо ва тавсияҳоро талаб мекунад, ки барои пешгирии самараноки он равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: терроризм, амнияти миллӣ, таҳдид, ҷиноят, хатар, террор, пешгирӣ.

Аннатация; В статье исследуются вопросы, связанные с терроризмом как угрозы национальной безопасности Республики Таджикистан. На основании проведенного анализа автор приходит к выводу о том, что терроризм продолжает оставаться преступлением, посягающим непосредственно на национальную безопасность Таджикистана, что требует выработки научно обоснованных правил приемов и рекомендаций, направленных на эффективное его предупреждение.

Ключевые слова: терроризм, национальная безопасность, угроза, преступление, опасность, террор, предупреждение.

Annotation**;** The article examines issues related to terrorism as a threat to the national security of the Republic of Tajikistan. Based on the analysis, the author comes to the conclusion that terrorism continues to be a crime that directly encroaches on Tajikistan's national security, which requires the development of scientifically sound rules of techniques and recommendations aimed at its effective prevention.

**Keywords:** terrorism, national security, threat, crime, danger, terror, prevention.

Ба таҳдидҳои мавҷудаи амнияти ҷаҳонӣ, аз қабили бемориҳои сироятӣ, таназзули муҳити зист, паҳншавии силоҳи қатли ом ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, як падидаи манфии иҷтимоӣ, аз қабили терроризм, илова карда шудааст. Ин тақозо мекунад, ки қонунгузории зиддитеррористии ҳамоҳангшуда, пайгирона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад. Сарфи назар аз ҳиссаи ками омории ҷинояткорӣ дар маҷмуъ, амалҳои террористӣ боиси марги шумораи зиёди одамони бегуноҳ мегардад, ҳамзамон ба сокинони як кишвар ва ҳатто ҷаҳон тарсу ваҳшат меоранд, ҳаёти ҳаррӯзаро ба муддати тӯлонӣ нооромм мекунанд, нуфузи ҳокимияти давлатӣ ва сохтори ҳифзи ҳуқуқро зери по мекунанд, ба сари ҳазорон нафар дарди доимӣ оварда, ба амнияти миллӣ халал мерасонанд.

Дар ҷаҳони муосир терроризм пайваста таҳаввул ёфта, шаклу усулҳои нав пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, санаи 6 ноябри соли 2019 ҳудуди бист тан аз ҷангҷӯёни Давлати Исломии Ироқу Шом (минбаъд - ДОИШ) аз миёни шаҳрвандони Тоҷикистон дар маҳаллаи Ишқободи ноҳияи Рӯдакӣ ба дидбонгоҳи сарҳадии Сарраёсати нерӯҳои марзбонии Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон ҳамлаи мусаллаҳона анҷом доданд[31]. Тибқи иттилои Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КДАМ ҶТ), ҳудуди 3 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар Ироқ ва Шом узвият дар гурӯҳҳои тундрави ДОИШ шудаанд[32]. Иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар сафи созмонҳои террористӣ ва ифротӣ дар Сурия, Ироқ ва Афғонистон дар ҳоли ҳозир таҳдиди асосии амнияти Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Қобили зикр аст, ки афзоиши фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва радикалӣ, ки созмонҳои зеринро дар бар мегиранд: Толибон, Салафия,[33] Ҳизби Исломии Туркистон (собиқ Ҳаракати

---

[31] См.: [Электронный ресурс]. – Режим доступа: 17 killed in a Islamic State on a Tajik Border Post. VOA News. – Retrievedф 6 November 2019; ISIL blamed for deadly attack on Tajik border outpost. – Al-Jazeera. – 6 November, 2019 (дата обращения: 30.01.2024).
[32] См.: ГКНБ РТ. Аналитическая справка «Об оперативной обстановке в РТ». Арх. №137. – С. 1-21..
[33] Решение Верховного Суда РТ «О признании незаконным религиозного течения «Салафия» от 08 января 2009г. // Архив Верховного Суда РТ.

Исломии Ӯзбакистон[34], ДОИШ[35], Ансоруллоҳ[36] , Ихвон -ул-Муслимин)[37] даргириҳои мусаллаҳона дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ ҷомеаи ҷаҳониро даъват мекунад, ки ба терроризм якҷоя мубориза баранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Конференсияи байналмилалӣ “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ – марҳалаи Кувайти Раванди Душанбе” кирдорҳои терроризмро маҳкум намуда чунин иброз намуданд, ки “Мушкилоти амнияти имрӯза аз мо натанҳо азму иродаи қавӣ, балки қобилияти ҳамкорӣ дар сатҳи ҷаҳониро низ тақозо мекунад. Вусъат пайдо кардани терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои киберӣ, чун пештара, ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки дар баробари мубориза бо ин таҳдидҳо, инчунин, ҳамоҳангии тадбирҳоямонро ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният тақвият бахшем. Дар ин росто, табодули иттилоот ва таҷрибаи пешрафта нақши муҳим хоҳад дошт.”[38]

Тибқи омори Маркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тотористон солҳои охир ҳолатҳои терроризми зерин ба қайд гирифта шудаанд: дар соли 2015 – 8, дар соли 2016 – 6, дар соли 2017 – 9, дар соли 2018 – 10, дар соли 2019 – 12, дар соли 2020 – 30, дар соли 2021 – 21, дар соли 2022 – 33 ва дар соли 2023 – 63 парвандаи ҷиноятии ин категория[39].

Рақамҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки терроризм дар Тоҷикистон то ҳол ба амнияти миллӣ таҳдид мекунад.

Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат ба терроризм нишон медиҳад, ки таърифи васеъи терроризм дар моддаи 178-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он терроризм ҳамчун «содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо»[40].

Дар адабиёти муосир таърифи умум эътирофшудаи терроризм ё тафовути возеҳ байни мафҳумҳои «террор» ва «терроризм» вуҷуд надорад.

Аломатҳои ҳатмии террор дар ҳама таърифҳо зӯроварӣ, тарсонидан, ваҳм мебошанд. Барои ҳамин ҳам Д.В. Ольшанский дар тадқиқоти худ «Психологияи террор» чунин мафҳум медиҳад: «Террор даҳшатест, ки дар натиҷаи амалҳои муайян (пеш аз ҳама зӯроварӣ) аз даст додани сулҳ ё амният аз ҷониби шахс ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, аз нуктаи назари равоншиносӣ, терроризм ҳолати тарсу ҳарос (дахшат)-и хеле қавӣ мебошад, ки дар натиҷаи вокуниш ба чизе (баъзе амалҳо) ба вуҷуд меояд, ки ҳадафи он дар шахсоне, ки ин амалҳо нисбати онҳо анҷом дода мешаванд ва ё шоҳидони онҳо маҳз ҳамин ҳолатро ба вуҷуд оранд. Пас, террор ҳадаф ва натиҷа аст, ки барои ноил шудан ба амалҳо ва усулҳои истифода

[34] Решение Верховного суда РТ «О признании организации «Исламская Партия Туркестана» (бывшая «Исламское движение Узбекистана»), террористической и экстремистской» от 30 марта 2006 г. // Архив Верховного Суда РТ

[35] Решением Верховного Суда РТ от 14 апреля 2014 г. «Исламское государство» объявлено экстремистско-террористической организацией // Архив Верховного Суда РТ

[36] Решение Верховного Суда РТ «О признании экстремистско-террористической организацией Ансаруллах» от 3 мая 2012 г. // Архив Верховного Суда РТ.

[37] Решение Верховного Суда РТ «О признании Ихвон-ул-муслимина экстремистскотеррористической организацией» от 4 мая 2012 г. // Архив Верховного Суда РТ.

[38] Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ оид ба “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ – марҳалаи Кувайти Раванди Душанбе” 04.11.2024 https://www.president.tj/event/speeches/48599#:~:text=%D0%A1%D1%83%D1%85%D0%B0%D0%BD%D1%80%D0%BE%D0%BD%D3%A3%20%D0%B4%D0%B0%D1%80%20%D0%9A%D0%BE%D0%BD%D1%84%D1%80%D0%BE%D0%BD%D1%81%D0%B8,%D0%9A%D1%83%D0%B2%D0%B0%D0%B9%D1%82

[39] Ниг. Статистические данные ГИАЦ МВД РТ №7/26-2204 от 05.05.2022 г., №7/13-1503 от 08.04.2023 г

[40] Ниг. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998.

мешавад. Террор аз амалҳои террористии ҷузъҳои алоҳида, пайвандҳо, ҷузъҳо, усулҳо ва воситаҳои терроризм иборат аст»[41].

Барои дуруст муайян кардани дараҷаи таҳдиди терроризм ба амнияти миллӣ фаҳмидани аппарати илмии он аҳамияти калон дорад, ки дар он ҷо фарқи байни мафҳумҳои «террор» ва «терроризм» аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Мо кӯшиш мекунем, ки хусусиятҳои муҳими ин падидаи мураккабро нишон диҳем ва инчунин байни мафҳумҳои «террор» ва «терроризм»-ро равшан ва мантиқи фарқ кунем. Террорро метавон ҳамчун як усули амалиёти сиёсие муайян кард, ки аз таҳдид бо истифодаи воқеии зӯроварии бераҳмона, мустақим, ҷисмонӣ ё равонӣ алайҳи мухолифон бо мақсади тарсонидани онҳо ва саркӯб кардани қобилияти муқовимат ба онҳо иборат аст. Вақте ки ин гуна амалҳо ба як низоми муташаккил ба вазифаи ташкилоти муайяни ҷамъиятию сиёсӣ (давлат ё мухолифон) табдил меёбанд, дар бораи террор ҳамчун сиёсати махсус, яъне низоми муташаккили амали террористи сухан рондан мумкин аст.

Мафҳуми «терроризм» аз ҷиҳати мантиқӣ васеътар буда, на танҳо усули амали террористӣ, балки амалҳои террористиро дар доираи амалияи ҷамъиятию таърихӣ дар маҷмуъ тавсиф мекунад. Терроризм ҳам амалҳои террористӣ ва ҳам шаклҳои ташкили ҷамъиятии онҳо, мазмун ва пайдоиши иҷтимоию таърихӣ, инчунин субъектҳо ва объектҳои фаъолияти террористиро дар бар мегирад. Терроризмро метавон як усули мушаххаси фаъолияти сиёсӣ тавсиф кард, ки аз истифодаи усулҳои террористӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ дар мубориза бо мухолифони сиёсӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию сиёсии худ иборат аст. Мазмуни хоси терроризм вақте муайян мегардад, ки на бештар худи амалҳои террористӣ, балки субъекту объектҳои ин амалҳо, инчунин созмони иҷтимоӣ ва барномаи сиёсии террористонро таҳлил мекунем.

Агар мазмуни иҷтимоии ангезаи амалҳои террористӣ ва ҳадафҳои мушаххаси ин ангезаро ба инобат гирем, пас мо метавонем терроризм ва рафтори экстремизмро фарқ кунем. Агар дар асоси амалҳои террористӣ барномаи воқеии иҷтимоӣ ва сиёсӣ бошад ва ин амалҳо ба мубориза барои ҳокимият (барои ишғол ё нигоҳ доштани он) равона карда шуда бошанд, пас метавон дар бораи терроризми сиёсӣ сухан гуфт. Агар дар асоси ангезаи амалҳои террористӣ идеологияи экстремистӣ бошад, ки ҳадафи норавшани вайрон кардани тартиботи мавҷудаи иҷтимоиро пешбинӣ мекунад, пас мо метавонем дар бораи экстремизм сухан ронем.

Экстремизм нисбат ба терроризми сиёсӣ васеътар, бераҳмона ва харобиовар аст. Барои экстремист, амалҳои террористӣ яке аз роҳҳои амалӣ намудани эътиқоди худ, роҳи мубориза бо ҷаҳони «нодуруст» мебошад. Дар ифротгароӣ таъкид аз ҳадаф ба худи амалҳои харобиовар, зӯроварӣ мегузарад, ки аз ҷониби идеалҳои абстрактии ифротгаро, ки ӯ комилан ба он бовар дорад, пӯшонида шудаанд, гузаронида мешавад. Экстремистҳо метавонанд роҳҳои дигари амалро интихоб кунанд, ба истиснои роҳҳои мустақими харобиоварр, ки бо террор якҷо мешавад. Пас маълум аст, ки на ҳама террористҳо ифротӣ ҳастанд ва на ҳама ифротгароён террористанд. Аммо терроризм маъмултарин намуди амали ифротгароён аст, гарчанде ягона нест. Бояд қайд кард, ки амалҳои харобиовари экстремистҳо танҳо бо терроризм маҳдуд нашуда, ҳатто ба мақсадҳои тарсондан, инчунин тарсонидани душманони худ нигаронида нашудааст, балки ба хотири худи нобудӣ анҷом дода мешавад.

Дар муборизаи сиёсӣ аксар вақт сиёсатмадорон дар байни оммаи мардум ва ҳампаймонҳои сиёсии худ ва баъзан дар худ экстрмемизмро яке аз роҳҳои самаранокии таъмини психолгӣ ва идеологии терроризм мепарваранд. Ин бештар дар лаҳзаҳои шадидтар шудани муборизаҳои сиёсӣ рух медиҳад ва он гоҳ терроризми сиёсӣ метавонад ба ифротгароӣ табдил ёбад, ки ҳам барои субъектҳо ва ҳам барои объектҳои он оқибатҳои манфии бештар дорад. Дар ниҳоят, дар терроризми сиёсӣ ҳадафи оқилона ва тадбири оқилона нигоҳ дошта мешавад, дар экстремизм бошад, на танҳо несту нобуд кардани сарватҳои модию фарҳангӣ,

---

[41] Ольшанский Д.В. Психология террора. М., 2002. С. 1518.

балки генотсиди мустақим ва бемаънии аҳолӣ, инчунин таназзули шахсии субъектҳои ифротгарои бартарӣ дорад.

Ба шароити ташаккули ангезаҳои террористӣ ва зуҳури терроризм хатогиҳои дорои хусусияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологиро дар бар мегирад. Инҳо, масалан, ҳисобҳои нодуруст дар сиёсати миллӣ дар шакли поймол кардани ҳуқуқи як гурӯҳи муайяни миллӣ ё динӣ мебошанд. Шароити этникии терроризм майлу хоҳиши ақаллиятҳои миллиро ба худмуайянкунӣ дохил кардан мумкин аст: ҳуқуқи ғайриқаноатбахши аҳолӣ ба забон, фарҳанг, анъана ва идоракунии худ.

Дар шароити муосир фаъолияти террористӣ бо доираи васеи худ, мавҷуд набудани сарҳади дақиқи давлатӣ, гуногунии шаклу усулҳои истифодашаванда, таъмини робита ва ҳамкории устувор бо марказҳои байналмилалии террористӣ тавсиф мешавад. Мазмуни асосии фаъолияти террористӣ инҳоянд:

- ташкил, банақшагирӣ, таҳия ва гузаронидани амалҳои террористӣ;
- даъват ба амали террористӣ, зӯроварӣ ба шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ, несту нобуд кардани объектҳои моддӣ бо мақсадҳои террористӣ;
- ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), гурӯҳи муташаккил барои содир намудани амали террористӣ ва дар баробар иштирок дар чунин амал;
- ҷалб кардан, мусаллаҳ кардан, таълим додан ва истифода бурдани террористон;
- маблағгузории ташкилотҳои террористӣ, гурӯҳҳои террористӣ ё кӯмаки дигар ба онҳо;
- ғасби зӯроварии ҳокимият ва нигоҳ доштани он дар кишварҳои дорои низомҳои "ғайриқонунӣ" аз нуқтаи назари террористон;
- ташкили табаддулот ва табаддулот алайҳи ҳукуматҳои «кофир» аз ҷониби ҷангиёни созмонҳои экстремистии динӣ бо мақсади таъсиси давлати «дуруст»;
- пешбурди муборизаи сиёсӣ ё динӣ бо истифода аз усулҳои зӯроварии ҷисмонӣ;
- ба амал баровардани террори бе максад, таркиш ва тирпарони ба ҷойҳои серодам, асосан сокинони осоишта, бо назардошти фароҳам овардани вазъияти тарсу зӯроварӣ дар ҷомеа, тарсонидани аҳолӣ ва вайрон кардани эътимоди онҳо ба ҳокимият;
- таркиш, сухторҳо, хароб ва нобуд кардани биноҳо, муассисаҳои ҷамъиятӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар муассисаҳои хориҷӣ, иншооти техникӣ ва арзишҳои фарҳангӣ бо мақсади ноором кардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ва нишон додани имкониятҳои худ;
- одамрабоӣ ва гаравгонгирӣ бо мақсади маҷбур кардани мақомот ба иҷрои талабҳои сиёсӣ бо таҳдиди қатли гаравгонҳо;
- таҳдиди содир намудани амалҳои харобкорона ва несту нобуд кардани иншооти таъминоти зиндагӣ, корхонаҳои муҳимми саноатӣ, инчунин бо мақсади фишор овардан ба мақомоти давлатӣ ва маҷбур кардани онҳо ба иҷрои талабҳои террористон;
- ташкили мақомоти байналмилалӣ ва минтақавӣ барои ҳалли масъалаҳои банақшагирии фаъолияти террористӣ, омода намудан ва гузаронидани амалиёти мушаххас, ташкили ҳамкории байни гурӯҳҳои алоҳида ва иҷрокунандагоне, ки дар амалиёти муайян ҷалб карда мешавад;
- барангехтани рӯҳияи радикалии зиддидавлатӣ дар ҷомеа бо мақсади мубориза барои нуфуз ва қудрат;
- ворид шудан ба сохторҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ;
- таъсиси марказҳо ва базаҳои таълимии ҷангҷӯён, зеризаминии террористон, махфӣ ва анборҳои аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногун;
- ташкили шабакаи ширкатҳо, ширкатҳо, бонкхо, ки ба сифати пардаи террористон, маблағгузори ва дастгирии ҳамаҷонибаи амалиёти онҳо истифода мешаванд;
- истифода бурдани ҳолатҳои муноқиша ва бӯҳрон барои васеъ кардани нуфузи худ;

• гузаронидани ҳамлаҳои ҷангии кӯтоҳмуддат, ҳамла ба кормандони мақомоти амният, хизматчиёни ҳарбӣ, анборҳои силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ;

• куштани рақибони сиёсӣ ва рӯзноманигорон;

• амалҳои террористӣ алайҳи хизматчиёни ҳарбии давлатҳои хориҷӣ;

• истифодаи ҷангиёни маргталабон барои иҷрои амалҳои террористӣ.

Шаклҳои асосии фаъолияти террористӣ иборатанд аз:

• таҷовузи террористӣ – ҳамлаи мусаллаҳонаи қувваҳои бузурги терроризми байналмилалӣ ба ҳудуди як давлат бо мақсади сарнагун кардани ҳокимияти мавҷуда ва таъсиси низоми «дуруст» аз нигоҳи террористон, ки тибқи нақша ва тарҳи ягона амалӣ мегирад;

• амали террористӣ – содир кардани ҷинояти хусусияти террористидошта дар шакли: таркиш, сӯзонидан, истифода ё таҳдиди истифодаи дастгоҳиҳои таркандаи ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, кимиёвӣ, биологӣ, тарканда, заҳролудкунанда, заҳри қавӣ ва моддаҳои заҳролуд;

• нобудсозӣ, вайрон кардан ё забт кардани воситаҳои нақлиёт ё дигар объектҳо; қасд ба ҷони арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, намояндаи гурӯҳҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ё дигар гурӯҳи аҳолӣ;

• гаравгон гирифтан, одамрабоӣ; эҷоди хатари расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шумораи номуайяни шахсон тавассути фароҳам овардани шароит барои садамаҳо ва фалокатҳои техникӣ ё таҳдиди воқеии чунин хатар, паҳн кардани таҳдидҳо бо ҳар шакл ва бо ҳамагуна воситаҳо, дигар кирдорҳое, ки хавфи талафоти ҳаётро ба вуҷуд меоваранд, боиси зарари калони молумулкӣ ё ба вуҷуд омадани дигар окибатҳои барои ҷамъият хавфнок мегардад.

Дар охири асри XX терроризм тағйироти ҷиддӣ ба амал овард, аммо ин ба вокуниши кофии қонунгузор оварда нарасонд, ҳарчанд тағйироти муайян ба амал омадаанд. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ бо баррасии терроризмро, таркиби онро васеъ кардааст. Терроризм як падидаи мураккаби иҷтимоӣ буда, сабабҳои он мухталифанд: зиддиятҳои дохилидавлатӣ, байниминтақавӣ ва ҷаҳонӣ. Фаҳмиши дақиқ ва умумии ин мафҳум барои муборизаи муваффақона бо терроризми маҳалӣ ва байналмилалӣ, ки ба амнияти милли Тоҷикистон таҳдид мекунад, аҳамияти муҳим дорад.

Хулосаи таҳқиқоти анҷомдодашуд оид ба терроризм ҳамчун таҳдиди амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, бояд қайд намуд, ки таҳлили таҷрибаи дар боло зикргардидаи судиву тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки терроризм ҳамчунон ҷинояте буда, ба амнияти миллии Тоҷикистон бевосита таҳдид мекунад. Ин вазъият зарурати таҳияи қоидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо ба миён меорад, ки ба пешгирии самаранокии он равона карда шудааст.

### Рӯйхати адабиёти истифодашуда:


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998.
2. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: 17 killed in a Islamic State on a Tajik Border Post. VOA News. – Retrievedф 6 November 2019; ISIL blamed for deadly attack on Tajik border outpost. – Al-Jazeera. – 6 November, 2019 (дата обращения: 30.01.2024).
3. ГКНБ РТ. Аналитическая справка «Об оперативной обстановке в РТ». Арх. №137. – С. 1-21..
4. Ольшанский Д.В. Психология террора. М., 2002. С. 1518.
5. Решение Верховного Суда РТ «О признании Ихвон-ул-муслимина экстремистскотеррористической организацией» от 4 мая 2012 г. // Архив Верховного Суда РТ.
6. Решение Верховного Суда РТ «О признании незаконным религиозного течения «Салафия» от 08 января 2009г. // Архив Верховного Суда РТ.

7. Решение Верховного суда РТ «О признании организации «Исламская Партия Туркестана» (бывшая «Исламское движение Узбекистана»), террористической и экстремистской» от 30 марта 2006 г. // Архив Верховного Суда РТ
8. Решение Верховного Суда РТ «О признании экстремистско-террористической организацией Ансаруллах» от 3 мая 2012 г. // Архив Верховного Суда РТ.
9. Решением Верховного Суда РТ от 14 апреля 2014 г. «Исламское государство» объявлено экстремистско-террористической организацией // Архив Верховного Суда РТ
10. Статистические данные ГИАЦ МВД РТ №7/26-2204 от 05.05.2022 г., №7/13-1503 от 08.04.2023 г
11. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ оид ба “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ – марҳалаи Кувайти Раванди Душанбе” 04.11.2024

**Саидов С. Ҷ.** магистри курси 1-уми ихтисоси 240103.
Роҳбари илмӣ: н.и ҳ, дотсент Алиев Ф. Ш.

## ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ БАРҚ

Мақола ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии тарафҳои шартномаи таъмини барқ бахшида шудааст. Муаллифон пешниҳод намудаанд, ки дар моддаи 569 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ низ ҳамчун субъекти таъминкунандаи барқ ҷорӣ карда шаванд.
**Вожаҳои калидӣ**: ташкилоти таъминкунандаи барқ, мизоҷ, мизоҷи фаръи, соҳибкори инфиродӣ, нерӯи барқ, шартнома.

Ҳар як шартномаҳои граждании тарафҳои ба худ хос доранд, ки онҳо бояд дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии гражданӣ бошанд.

Ба ҳайси тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти таъминкунандаи барқ ва мизоҷ баромад мекунанд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 1, моддаи 569 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, як тараф ташкилоти таъминкунандаи барқ ӯҳдадор мешавад, аз тариқи хати барқи васлшуда нерӯи барқ диҳад ва тарафи дигар мизоҷ (абонент) ӯҳдадор аст арзиши барқи истифодашударо пардозад.

Мафҳуми қонунии ташкилоти таъминкунандаи барқ ва мизоҷ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода нашудааст. Он дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» [2, м. 2] оварда шудааст. Мутобиқи он ташкилоти таъминкунандаи барқ шахси ҳуқуқӣ ва ҳамчун субъекти монополияи табиӣ сарфи назар аз шакли моликияташ, ки ба як ё якчанд намуди фаъолият дар энергетика машғул аст, мебошад.

Давлат иштирокчии бевосита ва холиси муносибатҳои мазкур буда ҳуқуқу ӯҳдадориҳои баробарро дар соҳаи барқтаъминкунӣ ба зимма гирифта, онҳоро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ иштирокчии махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар соҳаи таъмини энергия давлат ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика аз инҳо иборат аст:

1. Таъмини нақши асосии давлат дар тараққиёти энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Идораи комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар асоси ҷорӣ намудани механизмҳои бозоргонии фаъолияти он.
3. Фароҳам овардани шароит барои соҳибкории озод ва рушди ҳамаи шаклҳои моликият дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар фазои пешрафти муносибатҳои бозоргонӣ.

4. Мусоидат намудан ба иштироки сектори хусусӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ, кӯмак ба дастгирии рақобат дар сохтмон, барқарорсозӣ ва истифодаи корхонаҳо ва дар соҳаҳои он.
5. Муқаррар намудани тартиби гузаронидани экспертизаи давлатии лоиҳаҳои энергетикӣ ва барномаҳои сохтмони объектҳои азими энергетикӣ.
6. Консессия дар соҳаи энергетика.
7. Гузаронидани сиёсати нарх ва тариф дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ.
8. Бурдани назорат оиди истифодаи захираҳои энергетикии аввалия ва барқароршаванда ва нигоҳдории онҳо.
9. Муҳайё намудани шароити зарурӣ барои ташвиқи сармоягузорӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ.
10. Қабули чораҳои фаврӣ барои таъмини истеъмолкунандагон бо захираҳои энергетикӣ ва энергия дар вазъияти буҳронӣ ва фавқулодда, дар ҳолатҳои зарурӣ ҷорӣ намудани маҳдудияти муваққатӣ дар истифодабарии онҳо.
11. Ҳамоҳангсозии фаъолияти байналмилалӣ дар соҳаи энергетика (моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»). [3, м. 6]

Дар шароити имрӯза ташкилоти таъминкунандаи барқ ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқи гражданӣ, барқ истеҳсол карда, ба мизоҷон онро тавассути шабакаи пайваста медиҳад. Ҳамчун субъекти монополияи табиӣ ташкилоти таъминкунандаи барқ ба хариду фурӯши дигар молҳо машғул шуда наметавонад. Ташкилоти мазкур арзиши нерӯи барқро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад ва аз тарафи Ҳукумат тасдиқ карда мешавад.

Ташкилоти таъминкунандаи барқ ба якчанд ташкилотҳои зерин тақсим карда мешавад: [5, с. 75]

1. Ташкилоти генераторӣ.
2. Ташкилоти ба шабакаи барқ васлкунанда.
3. Ташкилоти мизоҷонро таъминкунанда.
4. Ташкилоти таъминкунандаи барқ, субъекти асоси баромад мекунад — яъне, ҳамчун кафил ӯҳдадор мешавад нерӯи барқро ба мизоҷ расонад.

Албатта, ҳар яки онҳо функсияҳои худро иҷро мекунад, масалан, мақсади фаъолияти ташкилоти генераторӣ истеҳсоли (коркарди) нерӯи барқ мебошад, ташкилоти ба шабакаи барқ васлкунанда додани нерӯи барқро тавассути воситаҳои техникии (электрикии) шабакаи васлгардида таъмин менамояд, ташкилоти мизоҷонро таъминкунанда таъмин кардани мизоҷон бо нерӯи барқ мебошад.

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, қонунгузории гражданӣ ташкилоти таъминкунандаи барқро ҳамчун тарафи асосӣ эътироф намудааст. Тарафи мазкур тибқи моддаи 569 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор мешавад, ки аз тариқи хати барқи васлшуда нерӯи барқро ба ҳамаи мизоҷон як хел таъмин намояд. Аз ин нуқтаи назар шартномаи таъмини барқ оммавӣ ба ҳисоб меравад.

Ташкилоти таъминкунандаи барқ бевосита ӯҳдадор мешавад бе танаффус нерӯи барқро барои мизоҷон таъмин намояд ва ҳамчунин масъалаи талаботҳои техникӣ ва бехатарии барқро дуруст ба роҳ монад.

Тибқи моддаи 458 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти таъминкунандаи барқ ташкилоти тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, нерӯи барқро ба ҳамаи истеъмолкунандагон як хел медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ташкилоти таъминкунандаи барқ ба таври мухталиф баён гардидааст. Масалан, Е. Б. Огиренко мафҳуми ташкилоти таъминкунандаи барқро чунин эзоҳ додааст: «Ташкилоти таъминкунандаи барқ - ташкилоти тиҷоратӣ буда, фаъолияташро дар соҳаи энергетикаи барқ амалӣ намуда, асоси намудҳои фаъолияташ, ё истеҳсоли нерӯи барқ, ё хизматрасонии нерӯи барқ тавассути шабакаи пайваста, инчунин таъмини техники шабакаҳои пайваста, ё додани нерӯи барқи истеҳсолшуда ба шахси дигар (мизоҷ) мебошад». [6, с. 78]

М. И. Брагинский ва В. В. Витрянский меҳисобанд, ки ба сифати ташкилоти таъминкунандаи барқ метавонад, ташкилоти тиҷоратие баромад намояд, ки нерӯи барқро истеҳсол ва харидорӣ намуда ва онро ба истеъмолкунандагон — шаҳрвандон ва ташкилотҳо диҳад. [1, с. 44]

Ба фикри И. А. Лукьянцева ба сифати субъекти таъминкунандаи барқ метавонад соҳибкори инфиродӣ низ амал намояд.[4, с. 63] Ин ҳолат гарчанде дар қонунгузорӣ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, аммо хилофи он нест.

Ба ақидаи мо, дар шароити имрӯза соҳибкори инфиродӣ дар ҳамон ҳолате субъекти таъминкунандаи барқ шуда метавонад, агар гирифтани нерӯи барқ ба мизоҷ тавассути нерӯгоҳҳои хурди обӣ, бодӣ ва батареяи офтобӣ, ки дар он хати ягонаи интиқол истифода намешавад, ба роҳ монда шавад.

Ба ғайр аз ташкилоти таъминкунандаи барқ, инчунин мизоҷ низ тарафи дигари шартномаи таъмини барқ ба ҳисоб меравад. Ба сифати мизоҷ шахси ҳуқуқӣ ва воқеие амал мекунад, ки нерӯи барқро истифода мебарад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд талаботро нисбати шахсоне, ки мизоҷ (абонент) ба ҳисоб меравванд, муқаррар намудааст, зеро на ҳамаи шахсон субъекти мазкур шуда метавонанд, балки ҳамон шахсоне, ки тибқи талаботҳои муқаррарнамудаи қонун таҷҳизотҳои техникиро дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ медоранд ва қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхторро риоя мекунанд, ба ҳайси мизоҷ амал карда метавонанд, чунки шахсоне ҳастанд, ки тариқи шабакаи пайваста аз ташкилоти таъминкунандаи барқ нерӯи барқро намегиранд, балки аз мизоҷ мегиранду истифода мебаранд, ки инҳоро мизоҷ (абонент)-и фаръӣ (субабонент) меноманд.

А.М. Шафир қайд намудааст, ки «ҳамаи мизоҷон истеъмолкунанда шуда метавонанд, вале на ҳамаи истеъмолкунандагон мизоҷ шуда метавонанд ё ин ки субабонент. [8, с. 42]

Бояд гуфт, ки мизоҷ (абонент) метавонад барқеро, ки аз ташкилоти таъминкунандаи барқ гирифтааст, тавассути шабакаи пайваста танҳо бо розигии ташкилоти таъминкунандаи барқ ба шахси дигар мизоҷ (абонент)-и фаръӣ (субабонент) интиқол диҳад. Нисбат ба шартнома дар мавриди аз ҷониби мизоҷ (абонент) ба мизоҷ (абонент)-и фаръӣ интиқол додани барқ, қоидаҳои умумии шартномаи таъмини барқ истифода бурда мешаванд. Ҳангоми интиқоли барқ ба мизоҷ (абонент)-и фаръӣ, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, дар назди ташкилоти таъминкунандаи барқ мизоҷ (абонент) масъул мебошад (м. 576 КГ ҶТ).

Албатта, додани нерӯи барқ ба мизоҷ (абонент)-и фаръӣ (субабонент) ин ҳуқуқи мизоҷ мебошад, яъне мизоҷ метавонад, ҳамчун субъекти шартномаи таъмини барқ дар кадом ҳолате ки набошад аз додани нерӯи барқ ба мизоҷ (абонент)-и фаръӣ даст кашад. Барои ин розигии ташкилоти таъминкунандаи барқ лозим нест. [7, с. 81]

Ҳамин тариқ, ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст: Ташкилоти таъминкунандаи барқ ташкилоти тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, новобаста аз шакли моликияташ нерӯи барқро ба ҳамаи истеъмолкунандагон якхел медиҳад.

Ташкилоти таъминкунандаи барқ - шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки молу мулк дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ӯҳдадориҳои молу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Мизоҷ - шахси ҳуқуқӣ ва воқеие мебошад, ки нерӯи барқро истифода мекунад.

Мизоҷи фаръӣ – шахси сеюм мебошад, ки аз тарафи мизоҷ бо розигии ташкилоти таъминкунандаи барқ нерӯи барқро истифода мебарад.

Қайд кардан бомаврид аст, ки дар Кодекси гражданӣ баъзе масъалаҳое ҳастанд, ки вобаста ба тарафҳои шартномаи таъмини барқ ҳалли худро наёфтаанд.

**1.** Ташкилоти таъминкунандаи барқ субъекти асосӣ ба ҳисоб рафта ва мафҳуми ин субъектро дар қонунгузории гражданӣ ҷорӣ кардан аз манфиат холӣ нест.

**2.** Ба фикри мо хуб мешуд агар дар моддаи 569 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ низ ҳамчун субъекти таъминкунандаи барқ ҷорӣ карда шаванд.

**Адабиёт**

**1.** Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая. Договоры о передаче имущества. Изд-с 2-е, стереотипн. / М., 2000. С.144.

**2.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000 / Ахбори Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 2000. № 7. М. 672.М.2.

**3.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000 / Ахбори Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 2000. № 7. М. 672.М.6.

**4.** Лукьянцева И. А. Договор энергоснабжения: Теория, законодательство и правоприменительная практика. Дисс…. канд. юрид. наук: Краснодар.: 2009. С. 63.

5. Огиренко Е.Б. Договор снабжения электрической энергией в предпринимательской сфере Российской Федерации. Дис….канд. юрид. наук. М.., 2005. С. 75.

6. Огиренко Е. Б. Асари номбаршуда. С. 78.

7. Огиренко Е. Б. Асари номбаршуда. С. 81.

8. Шафир А..М. Энергоснабжение предприятий: правовые вопросы. М,. 1990. С. 42.

**Фаёзов Анушервон** донишҷӯи курси 1, ихтисоси 250108

Роҳбари илмӣ, Сангова Ф. Х.

## НАҚШИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЭҲСОСИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

**Аннотатсия:**Мақолаи мазкур “Нақши ёдгориҳои таърихӣ дар ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ” ба нақши ёдгориҳои таърихӣ дар таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ёдгориҳои таърихӣ на танҳо шоҳиди гузаштаи пуршарафи миллатанд, балки воситаи муассири тарбияи маънавии ҷавонон низ маҳсуб меёбад. Инчунин дар мақола ҷанбаҳои маърифатӣ, ахлоқӣ ва миллии омӯзиши ёдгориҳо барассӣ шуда, роҳҳои истифодаи онҳо дар баланд бардоштани худшиносӣ ва меҳанпарастии насли ҷавон пешниҳод мегарданд. Мақолаи мазкур барои онҳое, ки ба рушди маънавиёти ҷомеа таваҷҷуҳ доранд, судманд хоҳад буд.

**Калидвожаҳо:** ҳисси худшиносӣ, таърихи куҳан, хотираи таърихӣ, арзишҳои маънавӣ, таҳқиқотӣ муҳаққиқон, ҳофизаи таърихӣ, мероси таърихӣ, муборизаҳои сиёсӣ, решаҳои таърихӣ.

Миллати тоҷик дорои таърихи куҳан ва фарҳанги ғанӣ аст. Ҳар як порчаи санг, девор, қалъа ва мақбараи боқимонда аз гузашта на танҳо рамзи маданият, балки бедорсозии ҳисси худшиносӣ ва ватандӯстии мардум мебошад. Дар шароити муосир тарбияи насли ҷавон дар руҳияти ифтихори миллӣ ва эҳтиром ба мероси таърихӣ муҳимтарин вазифаи ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол Шумораи умумии ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ зиёда аз 3000 ҳазор ёд гориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст, ки беш 2000 ҳазор ёдгории таърихию меъморӣ ва садҳо ёдгории динӣ ва осори бостоншиносӣ, ба монанди Саразм, Қалъаи Ҳисор, Куҳи Муғ, Панҷакенти қадим, Қалъаи Ҳулбук ва ғайра мебошанд. Қисме аз онҳо дар рӯйхати меъмориҳои миллии таърихӣ қарор доранд ва бархе мисли Саразм, ба рӯйхати меросии ҷаҳонӣ ЮНЕСКО дохил шудаанд. [1]

Ёдгориҳои таърихӣ - таҷассумгари руҳи миллат, хотираи таърихӣ ва шоҳиди давраҳои гуногуни ташаккули давлату фарҳанг мебошанд. Қалъаи Ҳисор, Саразм, Ҳулбук, Куҳи Муғ, мақбараи Мир сайид Алии Ҳамадонӣ, мақбараи Хоҷа Машҳад ва даҳҳо ёдгориҳои дигар шаҳодати равшани фарҳанги баланди меъморӣ ва динӣ мебошанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва суръати баланди иттилотии муосир, ҳофизаи таърихӣ ва хосатан, арзишҳои маънавӣ баҳри тарбияи ҷавонон дар руҳияи муҳаббату садоқат ба Ватан,

бедор намудани ҳисси масъулияту қарзи виҷдонии онҳо дар роҳи пойдории оромиву осоиштагӣ ва рушду пешрафти кишварамон нақши муҳим мебозанд. [2]

Ҳофизаи таърихӣ, огоҳ будани ҳар як фард, намояндагони авлодҳои гуногун ва ҷомеа аз таърихи дуру наздик, воқеаву ҳодисот, баҳраманд гаштан аз амалҳои неки аҷдодон, бохабар будан ва ҳифз намудани мероси маънавиву маърифатии ниёгон ва ба таври қатъӣ аз рӯйи онҳо амал намудан аст. Аз огаҳию шинохти таърих ҳофизаи умумимиллӣ ташаккул меёбад.

Вақте ки аз марҳалаҳои таърихӣ, дирӯзу имрӯзи кишвар фикр меронем, айнан ҳамин ҳолат пеши назар меояд. Яъне, ҳофизаи таърихӣ дар давоми солҳову қарнҳо ва давраҳои таърихӣ ташаккул меёбад. Зери мафҳуми «ҳофизаи таърихӣ» таърихи миллат, роҳҳои тайнамудаи он, муборизаву қаҳрамониҳои фарзандони далеру шуҷои он, орзуву омол, саъйю талошҳо, мероси маънавии барои авлоди оянда гузошташудаи миллат фаҳмидаву дарк карда мешавад.

Донистани таърих ва ҳофизаи таърихӣ фазилати муҳими халқамон буда, мо ва хосатан, ҷавононро водор месоза,д, ки доир ба кору пайкори афроди ватандӯсти меҳан, ҷонфидоиву қаҳрамониҳои халқамон, фаъолияти илмию таҳқиқоти олимон, рисолати адибону санъаткорони номварамон, мероси ғании сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ниёгонамон маълумоти бештар пайдо намуда, ворисони арзандаи гузаштагони соҳибмаърифатамон бошем. Дар ин замина, дар масъалаи аз таърих хулосаи дуруст баровардан кӯшиши бештар ба харҷ диҳем.

Арҷгузорӣ ба таърихи тамаддуни миллати тоҷик яке аз рукнҳои муҳимтарини худшиносию худогоҳии миллӣ ба ҳисоб рафта, наслҳои гузашта ва имрӯзуояндаи миллат аз он ифтихор хоҳанд кард. Ба мероси таърихии ниёгонамон, арзишҳои маънавӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик кишварҳои ҷаҳон ба ҳавас ва шавқу рағбати зиёд менигаранд. Аз ҷониби халқҳои дигар эътироф гаштани арзишҳои маънавии миллат боиси ифтихор ва ғуруру худшиносии миллӣ мегардад. [3]

Дар баробари ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ, ба хотири арҷгузорӣ ба хидматҳои фарзандони фарзонаи миллат Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемурро бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардониданд. Бояд таъкид кард, ки миёни роҳбарони кишвар танҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин иқдомро пеш гирифтанд. Ва маҳз ҳамин амали инсонпарварона ҳифзи ҳофизаи таърихӣ ва эътирофи хидматҳои фарзандони бузурги миллат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, бо ташаббус ва эҳсоси баланди ватандӯстонаи Сарвари давлат солгарду зодрӯзи шахсиятҳои барҷастаи миллати тоҷик Исмоили Сомонӣ, Имоми Аъзам Абуҳанифа, Ғазолӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Абуабдулло Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷашн гирифта шуданд, ки аз ифтихори баланди миллӣ доштани он кас гувоҳӣ медиҳад.

Таърихи инсоният аз ҳаёти чандинҳазорсолаи одамон, саъйю талош, созандагиву бунёдкорӣ, ҷангу ҷидолҳо, тохтутозу муҳорибаҳо, офатҳои табиӣ, муборизаҳои сиёсӣ, баҳсу талошҳо иборат аст. Муҳимтарин андеша аз ин солномаи дар саҳфаҳои таърих сабтшуда аз он иборат аст, ки ҳар як шахс, ҳар як авлод бояд аз ҳаёти аҷдоди гузаштаи хеш, аз дастоварду хатоҳои содирнамудаи онҳо огаҳ бошад, барои худ бояд аз онҳо хулосаи зарурӣ барорад. Танҳо бо ҳамин роҳ миллат худро ҳифз карда метавонад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми сентябри 2001 ёдгории Саразми шаҳри Панҷакент ҳамчун Маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон - «Мамнуъгоҳи таърихиву бостоншиносии Саразм» эълон гардида, 31-уми июли соли 2010 бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ёдгории нодир аз ҷониби ЮНЕСКО ба Феҳристи мероси ҷаҳонии фарҳангӣ ворид гардид.

Бо пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО соли 2020-ум 5500-солагии шаҳри Саразми бостонӣ ҷашн гирифта шуд. Камолоти маънавӣ ва фарҳангиву ахлоқии ҷавонон маҳз аз донистани таърих маншаъ гирифта, тақвият меёбад. Албатта, донистани Арҷгузорӣ ба таърихи тамаддуни

миллати тоҷик яке аз рукнҳои муҳимтарини худшиносию худогоҳии миллӣ ба ҳисоб рафта, наслҳои гузашта ва имрӯзуояндаи миллат аз он ифтихор хоҳанд кард. Ба мероси таърихии ниёгонамон, арзишҳои маънавӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик кишварҳои ҷаҳон ба ҳавас ва шавқу рағбати зиёд менигаранд. Аз ҷониби халқҳои дигар эътироф гаштани арзишҳои маънавии миллат боиси ифтихор ва ғуруру худшиносии миллӣ мегардад. [4]

Асосгузори сулҳу Ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, 26 декабри соли 2019, аз ҷумла, қайд намуданд: «Олимону донишмандони моро зарур аст, ки ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойини мардумӣ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллат нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд». Дар ин ҷода худи Пешвои миллат намунаанд. То имрӯз нуҳ асари Пешвои миллат дар риштаи таърих рӯйи чопро дидаанд, ки аксари онҳо асарҳои силсилавӣ мебошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллат дар асари бебаҳову безаволи худ - «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» доир ба суннату тамаддуни бостонии ниёгонамон, нақши «Шоҳроҳи абрешим» дар ҳамбастагии гузашта, имрӯзаву оянда, инчунин бозёфтҳои «Хазинаи Амуда дарё» («Дафинаи Амударё»), дар бораи фарҳангномаи ориётаборон, ба тарзи дигар гӯем, нахустин қомусномаи ниёгон – «Авесто», паямбари ойни ростин- Зардушт ва нахустгаҳвораи давлатдории тоҷикон - Бохтар, Суғду Хоразм маълумот медиҳанд.

Ҳамзамон, дар солҳои Истиқлолият бо раҳнамоӣ ва ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлили санаҳои муҳим ва дурахшони таърихӣ, баргузор кардани ҷашнҳои олимон, адибон, ҳунармандони мумтоз ба ҳукми анъана даромад, ки ин ҷашнҳо дар пойдории ҳофизаи таърихӣ нақши созгор бозиданд.

Чунончи, дар сатҳи ҷаҳонӣ баргузор кардани ҷашни 1100-солагии давлати миллии тоҷикон - Сомониён, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО таҷлил гардидани ҷашнҳои ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 2700-солагии китоби «Авасто», 90-солагиву 100-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, 80-солагии Муҳаммад Осимӣ, 680 ва 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 675 ва 700-солагии Камоли Хуҷандӣ, 960-солагии Умари Хайём, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ, 3000-солагии Ҳисор, 1310-солагии Имоми Аъзам, 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Соли тамаддуни ориёӣ, дигар санаҳои таърихӣ ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа рӯйдодҳои хеле муҳим гардиданд.

Боиси ифтихор ва хушнудист, ки бо ибтикори наҷиби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тантанаҳои идонаи таҷлили 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров бо теъдоди 1 млн. 600 ҳазор нусха нашр гардида, ба ҳар хонадони тоҷик чун туҳфа аз ҷониби Сардори давлат тақдим карда шуд. [5]

Ёдгориҳои таърихӣ ҳамчун мактаби ватандӯстӣ дар баробари таълимоти мактабӣ, боздид ва омӯзиши ёдгориҳо дар ташаккули ҳисси муҳаббат ба ватан, ифтихор аз гузашта ва ҳифзи арзишҳо нақши бузург доранд. Зиёдаравӣ ва бетафовутӣ ба ёдгориҳо метавонад ба гусастагии решаҳои таърихӣ ва аз даст рафтани ҳуввият оварда расонад.

Осорхонаҳо на танҳо маркази нигаҳдории мерос, балки воситаи зиндаи таълимӣ барои насли наврас мебошанд. Гузарони дарсҳои таърих дар маҳалли ёдгориҳо ва иштироки чавонон дар чорабиниҳои фарҳангӣ имкон медиҳанд, ки муҳаббат ба ватан ва эҳтирлом ба гузашта дар қалбҳояшон ҷой гирад.

Фарҳанги ҳифз ва эҳтироми ёдгориҳо чунин аст: Тарбияи насли ҷавон барои ҳимоя ва ҳифзи ёдгориҳо бояд аз оила ва мактаб оғоз гардад. Маърифати фарҳангӣ, ташвиқ ва таблиғи доимии арзиши таърихӣ дар ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва китобҳои дарсӣ муҳим аст.

Ёдгориҳои таърихӣ на танҳо нишонаи гузаштаанд, балки чароғи роҳнамо барои наслҳои оянда мебошанд. Ҳифз, омӯзиш ва арҷгузорӣ ба онҳо воситаи муҳими ташаккули

эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ буда, асоси пойдории ҳуввияти миллии тоҷиконро ташкил медиҳад.

**Феҳристи адабиёт:**


1. Олимов С. Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2007.
2. Раҳимов Н. Мероси ниёгон ва ташаккули худшиносии милллӣ- Душанбе, 2012.
3. Неъматов А. Осори таърихии тоҷикон.Душанбе: Маориф, 2005.
4. Қодиров М. Таърих, худшиносӣ ва ёдгориҳои миллӣ, маҷаллаи “Илм ва ҳаёт”, №3, 2019.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26 январи 2021.



**Мухторов Саидабдулло Саидолимович**
магистратнти курси 1-уми ихтисоси
250108-баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФОНДҲОИ АСОСӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО


Мақолаи мазкур ба мавзӯи фондҳои асосии корхона бахшида шудааст. Дар он мафҳум, сохтор, намудҳо ва накши фондҳои асосӣ дар фаъолияти иқтисодии корхонаҳо баррасӣ мешаванд. Муаллиф тавзеҳ медиҳад, ки фондҳои асосӣ маҷмӯи воситаҳои моддӣ мебошанд, ки барои истеҳсол дар муддати тӯлонӣ истифода мешаванд ва арзиши онҳо тадриҷан тавассути амортизатсия ба арзиши маҳсулот дохил мегардад.



**Калидвожаҳо**: Фондҳои асосӣ, корхона, воситаҳои истеҳсолӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ, бино, иншоот, самаранокии иқтисодӣ.


Фондҳои асосӣ ин як қисми воситаҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки дар як чанд марҳилаҳои пурраи истеҳсолӣ иштирок намуда, шакли табиии худро тағйир намедиҳанд ва арзиши худро ба маҳсулот қисм – қисм (вобаста ба меъёри фарсудашавӣ) мегузаронанд [5].

Ба сохтори намудии фондҳои асосии истеҳсолии корхона бештар омилҳои зерин таъсир мерасонанд [5]:

1. хусусияти маҳсулоти истеҳсолшаванда;
2. ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот;
3. дараҷаи автоматикунонӣ ва механиконӣ;
4. дараҷаи махсусгардонӣ ва кооператсиякунонӣ;
5. шароити иқлимиву ҷуғрофии корхона ва ғайраҳо.

Таъсири омили якум ба бузургиву арзиши биноҳо, ҳиссаи васоити интиқолӣ бештар аст. Ҳар қадар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот зиёд бошад, ҳамон андоза вазни қиёсии мошину таҷҳизоти пешрафтаи махсуси корӣ баланд аст. Чунки хусусият ба муносибати таъсири омилҳои сеюму чорум ба сохтори фондҳои асосӣ хос аст. Шароити иқлим ба кам ё зиёд шудани арзиши ибтидоии бинову иншоот дар сохтори фондҳои асосӣ таъсир мерасонад.

Афсунсозии истеҳсоли маҳсулот, пастшавии арзиши аслӣ ва афзоиши андухти корхона ба дараҷаи истифодаи фондҳои асосӣ вобастагӣ дорад.

Азбаски самаранок истифода бурдани фондҳои асосии истеҳсолии корхона ба беҳтар истифодабарии мошину таҷҳизоти он вобаста аст, аз ин рӯ, муайян кардани нишондиҳандаҳои истифодаи мошину таҷҳизот мувофиқи мақсад аст.

Асосан нишондиҳандаҳои самараноки истифодабарии фондҳои асосиро ба ду гурӯҳ хулосавӣ (ҷамъбастӣ) ва хусусӣ (частный) тақсим мекунанд.

Нишондиҳандаи ҷамъбастӣ барои тавсифи истифодаи фондҳои асосӣ дар ҳама сатҳи хоҷагии халқ, қабул карда мешавад. Ба ин нишондиҳанда асосан дохил мешаванд:

- боздеҳии фондҳо;
- даромаднокӣ.

Натиҷаи самаранок истифодабарии фондҳои асосӣ, пеш аз ҳама, зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаи самаранокии истифодабарии фондҳои асосии истеҳсолӣ бояд дар асоси қоидаи ҳисоби маҳсулоти истеҳсолшуда бо назардошти фондҳои асосии барои истеҳсоли ин маҳсулот истифодашуда, ҳисоб карда шавад. Ин нишондиҳандаро боздеҳии фондҳо меноманд, ки миқдори маҳсулоти истеҳсолшударо ба 1 сомонӣ фондҳои асосӣ тавсиф медиҳад. Боздеҳи фондро аз рӯи формулаи зерин ҳисоб мекунанд [5]:

$$Б_ф=\frac{Мм}{Фм};$$

дар ин ҷо:

$Б_ф$- боздеҳии фондҳо.

Мм- ҳаҷми маҳсулотҳои молӣ бо сомонӣ.

Фм- арзиши миёна солонаи фондҳои асосии истеҳсолӣ бо сомонӣ.

Боздеҳи фондҳо – нишондиҳандаи муҳимтарини истифодаи фондҳои асосии истеҳсолӣ мебошад. Баландбардории нишондиҳандаи боздеҳи фондҳо вазифаи муҳимтарин дар миқёси иқтисоди миллӣ, соҳаҳои амалкунандаи он ва корхонаҳои мухталиф ба шумор меравад, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ аҳамияти муҳимтаре касб мекунад. Омилҳое, ки ба афзоиши боздеҳи фондҳо мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- зиёд намудани ҳосилнокии таҷҳизот дар натиҷаи навсозии техникӣ ва таҷдиди корхонаҳои амалкунанда;
- баландбардории зариби (коэффисенти) кори басти таҷҳизот;
- истифодаи беҳтари вақти корӣ ва иқтидори мошину таҷҳизот;
- суръатфизоии азхудкунии иқтидорҳои нави воридшаванда;
- камшавии арзиши воҳидҳои иқтидории воридшаванда;
- ивазкунии меҳнати дастӣ ба меҳнати мошинӣ.

Бузургии баракси боздеҳии фондҳо фонғунҷоиши фондҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Фонғунҷоиши фондҳои асосӣ ба боздеҳии фондҳо мутаносибии чаппа аст, яъне:

$$Ф_г=\frac{1}{Б_ф}=\frac{Фм}{Мм};$$

Нишондиҳандаи фонғунҷоиш нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли 1 сомонӣ маҳсулоти молӣ ба миқдори чанд сомонӣ фондҳои асосӣ лозим мебошад.

Агар ҳаҷми маҳсулоти молӣ дар давраи оянда тағйир наёбад, пас зарурати афзоиши фондҳои асосӣ пеш намеояд, танҳо лозим аст, ки фондҳои асосии мавҷударо такмил диҳанд. Ҳангоми афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти молӣ дар давраи оянда, бояд талаботи ояндаро ба фондҳои асосӣ муайян кард.

Пайдарпаии ҳисобкунии бузургии фондҳои асосии истеҳсолӣ барои давраи оянда чунин аст: аввал, фонғунҷоишро барои соли ҷорӣ чун таносуби арзиши миёна солонаи фондҳои асосӣ барои ҳаҷми маҳсулоти молӣ ҳисоб мекунанд. Фондғунҷоиши ҳисобкардашударо бар ҳаҷми маҳсулоти молии соли оянда зарб намуда арзиши фондҳои асосии истеҳсолии барои истеҳсоли ҳамин ҳаҷм маҳсулоти молӣ зарурро муайян кардан мумкин аст.

Самаранокии фаъолияти корхона аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи бо техника мусаллаҳ будани меҳнат вобаста аст. Мусаллаҳ будан бо техника бо таносуби арзиши миёна солонаи фондҳои асосӣ ба шумораи миёна солонаи коргарони ҳайати саноатӣ-истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Ин бузургӣ бояд муттасил афзун гардад, зеро мусаллаҳшавии техникии меҳнат ва чун натиҷа, ҳосилнокии он низ ба ин бузургӣ вобастагӣ дорад.

Ба фондҳо мусаллаҳ буданро аз рӯи формула чунин муайян менамоянд:

$$Б_{мб}=\frac{Фм}{Шк};$$

дар инҷо:
Шк– шумораи кормандон.

Дар баробари нишондиҳандаҳои бøkдеҳии фондҳо ва фонғунҷоиш ба истифодаи самараноки фондҳои асосӣ нишондиҳандаи меъёри даромаднокӣ низ таъсири муайян мерасонад. Ин нишондиҳанда ҳануз солҳои 50-уми асри XX дар шароити ислоҳоти хоҷагидорӣ ҷорӣ шуда буд ва бо ду усул муайян карда мешавад.

Бо усули якум, даромаднокӣ, чун таносуби фоида бар хароҷоти истеҳсолӣ (арзиши аслӣ), бо ҳисоби фоиз бе назардошти самаранокии истифодаи фондҳои асосӣ, ҳисоб карда мешавад.

$$Д_м = \frac{Фм}{Ап} * 100\%;$$

дар инҷо:
$Д_м$ – даромаднокӣ;
Фм – фоида аз фурӯши маҳсулот;
Ап – арзиши аслии пурраи маҳсулот.

Бо усули дуввум, даромаднокӣ чун таносуби фоида бар маҷмӯи фондҳои асосиву гардон ҳисоб карда мешавад.

**Роҳҳои муайян кардани даромаднокӣ**

| Нишондиҳандаи даромаднокӣ | Формула | Шарҳ |
|---|---|---|
| 1. Даромаднокии маҳсулот (хароҷот) ($Д_м$) | $Д_м = \frac{Фм}{Ап} * 100\%$ | Муносибати фоида аз фурӯши маҳсулот (Фм) ба арзиши аслии пурраи маҳсулот (Ап) |
| 2. Даромаднокиифурӯш (ROS – Return on sale) | $ROS = \frac{Фм}{Дф} * 100\%$ | Муносибати фоида аз фурӯши маҳсулот (Фм) ба даромад аз фурӯш бе андозҳо, ки дар нархи маҳсулотдохил менамоем (Дф) |
| 3. Даромаднокии активҳо (ROA - Return on assets) | $ROA = \frac{ФтёФс}{Бма} * 100\%$ | Муносибатифоида (фоидаитавозунӣёсоф) (ФтёФс) бабузургиимиёнаиактивҳо (дороиҳо) дарякдавраимуайян (Бма) |
| 4. Даромаднокии активҳои ҷорӣ (Дач) | $Дач = \frac{Фс}{Бмач} * 100\%$ | Муносибати фоидаи софи корхона бузургии миёнаи активҳои ҷории (воситаҳои гардон) корхона (Бмач) |
| 5. Даромаднокии сармояҳои худии саҳомон (ROE- Return on Equity)) | $ROE = \frac{Фс}{Бмсх} * 100\%$ | Муносибати фоидаи соф ба бузургии миёнаи сармояи худии корхона (Бмсх) |

Ҳама нишондиҳандаҳои истифодаи мошину таҷҳизотро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. нишондиҳандаҳои экстенсивии истифодаи фондҳои асосӣ, ки дараҷаи истифодаи онҳоро вобаста ба вақти кори таҷҳизот нишон медиҳад;
2. нишондиҳандаҳои истифодаи интенсивии фондҳои асосӣ, ки дараҷаи истифодаи онҳоро вобаста ба иқтидор (ҳосилнокӣ) нишон медиҳад;
3. нишондиҳандаҳои интегралии истифодаи фондҳои асосӣ, ки таъсири ҳамҷояи ҳамаи омилҳо – ҳам экстенсивӣ ва ҳам интенсивиро ба ҳисоб мегирад.

Зариби истифодаи экстенсивии таҷҳизот, (Кэкст) чун нисбати шумораи ҳақиқии соатҳои кории таҷҳизот бар шумораи нақшавии соатҳои кории он муайян карда мешавад:

$$Кэкст. = \frac{Тҳақ.}{Тнақ.};$$

дар ин чо:
Тҳақ.- вақти ҳақиқии кории тачҳизот (бо соат),'
Тнақ.- вақти нақшавии кории таҷҳизот (бо соат).

Дар байни нишондиҳандаҳои экстенсивии истифодаи фондҳои асосӣ зариби басти кори таҷҳизот аҳамитяи махсус дорад. Ин зариб чун таносуби маҷмӯи мошин-бастҳо дар давоми шабонарӯз бар шумораи умумии мошинҳо муайян карда мешавад. Боло рафтани зариби басти кории таҷҳизот сарчашмаи муҳими афзоиши ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Ин зариб аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$К\ баст. = \frac{МБ}{Миқ.тач.};$$

дар ин ҷо:
МБ - мачмӯи мошин-бастҳои ҳақиқӣдар давоми шабонарӯз;
Миқ. тач.- миқдори умумии тачҳизоти муқарраршуда.

Самтҳои асосии баландбардории кори бастии таҷҳизот чунинанд:

- баланд бардоштани дараҷаи махсусгардонии ҷойҳои корӣ, ки афзоиши гурӯҳи маҳсулот ва пуркории дастгоҳҳоро таъмин мекунад;
- таъмин намудани бефосилагии кор;
- кам кардани бозистӣ, к ибо ноқисиҳои ташкили хизматрасонии ҷойҳои корӣ алоқаманд аст;
- ташкили беҳтари корҳои таъмирӣ, истифодаи усулҳои пешқадами корҳои таъмирӣ;
- механикунонӣ ва автоматикунонии меҳнати коргарони асосӣ ва хусусан, ёрирасон.

Ҳамин тавр, барои таъмини истифодаи самараноки фондхои асосии истеҳсолӣаз маҷмуи нишондиҳандаҳои самарабахши экстенсивию интенсивӣ бояд истифода бурд.

**Адабиёт:**

1. Балашова Е. С., Счисляева Е. Р. Экономика организации в судостроении. — М.: Юрайт. 2023. 456 с.
2. Коршунов В. В. Экономика организации. — М.: Юрайт. 2023. 364 с.
3. Магомедов А. М. Экономика организации. — М.: Юрайт. 2023. 287 с.
4. Милкова О. И. Экономика и организация предприятия. — М.: Юрайт. 2023. 474 с.
5. Ҳабибов С., Ҷамшедов М. Иқтисоди корхона (ташкилот)-ҳои истеҳсолӣ: Китоби дарсӣ. Қисми 1. Зери таҳрири д.и.и., профессорон Ҳабибов С.Х., Шарипов М.М.-Душанбе: “Ирфон”, 2014. – 345 с.

**Гулова Ф.М., Ашурова Т.Ф., Рафиев Т.З., Носирзода М.,**
магистрантони курси 2-юми ихтисоси 250104, ДДТТ
Таҳти роҳбарии Дустматов Б.

## ТАҲЛИЛИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДЕПОЗИТӢ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ОН

**Шахри мухтасар:** мақсад аз навиштани ин мақола муайян намудани самтҳои афзалиятноки хизматрасониҳои депозитии бонк аз нуқтаи назари стратегияи рушди он ва муайян кардани роҳу равишҳои самаранок, инчунин таҳлил намудани бозори хизматрасониҳои депозитӣ ва дурнамои инкишофи он мебошад.

**Мафҳумҳои асосӣ:** амалиётҳои депозитӣ, амалиёти бонкӣ, иқтисодиёт, пасандоз, хизматрасониҳои депозитии бонк, суратҳисобҳои пасандозӣ.

Амалиёти депозитӣ ин кулли амалиёти бонкӣ оид ба ҷалби амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба муҳлати муайян ё бемуҳлат ва дар асоси шартҳои муайян мебошад.

Субъектҳои амалиёти депозитӣ - корхонаҳои шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ ва шахсони воқеӣ баромад менамоянд.

Объекти амалиёти депозитӣ бошад, ин худи маблағҳои депозитӣ, яъне маблағҳои пулие мебошанд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар бонк амонат мегузоранд.

Амалиёти депозитӣ ҷузъи асосии фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад ва ягон бонк новобаста аз он ки сармояи зиёд дорад ё кам, бе ҷалб намудани маблағҳои берунӣ фаъолият карда наметавонад. Инчунин ба амалиёти базавии бонк махсуб ёфтани амалиёти ҷалби пасандозҳоро мафҳуми «бонк», ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» оварда шудааст, маънидод менамояд. Гузарондани амалиёти депозитӣ имкон медиҳад, ки бонкҳо захираҳои пулиашонро афзоиш диҳанд ва дар асоси он доираи гузарондани амалиёти активиро, алалхусус додани қарзро зиёд намоянд.

Бонкҳо метавонанд маблағҳоеро ҷалб намуда, барои нигоҳдории онҳо ба муштариёнашон ягон фоизи муайяне пардохт кунанд ва баъзан мешавад, ки муштариён маблағҳояшонро ба бонк танҳо барои нигоҳдорӣ бе гирифтани фоиз мегузоранд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти ин ду амалиётро аз ҳам ҷудо кардааст ва якеро «пасандоз» ва дигареро «амонат» номгузорӣ намудааст.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мафҳуми «амонат» ва «пасандоз» чунин шарҳ дода шудааст:

**Амонат** - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд.

**Пасандоз** - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст[1].

Вобаста ба нишондиҳандаҳои гуногун шакл ва намудҳои мухталифи пасандозҳоро аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

1. Вобаста ба намуди пасандозгузорон:

– пасандози резидентҳо – шахсоне, ки ба таври расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд;

– пасандози ғайрирезидент - шахсе, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, аммо дар бонки Тоҷикистон пасандоз мегузорад.

2. Вобаста ба категорияи пасандозгузорон:

– пасандози шахсони воқеӣ - шаҳрвандон ва соҳибкорон;

– пасандози шахсони ҳуқуқӣ - корхонаҳо ва ташкилотҳо.

3. Вобаста ба муҳлати пасандоз:

– пасандози муҳлатнок - ба муҳлати муайян гузошта мешавад;

– пасандози дархостшаванда (бемуҳлат) - муштарӣ дар дилхоҳ вақт метавонад пасандозашро дархост намояд, яъне ин гуна пасандозҳо муҳлати муайян надоранд;

– пасандози амонатӣ танҳо барои нигоҳдорӣ ва бефоиз гузошта мешавад.

4. Вобаста ба шакл пасандоз чунин мешавад:

– номӣ ба номи шахси муайян ҳисоби депозитӣ кушода мешавад;

– тақдимшаванда ҳисоби депозитӣ ба номи шахси дигар кушода мешавад, ки вай метавонад онро дар асоси ҳуҷҷат гирад.

5. Вобаста ба тарзи гирифтани фоиз пасандозҳо мешаванд:

– фоизҳо давра ба давра гирифта мешаванд;

– фоизҳо баъд аз ба охир расидани муҳлати пасандоз гирифта мешаванд:

– фоизҳои пасандоз ба болои маблағи пасандоз зам карда мешаванд ва аз онҳо низ фоиз ҳисоб карда мешаванд.

6. Вобаста ба намуди асъор пасандоз мешавад:

– бо асъори миллӣ;
– бо асъори хориҷӣ.

Баъзе аз шаклҳои пасандозҳоро муфассалтар дида мебароем.

Пасандозҳои дархостшаванда ва ё бемуҳлат ин воситаҳое мебошанд, ки дар суратҳисоби муштарӣ бо сомонӣ ва ё асъори дигари хориҷӣ ҷойгир карда шудаанд ва мутобиқи шартномаи депозитӣ (шартномаи пасандози) дар дилхоҳ, вақт бо аввалин талаби муштарӣ пурра ва ё қисман баргардонда мешаванд. Дар баробари ин ба воситаҳои дархостшаванда инчунин маблағҳое, ки дар дигар суратҳисобҳо ҷойгир карда шудаанд ва дар дилхоҳ вақт талаб карда гирифта мешаванд, дохил мешаванд[2].

Ба пасандозҳои дархостшаванда асосан воситаҳое дохил мешаванд, ки:

– дар суратҳисобҳои ҷорӣ ва ҳисоббаробаркунии шахсони ҳуқуқӣ ҷойгир шудаанд;
– дар ҳисобҳои махсуси депозитии шахсони ҳуқуқӣ ҷойгир карда шудаанд;
– дар ҳисобҳои муросолотии дигар ташкилотҳои қарзие, ки дар ин бонк кушода шудаанд;
– ҳамчун амонат шахсони воқеӣ нигоҳ медоранд.

Имрӯзҳо меъёри фоизи пасандозҳои дархостшаванда дар бонкҳои ватании мо аз 3 то 6% дар як солро ташкил медиҳанд. Бинобар ин бонкҳо бештар ҳавасманд ҳастанд, ки пасандозҳои муҳлатнок ҷалб намоянд.

Пасандозҳои муҳлатнок ин маблағҳое мебошанд, ки аз тарафи муштарӣ (пасандозгузор) ба бонк дар асоси шартномаи депозитӣ (пасандозӣ) ба муҳлати муайян гузошта шудааст.

Андозаи фоизҳои пасандозҳо дар БДА «Амонатбонк» аз 1 январи соли 2018 дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Фоизҳои пасандозҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» дар соли 2018**

| Муҳлат | Сомонӣ | Доллари ИМА | Рубли русӣ | Евро |
|---|---|---|---|---|
| 3 моҳ | то 7 % | то 3 % | то 3 % | то 3 % |
| 6 моҳ | то 8 % | то 4 % | то 4 % | то 4 % |
| 9 моҳ | то 12 % | то 5 % | то 5 % | то 5 % |
| 12 моҳ | то 13 % | то 6 % | то 6 % | то 6 % |
| 15 моҳ | то 14 % | то 7 % | то 7 % | то 7 % |
| 18 моҳ | 17% | 13% | 12% | 10% |
| 24 моҳ | 19% | 15% | 14% | 12% |

Сарчашма: Сомонаи расмии БДА ҶТ «Амонатбонк» – www.amonatbank.tj.

Пасандозҳои амонатӣ ин амонатҳои шахсони воқеӣ мебошанд, ки бо мақсади амн ва бехатар нигоҳ доштани маблағҳояшон дар бонкҳо нигоҳ медоранд.

Дар баробари ин шаклҳои пасандозҳо имрӯзҳо аз тарафи бонкҳои ватанӣ бо мақсади ҳарчи бештар кардани сафи муштариёнашон ва ҷамъ намудани маблағҳои муваққатан озод, шаклҳои нави пасандозҳо ҷорӣ карда шудаанд.

Новобаста аз гуногунии шаклҳои пасандоз шартҳо барои кушодани суратҳисоби депозитӣ ягона мебошанд:

а) барасмиятдарории депозит мувофиқи ариза ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият амалӣ карда мешавад;

б) барасмиятдарорӣ бо бастани шартномаи депозити бонкӣ, пешниҳоди китобчаи амонатӣ ва ё корти пластикӣ тасдиқ карда мешавад;

в) ҳисоб намудани фоиз ҳангоми мавҷуд будани бақияи амонат на камтар аз 100 воҳиди асъор ҳисоб карда мешавад.

Андозаи фоизҳо аз рӯи ҳар як намуди депозит мувофиқи сиёсати фоизии бонк муайян карда мешавад.

Дар мавриди гузарондани амалиёти ҷалби пасандозҳо бонкҳо ӯҳдадор ҳастанд, бо муштарӣ шартномаи депозитӣ (пасандозӣ) ба имзо расонанд. Дар шартномаи депозитӣ тамоми пахлуҳои ба амалиёти депозитӣ таалуқ дошта бояд пурра ва муфассал дарҷ гарданд. Бояд тарафҳои дар он иштироккунанда ному насабашон пурра ва макони ҷойгиршавиашон нишон дода шавад, ҳаҷми маблағи пасандоз, мухлати пасандоз ва меъёри фоизи он низ нишон дода шавад.

Баъд аз ба имзо расондани шартномаи депозитӣ аз тарафи бонк ба муштарӣ суратҳисоби депозитӣ кушода мешавад. Дар шартномаи депозитӣ инчунин бояд тарзи пардохти фоизи пасандоз ва давраҳои пардохти он бояд ҳатман нишон дода шавад.

Шахсони воқеие, ки суратҳисоби депозитӣ кушодаанд, метавонанд дар дилхоҳ вақт маблағҳояшонро аз бонк бозхонд намоянд. Новобаста аз он ки пасандоз дар кадом намуд (то бозхонд ва мухлатнок) гузошта шудааст. Танҳо агар муштарии бонк дар бонк депозити мухлатнок дошта бошаду маблағи онро пеш аз мухлат талаб намояд, он гоҳ бонк нисбати маблағи пасандози вай меъёри фоизи пасандозӣ нисбати пасандозҳои то бозхонд (бемухлат)-ро ҳисоб мекунад.

Дар баробари афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, инчунин дороихои соҳаи бонкӣ низ афзуда истодаанд ва он дар санаи 31 марти соли 2018 зиёда аз 20 617,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017, ба 470,6 млн. сомонӣ ё 2,3% зиёд шудааст. Зиёдшавии дороиҳо асосан аз ҳисоби дороиҳои пардохтпазир ва воситаҳои асосӣ ба амал омадааст. Аммо зиёдшавии ҳаҷми пасандозҳо маънои онро надорад, ки бонкҳои ҷумҳурӣ дар асоси додани қарз кӯшиши зиёд кардани маблағгузории хоҷагии халқро доранд, балки бонкҳо дар асоси баланд кардани фоизи амонатҳо маблағҳои зиёдтарро ҷалб намуда истодаанд, то ки бозоргириашонро таъмин намоянд. Чунки таъмини бозоргирӣ барои бонкҳо масъалаи якумдараҷа ба ҳисоб меравад.

Амонатҳои ташкилотҳои қарзӣ дар санаи 31 марти соли 2018 9 072,6 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017, ба 37,6 млн. сомонӣ ё 0,4% кам шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Ҳаҷми амонатҳо дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2017**

| **Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии амонатҳо, млн. сомонӣ | 4927219 | 5521579 | 6690593 | 8613529 | 9243235 | 9283516 |
| Афзоиши ҳарсолаи амонатҳо бо % | 11,6 | 10 | 17,4 | 28,7 | 7,3 | 0,4 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ январ 2018 (270) саҳ. 25.

Тавре, ки дар ҷадвали 2 мебинем, ҳаҷми умумии амонатҳо дар низоми бонкӣ рӯ ба афзоиш доранд ва ҳамасола ба ҳисоби миёна дар тӯли 5 соли охир (2012-2017) 53% зиёд шуда истодаанд. Ҳаҷми амонатҳо дар соли 2017 нисбат ба соли 2012 ба маблағи 4 356 297 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

**Ҷадвали 3**

**Ҳаҷми бақияи пасандозҳо дар бонкҳо дар солҳои 2012-2017 (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Амонатҳо ҳамагӣ, | 4 816 876 | 5 296 047 | 6 446 453 | 8 172 388 | 8 848 712 | 8 720 470 |
| Амонатҳои шахсони воқеӣ | 2 865 114 | 3 532 474 | 4 062 900 | 5 111 562 | 5 276 875 | 4 344 371 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ | 1 951 763 | 1 763 572 | 2 383 554 | 3 060 825 | 3 571 837 | 4 376 099 |
| Амонатҳо бо асъори миллӣ | 1 567 295 | 1 685 979 | 2 244 353 | 2 503 001 | 3 295 5810 | 3 788 048 |
| Амонатҳо бо асъори хориҷӣ | 3 249 581 | 3 610 068 | 4 202 101 | 5 664 202 | 5 553 202 | 4 932 423 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ январ 2018 (270) саҳ. 25.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 3 маълум мегардад, пасандозҳои шахсони воқеӣ дар соли 2017 нисбат ба соли 2012- ум 65% афзудааст ва пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ низ дар ин давра 4,4% афзудааст. Сол то сол ҳиссаи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ҳаҷми умумии депозитҳо зиёд гашта, ҳиссаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бошад, дар соли 2017 ба 17% кам шудааст.

Агар дар соли 2012-ум дар ҳаҷми умумии амонатҳои дар бонкҳо буда 59,5% -ро пасандозҳои шахсони воқеӣ ва 40,5%-ро амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ташкил дода бошанд, пас дар соли 2017-ум аз ҳаҷми умумии амонатҳои бонкҳо (8,7млн. сомонӣ) 49,8%-ро (4,3 млн. сомонӣ) пасандозҳои шахсони воқеӣ ва 50,2%-ро (4,4 млн.сомонӣ) пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ташкил дод. Яъне ин гувоҳи он аст, ки рӯз то рӯз боварии мардум ба соҳаи бонкӣ зиёд шуда истодааст ва дар навбати худ болоравии сатҳи зиндагии мардум низ боиси зиёд шудани ҳаҷми амонатҳо дар бонкҳо мегардад.

Бояд қайд кард, ки аз ҳаҷми умумии амонатҳои дар ташкилотҳои қарзӣ буда қисми зиёдашон бо асъорҳои хориҷӣ нигоҳ дошта мешуданд.

Дар соли 2017 аз ҳаҷми умумӣ амонатҳои дар ташкилотҳои қарзӣ буда 43,4,2% бо асъори миллӣ буданд ва 56,6% бо асъори хориҷӣ буданд. Яъне ин аз он шаҳодат медиҳад, ки амонатнигоҳдорон ба пули миллӣ боварӣ ҳосил карда истодаанд, ва аз тағйирёбии қурби он дар харос нестанд. Дар навбати худ барои бартараф кардани ин камбудӣ низоми бонкии ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешидааст. Яке аз онҳо ин баланд кардани фоизи амонатҳо бо асъори миллӣ мебошад.

**Ҷадвали 4**

**Фоизи миёнаи амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, %**

| Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Меъёри фоизи амонатҳои мӯҳлатнок бо асъори миллӣ | 15.69 | 15.72 | 15.05 | 15.32 | 15.89 | 13.91 |
| Меъёри фоизи амонатҳои мӯҳлатнок бо асъори хориҷӣ | 12.87 | 11.75 | 11.92 | 11.61 | 10.05 | 6.66 |
| Фарқият байни меъёри фоизи амонатҳои мӯҳлатнок бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ | 2,82 | 3,97 | 3,13 | 3,71 | 5,84 | 7,25 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ январ 2018 (270) саҳ. 72

Чи тавре, ки дар ҷадвали 4 мебинем, дар муддати 5 соли охир ҳамеша байни фоизҳои амонатҳо бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ фарқият ҷой дошт. Дар соли 2017-ум меъёри фоизи миёнаи амонатҳои муҳлатнок бо асьори миллӣ дар як сол 13,91 ташкил дод, ки ин нисбат ба меъёри фоизи амонатҳои муҳлатнок бо асъори хориҷӣ 7,25 фоиз баландтар мебошад.

Яъне ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ҳавасмандгардондани амонатгузорон барои нигоҳ доштани амонатҳояшон бо асъори миллӣ меъёри фоизи амонатҳо бо асъори миллиро баландтар кардаанд. Ин фишанг натиҷаҳои мусбӣ дода истодааст. ки дар навбати худ, дар асоси баланд кардани меъёри фоизи амонатҳо бонкҳо имкони бештар ҷалб намудани амонатҳоро пайдо менамоянд, ки ин ба бонкҳо имкони таъмин намудани устувории молиявиашонро медиҳад.

Бо мақсади такмил додани хизматрасониҳои депозитӣ ба бонк андешидани чораҳои зерин зарур аст:

- ҳар як бонк бояд сиёссати депозитии худро бо назардошти махсусияти фаъолияти он ва меърёҳои муносибкунонии ин раванд тарҳрезикардашударо дошта бошад;

- васеъ кардани доираи ҳисобҳои амонатии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро ба муҳлати «дархостӣ»;

- ба сифати яке аз самтҳои такмил додани амалиётҳои депозитӣ истифодабарии намудҳои гуногуни ҳисобҳо барои ҳамаи категорияи амонатгузорон ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии онҳо имконпазир аст;

- муносибати инфиродӣ (кушиши бонк оид ба мизоҷ пешниҳод намудани имтиёзҳои махсус).

Чунин як қатор роҳҳои имконпазирии беҳтаргардонидани хизматрасонии депозитии бонкҳо ва баланд бардоштани нақши он дар таъмини устувории он мавҷуд аст.

Дар хулоса қайд кардан мумкин аст, ки ҳар як бонк сиёсати дупозитии худро таҳия ва тарҳрезӣ менамояд, намудҳои амонатҳо, муҳлат ва фоизҳои онҳо, шартҳои гузаронидани амалиётҳои амонатӣ, махсусияти фаъолияти худро муайян менамояд.

Муносибати маҷмӯӣ ҳам дар тарҳрезии асосҳои назариявӣ, самтҳои афзалиятноки хизматрасониҳои депозитии бонк аз нуктаи назари стратегияи рушди он, ва ҳам дар муайян кардани роҳу равишҳои самаранок, муносиби хизматрасониҳои депозитӣ ифода меёбад.

Мақсади асосии хизматрасониҳои депозитӣ дар ҷалби бештари ҳаҷми воситаҳои пулӣ аз рӯи нархи камтарин ифода меёбад.

Боиси қайд аст, ки Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ягона мақомоте мебошад, ки бе иҷозатнома оид ба гузарондани амалиёти суғуртавӣ бо фаъолияти суғуртавӣ машғул мебошад.

Дар ҳолати рӯй додани ҳолати сугуртавӣ Хазина ба ҳар як пасандозгузор то ҳаҷми 7000 сомонӣ пасандози муштариро ҷуброн менамояд. Мавриди қайд аст, ки то соли 2003 ин гуна қонун мавҷуд набуд. Дар соли 2003 қонун «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» қабул карда шуда буд, ки мутобиқи он кафолати амонатӣ баргардондашаванда дар ҳолати сугуртавӣ 1,5 ҳазор сомониро ташкил медод.

Андозаи ниҳоии маблағи Хазина дар ҳаҷми хафт фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда мешавад[3].

Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби пасандозӣ дошта бошад, он гоҳ суғуртапулӣ дар асоси андозаи умумии маблағи дар суратҳисобҳои пасандозӣ мавҷудбуда ҷуброн карда, ин суратҳисобҳо ҳамчун як суратҳисоби пасандозӣ дониста мешаванд. Яъне агар муштарӣ дар бонк се ё чор суратҳисоби пасандозӣ дошта бошад, онгоҳ хазина ҳамаи онҳоро якҷоя мекунад ва ба ҳаҷми 7000 сомонашро ҷуброн менамояд. Бинобар ин беҳтар ҳар як муштарӣ дар ҳаҷми 7000 сомонӣ дар бонкҳои гуногун суратҳисоби пасандозӣ кушояд, он гоҳ дар ҳолати муфлис шудан ё нашудани дилхоҳ бонк, муштарӣ маблағҳояшро пурра ва беталаф мегирад.

Умуман таҳким додани низоми суғуртаи пасандозҳои бонкӣ боиси рушди низоми бонкӣ, давлат ва ҷомеа хоҳад гашт. Дар оянда боварии комил дорем, ки пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ низ суғурта карда хоҳанд шуд. Дар баробари ин барои боз ҳам зиёдтар шудани боварии мардум ба соҳаи бонкӣ шарт аст, ки маблағи ҷуброншавандаи пасандозҳо то ба 15-20 хазор сомонӣ боло бурда шавад.

**Адабиёт:**


1. Бюллетени омори бонкӣ январ 2018 (270).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», Душанбе, 2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Душанбе, 2009.
4. Ҷураев Б. Фаъолияти бонкӣ, Душанбе, 2014.- 428с.
5. Саҳифаи интернетии Бонки милии Тоҷикистон – www.nbt.tj
6. Хонҷонов А. Луғати муосири истилоҳоти иқтисодӣ. Душанбе: «Ирфон», 2006.

**Ашурова Т.Ф., ГуловаФ.М., Носирзода М.,Рафиев Т.З.**
магистрантони курси 2-юми ихтисоси 250104, ДДТТ
Роҳбари илми дотсент Дустматов Б.

## ТАҲЛИЛИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ АЗ ҶИҲАТИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВИИ ҚАРЗГИРҲО ДАР БОНК.

Зарурияти гузаронидани чунин таҳлил аз ошкор кардани миқдори диверсификатсияи сандуқи қарзӣ аз рӯи қарзгирҳои «хуб», «қаноатбахш» ва «ғайриқаноатбахш» иборат аст. Агар ба ҳиссаи қарзгирҳое, ки вазъияти молиявиашон «хуб» бошад - 80% ва зиёдтар аз ҳиссаи умумии қарзгирҳо рост биёяд умуман мумкин аст, ки сандуқи қарзии бонк мустаҳкам ва бо сифат аст. Агар ҳиссаи қарзгирҳои «ғайри-қаноатбахш» дар ҷараён зиёд шавад, дар ин ҳолат бояд сиёсати қарзии бонк аз ҷиҳати ихтисоркунии қарзгирҳои зерин, аз нав дида баромада шавад.

Гурӯҳбандӣ ва таҳлили қарзгирҳо аз ҷиҳати вусъати қарзҳои додашуда (қарзҳои калон) бо истифодабарии маълумоти «Ахборот дар бораи қарзҳои калон» гузаронида мешаванд. Дар ҳудуди ин бояд ба назар гирифт, ки вомгири калон шахсе ҳисоб меёбад, ки маҷмӯи талаботҳои муштараки бонк бо ҳар яки онҳо аз 5%-и воситаҳои худии бонк зиёд бошад. Бинобар ин таҳлили зерин имконияти ошкоркунии вобастагии бонк аз баъзе қарзгирҳои калонро медиҳад. Дар ин ҷо ҳамчунин ба тарзи илова таҳлили қарзгирҳои калон (тибқи схемае, ки дар боло зикр карда шуд) гузаронидан мумкин аст: аз рӯи мансубияти минтақавӣ, аз рӯи мансубияти соҳавӣ, аз рӯи вазъияти молиявии қарзгирҳо.

Дар хулоса, бояд қайд кард, ки таҳлили сармоягузориҳои қарзии бонк ошкоркунии хусусиятҳои умумии сиёсати қарзии бонк, аз он ҷумла, самти он, яъне нуқтаи назари мизоҷони асосиро дар назар дорад. Бинобар ин, барои аксарияти бонкҳои муосир тамоюли мусбати инкишофи фаъолияти қарзӣ ин тамоюли бартарӣ пайдо кардан дар таркиб ва афзоиши минбаъдаи ҳиссаи қарзҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки асосан, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд. Дар ин ҳолат, сиёсати қарзии бонк на фақат инкишофи дохилии бонк ба роҳ мондан аст, балки инкишофи минтақавӣ ва миллӣ, хусусан ба воситаи маблағгузории сектори ҳақиқӣ дар назар аст.

Дар назардошти тахассуси бонкҳои муосир (бонкҳое, ки бо аҳолӣ

фаъолият дорад) бояд дар назар дорем, ки дар бонкҳои зерин ҳиссаи асосӣ дар сармоягузориҳои қарзӣ буда, ин қарзҳои ба аҳолӣ дода шуда мебошанд.

**Гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ аз рӯи мӯҳлати пардохтҳои қарздориҳои муштарӣ.**

Таҳлили сандуқи қарзӣ аз рӯи мӯҳлати пардохтҳо гузаронида мешавад:

- барои ошкоркунии самт ва мавқеи сиёсати қарзии умумии бонк- кӯтоҳмуддат (то 1 сол), миёнамуддат (аз 1 то 3 сол), дарозмуддат (аз 3 сол зиёд);
- барои ошкоркунии масъалаҳои умумӣ, ки бо ташкил кардани сандуқи қарзии бонк алоқаманд аст (асосан аз нуқтаи назари эҷод кардан ва афзоиши қарзҳои ба таъхир монда).

Ҳамчун манбаи маълумотии таҳлили зерин ахбороти варақаи гардиши ҳисобҳо ё ин ки шакли дохилии ҳисоботи идоракунӣ «Ҷадвали пардохкунии қарздориҳо» баромад мекунанд.

Барои гузаронидани таҳлили қарзҳо аз рӯи мӯҳлати додани малағ дар асоси ахбороти варақаи гардиши ҳисобҳо тартибдиҳӣ ва пуркунии ҷадвали махсус мумкин аст. Таҳлили сандуқи қарзӣ аз рӯи мӯҳлати пардохти қарз дар ҷадвали2.3.4 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Таҳлили сандуқи қарзӣ аз рӯи мӯҳлати пардохт**

| **Номгӯи банд** | **Ҳисоби тавозунӣ** |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Қарзҳои пешниҳодшуда, ҳамагӣ аз он ҷумла: | |
| «овердрафт» (қарзе, ки дар натиҷаи нарасидани маблағҳо дар счети ҳисоббаробаркуни(ҷорӣ)пешниҳод карда мешаванд) | 10909, 10913, 10905 |
| мӯҳлат то 1-рӯз | 10909 |
| мӯҳлат аз 2 то 7 рӯз | 10909 |
| мӯҳлат аз 8 то 30 рӯз | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат аз 31 то 90 рӯз | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат аз 91 то 180 рӯз | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат аз 181 то 1 сол | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат аз 1 сол то 3 сол | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат аз 3 сол зиёд | 10905, 10909, 10913 |
| мӯҳлат то талаб кардан | 10905, 10909, 10913 |

**Сарчашма:** муаллиф ҷадвалро дар асоси ҳисоботҳои солонаи БДА ҶТ Амонатбонк таҳият намудааст.

Камбудии истифодабарии ахбороти варақаи гардиши ҳисобҳо барои таҳлил аз рӯи «мӯҳлати пардохти қарзҳо» аз ҳамин иборат аст, ки таҳлилкунанда мӯҳлати муайяни сармоягузории қарздориро ошкор карда наметавонад. Гап дар он аст, ки ҳангоми бастани шартнома бо мизоҷ ба муддати муайян (масалан 1 сол) барои ӯ счети махсус кушода мешавад (масалан 10905), ки рақамаш дар муддати ҳамон мӯҳлати қарздиҳӣ иваз намешавад. Яъне агар мӯҳлати баргардонидани қарз кам шудан гирад, дар ҳисобҳои варақаи гардишӣ маблағи боқимондаи қарз дар счети аввалин нишон дода мешавад (масалан ба итмом расидани шартнома 10 рӯз монд, вале қарз бе аҳамият дар ҳисобот ҳамчун қарзи 1 сола нишон дода мешавад).

Боз як меъёри санҷиши сандуқи қарзии бонкӣ-ин гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ аз рӯи асъори малаѓгузории қарзҳо мебошад.

Таҳлили сандуқи қарзӣ аз рӯи асъори маблағгузории қарзҳо имкониятҳои зеринро медиҳад:

- зоҳир намудани тахассуси бонк аз рӯи намуди қарзҳо, яъне афзалияти бонк бо қарзҳое, ки маблағгузориашон ба асъори миллӣ ё хориҷӣ карда мешавад;
- ошкоркунии мавҷудияти бонк бо қарзгирҳои воридотӣ (содиротӣ);
- имконияти фикру мулоҳизаҳои таваккалияти асъориро дар сандуқи қарзии бонк доранд, ки натиҷаи пасту баландшавии асъорӣ таъсири манфии худро ба ҳолати умумии сандуқи қарзии бонк расонида метавонад.

Барои гузаронидани таҳлили қарзҳо аз рӯи асъори маблағгузории қарз дар асоси ахбороти варақаи гардишӣ, тартибдиҳӣ ва пуркунии ҷадвали таҳлилии махсус мумкин аст. Дар қатори «Номгӯи банд»-и ҷадвали 2.3.5 гурӯҳбандии ҳархела истифода бурда мешавад (аз рӯи қарзгирҳо, аз рӯи мӯҳлат, аз рӯи соҳа, аз рӯи минтақа, сатҳи таваккалияти қарзҳои додашуда ва ғайра).

**Ҷадвлаи 2.**

**Таҳлили сандуқи қарзии бонк аз рӯи асъорҳои пешниҳодшуда**

| Номгӯи банд | Ҳамаи қарзҳои додашуда (сом.+асъорӣ ) | Аз он ҷумла қарзҳои додашуда | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Бо сомонӣ | | Бо асъори хориҷӣ | |
| | | Воҳид | Бо % дар ҷамъбаст | воҳид | Бо % дар ҷамъбаст |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| Дар сутуни номгӯи банд мета-вонанд гурӯҳҳои гуногуни қарзҳои додашудае(аз рӯи мӯҳлат, соҳа, минтақа, сатҳи таваккалияти қарзӣ ва ғ.), ки дар боло пешниҳод шуда, истифода мешаванд. | Дар ин катакҳо маҷмӯи уму-мии нишондиҳандаҳои пулии қарзҳои пешниҳодшуда ба гу-рӯҳи қарзгирандаҳо инъикос меёбад. | Дар ин ҷо нишондиҳанда-ҳои пули қарзҳо аз тарафи гурӯҳи қарзгирандаҳо бо сомонӣ додашуда инъикос мегардад | Дар ин ҷо ҳиссаи қарзҳои бо сомонӣ д. ш.а. дар маблағи умумии қарзҳои додашуда бо % нишон дода мешаванд. | Дар ин ҷо нишондиҳандаҳои пули қарзҳо аз тарафи гурӯҳи қарзгирандаҳо бо асъори хо-риҷӣ додашуда инъикос меё-бад. | Дар ин катакҳо бошад ҳиссаи қарзҳои бо асъори хориҷӣ д.ш.а. бо маблағи умумии қарзҳо, бо % нишон дода мешаванд. |

**Сарчашма:** муаллиф ҷадвалро дар асоси ҳисоботҳои солонаи БДА ҶТ Амонатбонк таҳият намудааст.

«Қарзҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд», таҳлил шуда,аз нуқтаи назари асъор қарзҳо (қарзҳои бо доллар, бо евро ва ғ) ва инчунин аз рӯи маҷмӯи умумии қарзҳое, ки бо асъори хориҷӣ маблағ гузошта шудаанд, тафсил карда шаванд.

Инчунин таҳлили сандуқи қарзӣ ба воситаи гурӯхбандӣ аз рӯи меъёрҳои сифати қарздориҳои вомгирӣ ва дараҷаи таваккалият ҳам барои санҷиши пурзуркунии сифати худи сандуқи қарзӣ ғайри муҳим аст.

Асоси гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ аз рӯи дараҷаи таваккалият дар замони ҳозира ин талаботҳои умумӣ, ки мутобиқи қонунгузории БМТ вобастагии сандуқи қарзии қарзҳои панҷсифата (гурӯҳи таваккалиятҳо)-ро дар бар мегирад: стандартӣ, ғайристандартӣ, шӯбҳанок, хатарнок, беэътимод. Ҳамчун маълумоти ибтидоӣ барои ташкили гурӯҳбандии зерин ин маълумоти баҳисобгирии таҳлилии бонк, инчунин маълумоти «Ахборот оиди сифати қарзҳо» мебошад.

Таҳлили зерин имконияти баҳодиҳии хатарнокии сиёсати қарзии бонк ва ҳолати умумии сандуқи қарзиро аз нуқтаи назари сифати ӯ дар ҷадвали 2.3.6 чунин нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3**

**Таҳлили ӯҳдадориҳои қарзии бонк аз рӯи сифатнокӣ**

| **Номгӯи банд** | Маблағ ҳаз.сомонӣ | | Сохтор бо % | | Тағйирот дар давра (+/-) | | Нишондиҳандаҳои динамикӣ, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Давраи нақшавӣ | Давраи ҳисоботӣ | Давраи нақшавӣ | Давраи ҳисоботӣ | Ҳаз. сом. | Бо % | Тр | Тпр |
| 1 | 2 | | 3 | | 4 | 5 | 6 | 7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ӯҳдадории қарзӣ аз рӯи сифат (саҳ.16 ш.№115), ҳамагӣ, аз он ҷумла: | Дар ин катакҳо нишондиҳандаҳои аввалин ва охирини давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад. | Дар ин ҷо бошад, %-и нишондиҳандаҳо бо вазни қиёсии қарзҳои гирифташуда ба | Дар ин катакҳо бузургии ҳақиқӣ бо тағйирот дар | Дар ин ҷо бошад вазни қиёсии %-ҳо дар ҳисоби гардишӣ барои ҳар як | Дар ин катакҳо муносибатҳои дар охири гардиши ҳисобҳо нишон дода мешавад. | Дар ин катакҳо муносибатҳои ҳақиқии Рушд ва қабули нишондиҳандаҳои |
| Қарзҳои стандартӣ (гурӯҳи1) | | | | | | |
| Қарзҳои ғайристандартӣ (гурӯҳи 2) | | | | | | |
| Қарзҳои шӯбҳанок (гурӯҳи 3) | | | | | | |

**Сарчашма:** муаллиф ҷадвалро дар асоси ҳисоботҳои солонаи БДА ҶТ Амонатбонк таҳият намудааст.

Системаи санҷиши сифати сандуқи қарзӣ дар таркиби худ: интихоби меъёри санҷиш, усули сифати қисмҳо ва бандҳои сандуқи қарзӣ, муайянкунии усулҳои тавсифи қаисмҳои сандуқ аз рӯи гурӯҳҳои сифатнокӣ (таваккалият), санҷиши сифати сандуқи қарзӣ дар асоси системаи коэффисиентҳои молиявӣ, санҷиши сифати сандуқи қарзиро дорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Памбухчиянц О.В. Организация и технология коммерческой деятельности: Учебник: – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2012.Ашӯров Н. Муомилоти пул ва қарз. Васоити таълимӣ – Душанбе: Матбуот, 2006.
2. Хотамов Н.Б. История банков и предпринимательство в Средней Азии (60-е годы XIX в. - 1917г.): Учебник – Душанбе: Эр-граф - 2014.
3. Ҷӯраев Б.М., Тоиров М. Пул, қарз, бонк: Васоити таълимӣ. Душанбе: Ирфон – 2013с.
4. Шарипов Б., Хонҷонов А. Асосҳои фаъолияти бонкӣ: Васоити таълимӣ. - Душанбе: Эр-граф – 2013.
5. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз: Китоби дарсӣ Душанбе: Эр-граф, 2008.



**Носирзода М., Рафиев Т.З.** магистрантони курси 2-юми ихтисоси 250104-молия вақарз. Роҳбари илмӣ. н.и.и.,дотсент Дустматов Б.


## НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОЗОРИ ДОХИЛА ВА ХОРИҶАИ СУҒУРТА

Чунон ки маълум аст, ташкилотҳои суғурта аз маблағҳои воридшудаи суғуртави андоз месупоранд, ки он ба буҷети ҷумҳурӣ дохил шуда, қисми даромади онро ғанӣ мегардонад. Ин маблағҳо барои ободонии мамлакат, маоши кормандон, нафақаи пиронсолон ва ба дигар мақсадҳо истнфода мешаванд, ки андаке бошад ҳам ба давлат сабукӣ мебахшад.

Бо ин мақсад аз ҳисоби ҳаққи суғуртавии суғурташавандагон (корхонаҳо, ташкилотю ташкилотҳо ва шаҳрвандон) фондҳои махсус ташкил ёфта, аз онҳо захираҳои эҳтиёт таъсис дода мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ чунин маблағҳо ба шахсони эҳтиёҷманд бо роҳҳои баргардонидан ва бо фоиз ба қарз дода мешаванд (мисол дар соли 2002 фоизи қарзи суғуртаи давлатӣ 1,5%-ро ташкил медод).

Давлат бо ин роҳ бехатарни ҳифзи саломатии шаҳрвандонро аз ҳар гуна ҳодисаҳон нохуш ва офатҳои табиии нигоҳ дошта,тавасути онҳоро ба кор, зиндагӣ ва давлат таъмин менамояд.

Бозори суғурта — ҷой ё мавқеъеро меноманд, ки дар он хизмат-расоиихои суғартавӣ хариду фурӯш карда мешаванд (ташкилотҳои суғуртави).

Фаъолияти ташкилотҳои зеринро дар бозори суғуртаи ватани қайд кардан зарур аст:

1. Ташкилоти давлатии Суғуртаи Тоҷикистон "Тоҷиксуғурта":
2. Ташкилоти давлатии суғуртавии "Тоҷиксармоягузор":
3. Ҷамъияти саҳомии суғуртавии "Муин";
4. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Суғуртаи иҷтимоӣ";
5. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Труд ";
